# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ “МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР”



**САРМУҲАРРИР**
**ЭҲСОН САФАРЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика, муҳаррири шуъба.

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** мудири шуъбаи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.



**МУАССИС**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:**
Департаменти хазинадории Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»
**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**
Барои маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»

**Ҷонишини сармуҳаррир**
**Насриддин ОХУНЗОДА**

**Котиби масъул**
**Сайрам АЛОВАТШОЕВА**

**Индекси обуна: 77570.**
Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6880 нусха. Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи “Мега-принт” ба табъ расидааст.

# МУНДАРИЧА

**ГИРОМИДОШТ**
М. ИМОМЗОДА. Пешвои миллат ва бузургдошти устод Айнӣ..............................3
**ХЕШТАНШИНОСӢ**
Ҷ. ҶӮРАЗОДА. Ҳифзи суботу амният - омили муҳимми рушди давлат.................6
**РӮЗИ ПОЙТАХТ**
К. КАРИМОВ, Г РАСУЛОВА. Хаёлам зеби дунёӣ, Душанбе...............................8
**НЕРУИ СОЗАНДА**
М. ТОИРЗОДА. Ҷавонон ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ.........................................10
**ИДЕОЛОГИЯ**
С. ШАРИФОВА. Мубориза бо терроризму экстремизм кори ҳамагонист............12
**БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК**
Н. ОХУНЗОДА. Таваҷҷуҳ ба неруи зеҳнӣ – асоси пешрафти давлат....................14
**РАВОНШИНОСӢ**
А. НОРМАТОВ. Нақши тарбия дар ташаккули шахсият.......................................17
**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**
З. МАРМАРЗОДА. Тарбияи эстетикӣ – омили рушди кӯдакон.............................20
**ТАБИАТШИНОСӢ**
Ҳ. АЛИЕВ. Ҳалли масъалаҳои генетикӣ ва биологӣ..............................................23
**БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОН**
И. АБДУЛЛОЕВ. Тартиби сохтани проексияи аксонометрии сатҳи мудаввар.....26
**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**
М. МАҲКАМОВ. Алгоритми ҳалли муодилаи квадратӣ бо татбиқи ба
фарқи квадратҳо табдил додани ҳосили зарби ду ифода.......................................29
**ТАҶРИБА**
М. ШУКУРОВ. Исботи формулаҳои суммаи дараҷаҳои ададҳои
натуралӣ бо методи индуксияи математикӣ............................................................35
**ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ**
М. ЭШОНҚУЛОВА. Нақши технологияи иттилоотӣ дар ташаккули
салоҳияти касбии донишҷӯён.........................................................................................40
**ТАҲҚИҚ**
М.МУРОДӢ. «Раҳбари дониш» ва ташаккули нақди адабӣ..................................43
**ТАҚРИЗ**
Н. ОХУНЗОДА. Устод Айнӣ ва масъалаҳои сиёсии замон...................................54
**АДАБИЁТ**
Гулистони сухан...............................................................................................................56
**ТОЗАНАШР**
Н. САНГИНЗОДА. Минбари илму дониш..............................................................58
**ШИНОХТ**
АШРАФ. Табиат, илм ва тафаккури техникӣ.........................................................61
**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**
Ҳ. ҲОМИД. Муаммои “Ҳақиқат”……………….....................………….............…64

**ГИРОМИДОШТ**



***Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,***
***доктори илми филология,***
***академик***

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА БУЗУРГДОШТИ УСТОД АЙНӢ



Нақши шахсиятҳои адабӣ дар рушди давлатдориву давлатсозӣ бузург мебошад. Таҳлилҳои амиқи ҷомеашиносону сиёсатшиносон собит намудааст, ки шахсиятҳои таърихӣ дар пешрафту шукуфоии кишвар хизматҳои шоёни таърихӣ кардаанд. Дар таърихи адабиёт ва публитсист икаи тоҷик шахсиятҳои адабие фаъолият кардаанд, ки бо кору пайкори пурсамари хеш дар рушди адабиёту фарҳанг ва давлатдории миллии мо нақши муассир гузоштаанд. Бо таълифи асарҳои мондагору омӯзанда ҳамчун шаҳодатномаи миллату давлат хидмат намуда, дар роҳи худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихори ватандории ҷомеа мусоидат намудаанд. Устод Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна адибону публитсистон ҳаст, ки бо эҷоди асарҳои арзишманд ба рушду инкишофи забону адабиёт ва публитсистикаи тоҷик саҳми босазо гузоштааст ва аз бузургтарин шахсиятҳои таърихист, ки дар вазъияти бисёр мушкилу ҳассос тавонист барои муаррифӣ ва исботи мавҷудияти воқеии миллати тоҷик хидмати босазо намояд. Устод Садриддин Айнӣ, адиб, олим, асосгузори адабиёти навини тоҷик ва аввалин Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Асарҳои офаридааш ба монанди «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Намунаи адабиёти тоҷик», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» ва ғайра, ки бо зиёда аз 30 забони хориҷӣ нашр шудаанд, ба адиб шуҳрати ҷаҳонӣ бахшидаанд...



Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмин гардидани сулҳу ваҳдати комил дар кишвар мақому манзалати шахсиятҳои шинохтаи таърихӣ ва арбобони сиёсию ҷамъиятӣ дар кишвар тадриҷан баланд гардид ва барои шинохти бештари онҳо амалҳои судманду манфиатбор анҷом дода шуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри баланд бардоштани мавқеву ҷойгоҳи адибони шинохта, бузургдошти фарзандони фарзонаи миллат ташаббусҳои созандаву омӯзанда роҳандозӣ намуданд. Таърих гувоҳ аст, ки пас аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон кинаву адоват ва фаъолияти душманони халқи тоҷик бештар гардид ва онҳо дар муқобили ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон забону адабиёт ва таърихи қадимиву бой ва

мавҷудияти халқи тоҷикро инкор мекарданд. Дар чунин вазъияти ҳассос собит ва ҳимоя намудани мавҷудияти халқи тамаддунофари тоҷик кори басо мушкилу хатарзо буд ва аҳамияти баланди таърихиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ дошт. Маҳз дар ҳамин давраи ҳассос (солҳои 1924-1926) устод Айнӣ ба таълифи мақолаву матолиби арзишманди илмиву публитсистӣ дар хусуси таъриху фарҳанг, тамаддун ва забону адабиёти бойи тоҷик дар матбуот машғул гардид ва халқи тоҷикро дар муборизаҳои сиёсӣ ҳимоят кард. Дар ниҳоят, бо заҳматҳои хастагинопазир устод Садриддин Айнӣ китоби пурарзиши “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро дар соли 1926 таълиф намуд ва таърихи бою рангини халқи тамаддунофари миллати тоҷикро барои душманони миллат ва ҷаҳониён бо факту далелҳои раднопазир исбот кард. Дар робити ба таълифи ин асари устод Айнӣ Пешвои миллат таъкид кардаанд: “Дар ин вазъияти таърихӣ ба майдони мубориза устод Айнӣ ба ҳайси як қаҳрамони миллӣ ворид гардид. Ӯ тавассути таълифи асари “Намунаи адабиёти тоҷик”, мақолаҳои илмӣ ва асарҳои барҷастаи мустанад алайҳи идеологияи бадхоҳон дар роҳи бедориву худшиносии миллати тоҷик хидматҳои барҷаста кард. Устод дар офаридаҳои хеш бисёр масъалаҳои ҳаёти таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабии халқи тоҷикро ба миён мегузорад ва бо мӯшикофиҳои хирадмандона таъриху тамаддуни қадима доштани тоҷиконро исбот месозад”.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба хидматҳои арзандаву мондагори устод Садриддин Айнӣ, ки барои бақои миллати тоҷик ва тарбияи ҳисси ватанпарварӣ ва ҳувиятхоҳии он анҷом додааст, дар маърӯзаю суханрониҳояшон батафсил андешаҳои хешро баён кардаанд. Дар заминаи таҳлилу баррасиҳои осори устод Айнӣ Пешвои милллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назарияи тозаро пешниҳод мекунанд ва ӯро ҳамчун фарҳангсолору муборизи роҳи озодӣ ва инқилоби фикрии мардум дарёфтаанд: “Ба ёд овардани он кофист, ки дар замони пуризтироби худ Аҳмади Донишу Садриддин Айнӣ ва ҳамсафони онҳо чи инқилоби фикрие дар тамоми қаламрави Осиёи Марказӣ карда, ба мардум пайки субҳро оварда буданд”.

Дарвоқеъ, устод Садриддин Айнӣ аз шахсиятҳои шинохтае маҳсуб меёбад, ки ҳамеша дар меҳвари эҷодиёташ фарҳанг, таърих, забон, адабиёт, ҳувияту истиқлолхоҳӣ ва маърифату омӯзишро қарор дода, бахри дифои арзишҳои миллӣ талош кардааст. Маҳз, омӯзиши асарҳои бадеию илмӣ, публитсистию сиёсиаш заминаи воқеӣ ҷиҳати шинохти миллату фарҳанги тоҷик имкон фароҳам меорад. Ин паҳлуи масъала низ аз назари Пешвои миллат дур намондааст: “Агар дар аҳди Сомониён дар сари гаҳвораи фарҳангу адабиёти оламшумули мо - сардафтари адабиёти тоҷику форс устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шабзиндадорӣ карда бошад, дар садсолаи бистум, ки масъалаи будан ё набудани миллати тоҷик борҳо дар дастури рӯз қарор дошт, устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба пуштибониву посдории таърих, фарҳанг, забон ва мероси адабӣ, парчаму оини давлатдорӣ ва ҳаққу ҳуқуқи маънавии миллати тоҷик бархоста, бар зидди фарҳангситезони кӯрботин муборизаи оштинопазир бурданд. Ин ду фарзанди бузурги миллат бо шоҳасарҳои худ “Намунаи адабиёти тоҷик” ва дертар “Тоҷикон” нақшаҳои шуми бадхоҳон ва душманони миллати тоҷикро бо бурҳону далелҳои қотеъ ва санадҳои раднопазири илмӣ барбод дода, таъриху фарҳанг ва забони ноби тоҷикиро наҷот доданд”.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат дар бораи мақом ва хидматҳои арзандаи фарзанди фарзонаи миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Айнӣ ёдовар мешаванд. Ин омил имкон медиҳад, ки мардум ба осори ӯ бештар таваҷҷуҳ намоянд ва навиштаҳои ӯро мунтазам мутолиа кунанд. Таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои миллат ба хидматҳои мондагори устод Сариддин Айнӣ манзалати ӯро дар байни мардум бештар гардондааст. Дар баробари ин, Пешвои миллат дар китоби “Чеҳраҳои мондагор” перомуни хидаматҳои бузургу мондагори устод Айнӣ ба таври фишурда ҳамчун хулосаҳои илмӣ аз асарҳои бадеию илмӣ ва публитсистии ӯ пешниҳод кардаанд, ки як навъ бозтоби муҳтавои асарҳои устод Айнӣ мебошанд.

Дар суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон устод Садриддин Айнӣ ҳамчун таърихшинос, асосгузори матбуоти тоҷик, ки дар тарбияи рӯзноманигорон нақши босазо гузоштааст, асосгузори адабиёти муосири тоҷик, забоншиноси фарҳехта, ки дар густариш забони тоҷикӣ хидмати мондагор кардааст ва дар бунёди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон саҳми муносиб гузоштааст, таҷаллӣ ёфтааст. Ба ин мазмун Пешвои миллат таъкид мекунанд:

“Устод Садриддин Айнӣ бо хираду ҷасорати таърихиаш ба ҳифзи фарҳангу адабиёти куҳанбунёди миллати тоҷик бархоста, дар густариши онҳо дар сафи пеш қарор дошт. Бо ҳидояти ӯ даҳҳо шогирдонаш ба пойтахти навтаъсис кӯч бастанд. Ҳамон солҳо даҳҳо шоирону нависандагон, олимон, овозхонону оҳангсозон ва дар маҷмуъ, зиёиёни зиёде ба пойтахти мамлакат омаданд, то ин ки нерӯи солим ва пешбарандаи зеҳниву ақлонии онро ташкил дода, ҳамчунин, дар маҳви бесаводии мардум саҳми сазовор гузоранд. Пойтахти давлати навини тоҷикон ба макони нашъунамои сиёсатмадорони нав, қаҳрамонони меҳнат, олимони забардасти соҳаҳои табиатшиносию ҷомеашиносӣ, шаҳри дӯстию бародарии миллатҳои гуногун табдил ёфт”.

Дар замони соҳибистиқлолӣ хидматҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташвиқу тарғиб ва таъини манзалату қадршиносии устод Айнӣ шоистаи таҳсин аст. Бояд гуфт, ки Пешвои миллат дар ҳар вохӯрӣ бо аҳли зиёи мамлакат ё навиштаҳои худ аз хидматҳои шоёни устод Айнӣ ҳамчун роҳнамои аҳли зиёи кишвар ёдовар мешаванд. Пешвои миллат баҳри арҷгузорӣ ба хидамтҳои ин фарзанди фарзонаи миллат номҳои макон, донишгоҳу театр, боғу марказҳои фарҳангӣ, гулгашту хиёбонҳо гузошта шудааст. Аз ҷумла, барои хизматҳои шоиста дар назди давлат ва халқ унвони Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Барои хидмати ҷоннисорона ва миллатдӯстона барои нигоҳ доштан ва ривоҷи забону адабиёт, таъриху фарҳангамон ва умуман, тарбияи таърихнигорон, рӯзноманигорон, шоирону нависандагон ва арбобони давлати ҷавони тоҷик соли 2007 аввалин мактаби олии маорифи кишвар, яъне Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣ номгузорӣ шуд...

Бояд гуфт, ки устод Айнӣ ҳам дар таълифи асарҳои бадеӣ, ҳам публитсистӣ, ҳам пажуҳишҳои илмӣ ва ҳам луғатнигорӣ аз худ мероси ғанӣ боқӣ мондааст, ки омӯзишу таҳқиқи ҳамҷонибаи онҳо аз ҷониби пажуҳишгарон муҳимму арзишманд мебошад. Устод С. Айнӣ аз зумраи адибонест, ки доир ба эҷодиёташ пажуҳишҳои зиёд анҷом дода шудааст, даҳҳо рисолаҳои илмӣ ҳимоя гардидааст, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни ҳунару маҳорати нависандагии устод Айниро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Рисолаҳои илмие, ки доир ба эҷодиёти устод Айнӣ анҷом шудааст, метавон ба се бахш ҷудо намуд:

Якум, рисолаҳое, ки доир ба ҷанбаи адабии эҷодиёти устод Айнӣ таҳқиқ гардидааст.

Дуюм, рисолаҳое, ки ҷанбаи забонии эҷодиёти устод Айниро бозгӯ мекунанд.

Сеюм, пажуҳишҳое, ки дар хусуси публитситикаи устод Айнӣ анҷом дода шудааст.

Шоистаи таъкид аст, ки устод Айнӣ бо эҷоди асарҳои публитсистии хеш яке аз поягузорони матбуоти тоҷик буда, нахустин навиштаҳояш дар матбуоти замон ба табъ расидаанд. Маҳз матбуоту публитсистика имкон дод, ки устод Айнӣ бо навиштаҳои худ ташаккулу рушди тафаккури ҷомеаро такони ҷиддӣ бахшад. Дар баробари ин, устод Айнӣ дар рушду такомули публитсистикаи тоҷик саҳми босазо гузошта, асарҳои таълифкардааш дар ин самт имрӯз низ аҳамияти таърихиву тарбиявии худро гум накардааст. Махсусияти вижаи навиштаҳои публитсистии устод Айнӣ, ки он ба тамоми осори ӯ хос мебошад, тасвири руҳи барозандаи миллии халқи тоҷик, қаҳрамонӣ ва шуҷоати барҷастаи муборизони ҷодаи озодию истиқлолиятхоҳии ин марзу бумро дар бар гирифтааст ва барҷаста будани ҳувияти миллӣ дар осораш ба он далолат мекунад, ки асарҳои публитсистиаш муҳиммияти вижаи худро доро мебошад.

Масъалаи дигаре, ки ҳанӯз дар илми журналистика омӯхта нашудааст, публитсистикаи сиёсӣ мебошад. Дар замони муосир ва муборизаҳои шадиди иттилоотӣ ин мавзуъ арзиши бештаре пайдо кардааст. Зеро бархурдҳои иттилоотӣ ва вазъи сиёсии ҷаҳон тақозо мекунад, ки ҷанбаи назариявию амалии публитсистикаи сиёсӣ ба таври фарогир мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирад. Ба ин мазмун ҳанӯз публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ ба таври фарогир ва бунёдӣ пажуҳиш нагардидааст. Омӯзиши публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ, аз як тараф, ба дарку маърифати мафҳуми мазкур мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, саҳифаи навро дар илми публитсистикашиносии тоҷик (махсусан, публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ) боз мекунад ва заминаро барои пажуҳишҳои минбаъда муҳайё месозад...

**ХЕШТАНШИНОСӢ**



***Ҷ.ҶӮРАЗОДА,***
***доктори илмҳои таърих, профессор,***
***муовини якуми вазири маориф ва***
***илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ҲИФЗИ СУБОТУ АМНИЯТ - ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ДАВЛАТ



Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат, ки санаи 23-уми декабри соли 2022 ироа гардид, санади барномавӣ, раҳнамунсоз ва муайянкунандаи ояндаи дурахшон буда, он таҳлили вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, дастовардҳо, рақамҳои мушаххас доир ба иҷрои барномаву стратегияҳо, ҳадафҳои стратегӣ, рушду пешрафти давлати соҳибистиқлоли мо ва дастуру супоришҳои мушаххас барои солҳои минбаъдаро дар бар мегирад. Яъне, дар Паём Пешвои миллат бо ёдоварӣ аз вазъи мураккаби сиёсиву иқтисодии ҷаҳон, давраи ниҳоят ҳассосу душвортарини таърих, рушди иқтисод, ташаккули буҷаи давлатӣ, шуғли аҳолӣ, амалигардии ҳадафҳои стратегӣ, инкишофи соҳаҳои иҷтимоӣ, ба монанди маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҷавонону занон, зиёдгардии маошу нафақа, такмили қонунгузорӣ, пешгирии ҷинояткорӣ, терроризму экстремизм ва робитаҳои хориҷии Тоҷикистонро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд.

Сарвари давлат, зикр намуданд, ки таъмини суботу амнияти ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳимтарине мебошад, ки зери таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар қарор дорад. Воқеан ҳам, дар замони муосир суботу амнияти давлату ҷомеа яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи тамоми давлатҳо ба шумор рафта, муносибати ҷиддӣ ва зиракии сиёсии шаҳрвандонро тақозо менамояд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз хатарҳои ҷиддӣ барои амнияту суботи мамлакатро терроризм ва экстремизм маҳсуб дониста, пайваста дар баромаду суханрониҳои худ доир ба хавфу хатарҳои он изҳори нигаронӣ мекунанд. Дар Паёми навбатии хеш Сарвари давлат таъкид намуданд: “Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд”.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари шаҳрвандон, махсусан, бархе аз ҷавонони ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ҳамроҳшуда, ба хурофоту ҷаҳолат гирифтор мешуданд, ки маҳз аз бесаводӣ, надоштани дониши дурусти динию дунявӣ, инчунин, тамошои бемавриди

барномаву суханрониҳои касифонаи хоинони миллат, гӯш кардани амри маъруфу насиҳатҳои дурӯғини муллоҳои ифротӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ ба ин роҳи торик рафтаанд.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат ба ниҳодҳои дахлдор супориш доданд, ки “ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои терроризму экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд”.

Барои пешгирӣ намудани гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ муайян намудани омилу сабабҳои он аҳамияти муҳим дорад. Омилҳои асосии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундраву ифротӣ таълимоти ғайриқонунии динӣ ба наврасону ноболиғон, таълими ғайрирасмӣ дар донишгоҳҳои динии хориҷа, чоп, паҳн ва ворид намудани адабиёти муҳтавои динӣ-экстремистидошта, динситезиву бетарафии баъзе қишрҳои ҷомеа, дастрасии ҷавонону ноболиғон ба шабакаҳои интернетӣ ва бе назорати волидайну устодон ворид шудан ба шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ, таъсири муҳити криминалӣ-ифротӣ ба зеҳни онҳо, дар муҳоҷирати меҳнатӣ ба ваъдаву амалҳои экстремистон бовару эътиқод кардан ва ғайра дохил мешаванд.

Таҷрибаи мақомоти тафтишотиву судӣ собит месозад, ки аксари ҷавонони бо ҷурми содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дастгиршуда маҳз тавассути шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ба гумроҳӣ даъват ва фирефта шуданашонро баён мекунанд. Ин ҳолат моро водор месозад, ки ба ҷавонону наврасон маърифати истифодаи интернет, ворид шудан ба сомонаву барномаҳо ва гирифтани маълумотро омӯзонем. Онҳо бояд хуб дарк намоянд, ки ҷонибдорӣ намудан, паҳн кардан, маъқул донистан ва ҳатто дӯст шудану паём навиштан бо нафарони ифротӣ дар интернет амали ғайриқонунӣ ва ҷиноят ҳисобида мешавад. Тамошои мунтазами сомонаву барномаҳои хусусияти экстремистидошта, аз ҷумла, Ютуб тафаккуру ҷаҳонбинии шахсро тангу торик менамояд, инсонро ба бадбинии сохти давлатдорӣ, сохтори ҷамъиятӣ, нодида гирифтани дастовардҳо, бегонапарастӣ, куҳнапарастӣ ва каҷравию якравӣ роҳсипор месозад.

Халқи тоҷик сабақҳои талхи мухолифату ноороміҳо, амалҳои терроризму экстремистӣ ва беназмиву беқонунии солҳои 1992-1997, ки аз ҷониби наҳзатиёни ифротӣ ва хоҷагони хориҷиашон ба сари давлату миллати мо омад, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Аз ин лиҳоз, мо бояд тамоми амалу рафтори худро дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба риоя ва иҷрои бечинучарои қонунҳо, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ҳифзи Ватан ва таъмини оромиву суботи мамлакат ва ҳамкории судманд бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамоҳанг намоем.

Сарвари давлат дар Паём ба Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ супориш доданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир мегарданд, барои таъсис додани Маркази ягонаи иттилоотӣ пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд. Таъсиси чунин марказ барои боз ҳам беҳтар гардидани мубориза ва ошкор сохтани ҷиноятҳои марбут бо экстремизм ва терроризм аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамин тариқ, вазъи ҷаҳони муосир, манфиатҷӯии абарқудратҳо, муносибати духӯра нисбат ба экстремизму терроризм тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон, махсусан, зиёиёнро водор месозад, ки зери партави сиёсати хирадмандона ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якдилона ва софдилона фаъолият намоянд. Ҳамзамон, зарур аст, ки андешаву афкори ҷавононро беолоиш нигоҳ дорем ва нагузорем, ки ягон душмани нохалаф, гурӯҳҳои тундраву ифротӣ, бозингарони сиёсии ғарб ба якпорчагӣ, сулҳу субот, пешрафту шукуфоии Ватани маҳбубамон халал ворид созанд. Роҳи асосии ноил гардидан ба ин мақсаду ҳадафҳо дар атрофи давлату Ҳукумат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муттаҳид шудан, бетарафӣ накардан, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, касбомӯзӣ ва дар руҳияи таҳаммулпазирӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва боварии қаввӣ ба фардои дурахшон тарбия намудани ҷавонон мебошад.

**РӮЗИ ПОЙТАХТ**

***Камолиддин КАРИМОВ,***
***унвонҷӯйи ДДОТ ба номи С. Айнӣ,***
***Гулнисо РАСУЛОВА,***
***омӯзгори МТМУ №9-и ноҳияи Айнӣ***

# ХАЁЛАМ ЗЕБИ ДУНЁӢ, ДУШАНБЕ



Ҳафриёти бостоншиносӣ ва сарчашмаҳои хаттӣ собит месозанд, ки шаҳри Душанбе, воқеъан, яке аз марказҳои қадимии тамаддун ва фарҳангии тоҷикон ба ҳисоб рафта, таърихи пайдоиши он ба қарнҳои IV-V-и мелодӣ расида, аз охирҳои асри XIV ҷузъи минтақаи “Шумон” (ҳозира водии Ҳисор) ба шумор мерафтааст. Донишманди балхӣ Маҳмуд ибни Валӣ дар китоби “Баҳр-ул-хавофӣ фи маноқиб айёр” (оғози асри XVII м) ва хони Балх Субҳонкул Баҳодур дар мактуби худ ба шоҳи давлати Рус Фёдор Алексеевич (моҳи декабри соли 1676) аз мавҷудияти Душанбе ба хубӣ ёд кардаанд. Дар санаде, ки аз соли 1826 боқӣ мондааст, шаҳр бо номи “Душанбе-Кӯрғон” (маънояш Қалъаи Душанбе) ёд шудааст, ки он дар канори чапи рӯди Варзоб ҷой дошта, ҳар рӯзи душанбе дар он ҷо бозор баргузор мешудааст, ки таърихнигорон пайдоиши номи Душанберо маҳз ба ҳамон “Душанбе-бозор” маънидод мекунанд.

Аз омӯзиши бонизоми илмӣ ва археологӣ маълум мегардад, ки бинобар сабаби ҷангҳои дохилии асри XIX дар радифи дигар минтақаҳои водии Ҳисор Душанбе низ фарозу нишеби зиёдеро паси сар кардааст. Барои мисол, метавон гуфт, ки дар натиҷаи лашкаркашиҳои беки Дарвоз Исмоилхон ва ҳокими Балҷувону Кӯлоб Мизробшо Душанбе 2 маротиба хароб карда шудааст.

Дар замони ҳукмронии Абдулкаримбийи парвоначӣ муносибати мулки Ҳисор бо ҳокимони Кӯлоб, Балҷувон ва Дарвоз тезу тунд мешавад. Беки Балҷувону Кӯлоб Каттабек ба сӯйи Ҳисор лашкар кашида, мағлуб гашта, асир меафтад. Писари Каттабек Мизробшоҳ барои қасоси падари худро гирифтан ба шоҳ Исмоилхон иттифоқ баста, ба сӯйи Душанбе ҳаракат мекунанд. Баъди ишғоли Душанбе бо фармони Мизробшоҳ ва Исмоилхон Душанберо оташ мезананд.

Дар ин вазъияти хеле ногувор кордонию маҳорат ва тадбири андешидаи аҳолии таҳҷоии деҳаҳои Хӯҷамбиёи боло, Хӯҷамбиёи поён, Миршикор, Шоҳмансур ва Сари Осиё буд, ки сарбаландона ғолибиятро ба даст оварда, шукӯҳу шаҳомати пешинаи Душанберо барқарор месозанд.

Дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX дар шаҳри Душанбе қалъаи Мир, қозихона, дорухона, шифохона ва чойхонаҳо амал мекарданд. Сокинони ин шаҳри таърихӣ бо мақсади нигоҳ доштани амнияти озуқаворои аҳолии Душанбе, ба соҳаҳои ҳунармандӣ, пахтакорӣ,

чорводорӣ, боғдорӣ, оҳангарӣ ва кулолгарӣ, чармгарӣ машғул гардида, кишоварзиро яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисодӣ медонистанд.

То давраи инқилоб Душанбе дар ҳайати аморати Бухоро буд ва он деҳаҳои Сари Осиё, Шоҳмансур, Хӯҷамбиёи боло ва Хӯҷамбиёи поён, Қара Миршкор, Заргар, Чармгарон ва Ғофилободро дар бар мегирифт. 8-уми сентябри соли 1907 тахтгоҳи беки Ҳисор, ки бо номи қалъаи “Ҳисори Шодмон” маъмул аст, дар 5 километрии шимолу ғарбии шаҳри Душанбе қарор дорад, дар натиҷаи заминларза вайрон шуда, аз он танҳо як дарвоза ва ду бурҷ дар миёни ду кӯҳ барҷой мемонад. Баъди ин ҳодиса беки Ҳисор Шоҳимардонқул бо тамоми наздикону пайвандонаш ба қалъаи Душанбе, ки дар он замон маркази яке аз амлокдориҳояш буд, мекӯчад ва Душанберо ҳамчун тахтгоҳ, яъне, пойтахти ғайрирасмии бекигарии Ҳисор муаррифӣ мекунад.

Соли 1924 дар баробари ташкил шудани ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон Душанбе бо шумораи камтар аз 500 хоҷагӣ, ки аҳолии он тақрибан ба 6 ҳазор нафар буд, унвони шаҳр ва пойтахти Тоҷикистонро гирифт ва худи ҳамон сол аввалин кӯча бо номи Советӣ бо дарозии 3 километр ва дигаре бо номи Душанбе пайдо шуд, ки деҳаи Душанберо ба ду қисм ҷудо мекард.

Бо мақсади бунёди хонаҳои истиқоматии баландошёна, марказҳои хизматрасонӣ ва дигар иншооти ҳаётан муҳим, бо талошҳои бевоситаи Раиси Шурои шаҳрӣ Абдулкарим Розиқов соли 1926 аз Ленинград гурӯҳи муҳандисону меъморон ба Душанбе омада, нақшаи сохтмони пойтахти нави Тоҷикистон – шаҳри Душанберо тарҳрезӣ намуданд, ки дар натиҷа моҳи апрели соли 1927 Совети Комиссарони Халқи ҶШС Тоҷикистон қарор “Дар бораи сохтмони шаҳри Душанбе”-ро қабул мекунад.

Баъди таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон эътибори Душанбе баланд мегардад. Ва он оҳиста-оҳиста симои худро дигар намуда, тадриҷан ба шаҳри бузург табдил меёбад. 16-уми октябри соли 1929 пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе тағйиро ном намуда, номи Сталинободро мегирад ва 10-уми ноябри соли 1961 баъди 8 соли вафоти Сталин бо қарори Шурои шаҳрии Сталинобод дубора номи таърихии худро соҳиб мешавад.

Боиси ифтихори тамоми тоҷикони ҷаҳон аст, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба даст овардани сулҳу субот дар кишвар дар шаҳри Душанбе дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Шаҳри Душанбе дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ комёб гардида, бо бунёд гардидани корхонаҳои саноативу истеҳсолӣ ба як шаҳри азиму зебои саноатӣ табдил ёфт. Заводу корхонаҳои нави саноатӣ қомат афрохтанд.

Имрӯзҳо шаҳри Душанбе ба чор ноҳияи маъмурӣ: ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино ва Шоҳмансур тақсим шудааст. Аз тарафи шимолии шаҳри Душанбе ноҳияи Варзоб, аз ҷануб, ғарб ва шарқ ноҳияи Рӯдакӣ воқеъ мебошанд.

Бо мақсади омода намудани мутахассисони баландихтисос биноҳои наву замонавии муассисаҳои таълимӣ бунёд ва барои солимии ҷомеъа даҳҳо муассисаҳои тандурустӣ бо беҳтарин технологияҳои ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмиллалӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Барои истироҳати бофароғати сокинону меҳмонони Душанбе кӯчаву хиёбонҳои фарроху назаррабо, майдону гулгаштҳо, боғҳои фарҳангу фароғатии “Устод Рӯдакӣ”, “Ирам”, “Садриддин Айнӣ”, “Куруши Кабир”, “Маҷмааи Истиқлол” сохта ба истифода дода шуданд, ки ҳар яки он дили ҳазорҳо нафар сайёҳону меҳмононро ба худ ҷалб менамояд.

Барои мо, тоҷикон, таҷлили Рӯзи пойтахт санаи таърихӣ ва яке аз ҷашнҳои муқаддас ба шумор меравад. Маҳз талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ шаҳри Душанбе макони асосии вохӯрии сарони давлатҳои ҷаҳон интихоб шуда, бузургтарин чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ баргузор мегардад.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки шаҳри Душанберо чун гавҳараки чашм муҳофизат кунем ва баҳри пешрафти он саҳми босазо гузорем. Бигзор хуршеди тобони сулҳу субот дар Тоҷикистон ва пойтахти он шаҳри Душанбе то абад тобанда бошад.

**НЕРУИ СОЗАНДА**



***Муҳаммадалӣ ТОИРЗОДА,***
***сармутахассиси шуъбаи маркетинг,***
***амвол ва хариди давлатии***
***Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ҶАВОНОН ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

**Мо ҷавононро неруи созандаву бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ва ояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрӯз ба онҳо такя мекунем.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**



Ба ҳамагон маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ рӯйдодҳои ҳассоси таърихиро пушти сар намуд. Дастовардҳои имрӯзаи даврони соҳибистиқлолӣ насли ҷавонро ба субота созандагӣ ҳидоят менамояд.

Ҳарчанд давраҳои тақдирсози кишварамон бо хотираҳои ибратомӯзу таърихӣ пушти сар шуданд, вале дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир ҳифзи манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ мо, ҷавононро, вазифадор менамояд, ки баҳри таҳкими истиқлол ва бақои давлату миллат талош намоем. Бо таъкиди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Пеш аз ҳама, бояд сари ин мушкилот андеша кунем, ки дар давраҳои хеле ҳассоси тезутунд шудани муносибатҳои байни абарқудратҳо барои ҷорӣ намудани низоми нави ҷаҳондорӣ, сарфи назар аз мавҷудияти ақидаҳои мухталифи сиёсиву динӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа, мо барои ҳифзи сарвати бузургтарин ва бебаҳои худ, яъне, Ватан ва истиқлолияти миллӣ муттаҳид бошем, барои ҳифзи манфиатҳои милливу давлатии худ зиракиро аз даст надиҳем».

Бешубҳа, дар чунин шароит зарур аст, ки асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро ғояи таҳкими Истиқлоли давлатӣ, Ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амният ва ҳифзи тамомияти арзӣ ташкил диҳанд. Таҷрибаи сиёсии ҷаҳони муосир собит сохт, ки иқтисоди ғаниву устувор ва ҳатто артиши пуриқтидори замонавӣ наметавонад амнияти давлатро ба таври бояду шояд таъмин намояд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ, бархурди тамаддунҳо ҳамон нафаре метавонад устувор бошад ва фирефтаи гурӯҳҳои манфиатҷӯ ва ҳизбу ҳаракатҳои ирҷиҷоӣ нагардад, ки аз донишҳои сиёсию ҳуқуқӣ бархӯрдор ва дар баробари ин, тафаккури солим ва иродаи мустаҳкам дошта бошад. Маҳз ноогоҳии сиёсӣ, дур будан аз фарҳанги ҳуқуқӣ ва дараҷаи пасти ҷаҳонбинӣ бархе аз ҷавонон фирефтаи гурӯҳҳои тундраву ифротӣ мегарданд. Дар робита ба ин, Пешвои миллат таъкид намуданд. “Яке аз сабабҳои асосии майл пайдо кардани одамон ба хурофот, ифротгароӣ ва

радикализми динӣ маҳз бесаводист. Зуҳуроти номатлуб ва хатарноки зикршуда тафаккури мардум, хусусан, наврасону ҷавонони камтаҷрибаро заҳролуд карда, онҳоро ба ҷаҳолат мебаранд, зиндагии ҷомеаро тиразу торик месозанд ва боиси қафомонии давлат аз роҳи пешрафт мегарданд. Такроран таъкид менамоям, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба инсон ғайр аз бадбахтӣ чизи дигаре дода наметавонад”.

Бинобар ҳамин, Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон ҳамеша таъкид мекунанд, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар сиёсати давлатии Пешвои миллат ҷавонон мавқеи устувор доранд. Пешвои миллат ба вазъи мураккаби авзои ҷомеа нигоҳ накарда, нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла, беҳдошти вазъи таълиму тарбия, соҳиби ихтисос, касбу ҳунар, ҷои кор гардидан ва ҷойгоҳи хосса пайдо намудани онҳо дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Аз ин рӯ, ҷавонон бояд дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумати мамлакатро қадр намуда, бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватанпарастӣ, ифтихори миллӣ дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ, Ваҳдати миллӣ ва шукуфоии бештари Тоҷикистон саҳм гузоранд.

Фаромӯш набояд кард, ки мо таҳкими Истиқлол ва давлатдории миллии худро танҳо бо худшиносӣ, худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, дониши комил ва одобу ахлоқи ҳамида таъмин карда метавонем ва дар ин кор ҷавонони кишвар бояд намунаи ибрати дигарон бошанд. Пас, мо, ҷавононро, зарур аст, ки зери парчами Истиқлол таҳти роҳбарии Пешвои миллат ояндаи неку дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлолро таъмин ва манфиатҳои миллиро ҳифз намоем.

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

# ДМТ АЗ АККРЕДИТАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ МЕГУЗАРАД

Дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тадбирҳои муҳимеро роҳандозӣ намудааст.

Бо ин мақсад имрӯз (29.03.2023) дар доираи ҳамкориҳои дуҷонибаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (Независимое Агентство аккредитация и рейтинга (НААР)) комиссияи экспертии Агентии мазкур ба донишгоҳ ташриф оварда, барои гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ ба кори худ оғоз намуд.

Қаблан комиссияи экспертӣ бо ректори донишгоҳ, профессор Хушвахтзода Қ. Х. вохӯрӣ намуда, дар самти баргузории аккредитатсия табодули афкор намуданд. Гуфта шуд, ки ихтисосҳои кори тиббӣ-ташхисӣ ва кори табобатии факултети тиббӣ, ихтисоси дорусозии факултети фарматсевтӣ, ихтисоси муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқӣ, ихтисоси ҳуқуқшиносии факултети ҳуқуқшиносӣ, ихтисоси молия ва қарзи факултети молиявию иқдисодӣ, ихтисоси механикаи факултети механикаю математика, ихтисоси химияи факултети химия, ихтисоси физикаи факултети физика ва ихтисоси биологияи факултети биология аз аккредитатсияи байналмилалӣ мегузаранд.

**ИДЕОЛОГИЯ**

*Санавбар ШАРИФОВА,*
*ходими калони илмии*
*Пажуҳишгоҳи рушди маориф*
*ба номи Абдураҳмони Ҷомии*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*



# МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ КОРИ ҲАМАГОНИСТ




Терроризму экстремизм зуҳуроти номатлубест, ки дар нимаи дуюми асри ХХ мавриди омӯзиш ва таҳлили бештари коршиносони соҳа қарор гирифт. Зеро он зуҳуроти инсонӣ буда, ҷомеаи ҷаҳониро дар ҳоли ташвишу изтироб қарор додааст. Албатта, саволе ба миён меояд, ки кадом омилҳо сабаб мешавад, то одамон ба ин амалҳои мудҳишу фалокатбор даст мезананд? Тибқи таҳлили коршиносон заъфи маърифати ҳуқуқӣ, надоштани донишҳои амиқи диниву дунявӣ аз омилҳои асосии гаравидан ба гурӯҳу равияҳои хатарнок аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-и қарни ХХ баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ гирифтори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид. Баҳсу мунозираи пайвастаи шахсияту чеҳраҳои намоёни ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ боис гардид, ки қуваҳои берунӣ ба шиддати баҳсу мунозираи сарварони аз сиёсати бузург дурафтода равған пошанд ва миллатро ба коми оташу хун бикашанд. Бародар бародарро кушт, миллат хору залил шуд, зиёда аз як миллион нафар фирорӣ гардид. Беш аз 10 миллиард доллар зиёни молӣ ва солҳо зиёни маънавии ин ҷанги хонумонсӯзро миллати мо эҳсос мекунад.

Дар замони муосир мо - омӯзгоронро зарур аст, ки дар партави сиёсати бунёдкоронаи давлату Ҳукумат наврасону ҷавононро дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намоем, то аз гурӯҳу равияҳои хатарзои ҷомеа дур бошанд. Зеро душманони дохиливу хориҷии мо, ки як маротиба дар оғози солҳои Истиқлол мамлакатро ба хоку хун кашиданд, ҳанӯз ҳам бо дастгирии хоҷагони хориҷии худ талош доранд вазъи орому осудаи кишварро халалдор созанд ва ҷавонони ноогоҳро гумроҳ намоянд. Аз ин рӯ, салоҳи кор аст, ки дар ниҳоди наврасону ҷавонон тавре зеҳниятсозӣ намоем, ки дар муқобили муборизаҳои идеологии гурӯҳҳои тундраву ифротгаро дастболо шаванд.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ талошҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муборизаи муштарак бо терроризму экстремизм дарк менамояд. То кунун Тоҷикистони соҳибистиқлол мизбони чандин нишасту ҳамоишҳои сатҳи ҷаҳонӣ вобаста ба тақвияти муқовимат бо терроризму экстремизм шудааст, ки Конфронси сатҳи баланд таҳти унвони “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузори он, аз ҷумла гардиши

ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил” намунаи он мебошад. Ин нишаст, ки бо ташаббуси Тоҷикистон дар ҳамкорӣ ва ҳамдастии Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо моҳи майи соли 2022 доир шуд, муборизаи ҷомеаи ҷаҳониро ба ин зуҳуроти номатлуб тақвият бахшид.

Солҳои 1992 – 1997 давраи мушкилтарини таърихи Тоҷикистон буд, ки бегуфтугӯ хатари аз байн рафтани кишварамон ба миён омад. Барои гирифтани пеши роҳи чунин фоҷеаи мудҳиш нафаре зарур буд, ки ҳастии хешро баҳри таъмини сулҳу ваҳдат фидо намояд ва ин шахсият муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд. Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали зимоми давлатро ба даст гирифтан ба неруи халқу миллати хеш такя карданд ва давлатро аз нобудӣ наҷот бахшиданд. Ҳамин тариқ, 27-уми июни соли 1997 «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» дар шаҳри Москва ба тасвиб расид ва пайки шодиро барои халқи тоҷик ба армуғон овард ва корҳои ободонию созандагӣ дар кишвар вусъат ёфт.

Бо талош ва ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардид ва имрӯз бо беш аз 150 давлати рӯйи дунё ҳамкориҳои судмандро роҳандозӣ кардааст.

Пешвои миллат ҳамеша таъкид мекунанд, ки ворисони арзандаи гузаштагони некноми хеш бошем ва бояд хуб дарк намоем, киояндаи кишвари азизамон дар дасти ҳар яки мост ва моро зарур аст, ки сарзамини аҷдодиамонро бо заҳмати сарҷамъонаю ватандӯстона боз ҳам бештар обод созем.

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

## БАРНОМАИ РУШДИ ТАВАҶҶУҲИ МАКТАББАЧАГОН БА ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ВА ТЕХНИКӢ

Вазорати таҳсилоти олӣ ва илми Россия таҳияи барномаи рушди таваҷҷуҳи мактаббачагон ба фанҳои физика, математика, химия, биология ва информатикаро ба анҷом мерасонад.

Гуфта мешавад, ки баланд бардоштани сифати маълумоти олии инженериро бе кори якҷоя бо мактаб тасаввур кардан мумкин нест. Тайёрии фаъолонаи мактаббачагон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муштарак дар соли 2023 мебошад.

Вазорати таҳсилоти олӣ ва илми Россия якҷоя бо Вазорати маориф дар заминаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ синфҳои муҳандисиро низ ташкил мекунад. Дар соли 2022 дар 23 субъекти сохторӣ 126 чунин синфҳо дар профили авиатсия ва киштисозӣ кушода шудааст, ки дар он қариб 3000 нафар хонандагон таҳсил мекунанд.

Синфҳои муҳандисӣ барои осонтар ва пурмазмунтар шудани гузариш аз мактаб ба донишгоҳ кӯмак мекунанд: ҳангоми омӯзиш кӯдакон ба имтиҳонҳои дохилшавӣ омода карда мешаванд.

**БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК**



***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***номзади илми филология***

# ТАВАҶҶУҲ БА НЕРУИ ЗЕҲНӢ – АСОСИ ПЕШРАФТИ ДАВЛАТ



Илм неруи тавонову пешбарандаи ҷомеа буда, омили асосии пешрафти давлат ба ҳисоб меравад. Илм заминаи босуботи рушди ҷомеа ва зиндагии шоистаи мардум аст. Халқи тоҷик аз қадим ба омӯзиши илму дониш таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуданд ва аз саромадони илми ҷаҳонӣ маҳсуб меёфтанд. Аз омӯзиши сарчашмаҳои муътамади илмӣ бармеояд, ки тоҷикон дар тақвияту такмили илми ҷаҳонӣ нақши муассир гузоштаанд ва пажуҳишу иктишофҳояшон дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф ва мавриди омӯзишу корбаст қарор гирифтаанд. Дар замони муосир нақш ва ҷойгоҳи илм барҷастатар гардидааст ва кишварҳое ба рушду такомул ва дастовардҳои чашмрас ноил мегарданд, ки дар самти ковишу таҳқиқоти густурдаи илмӣ ва татбиқи онҳо дар ҳаёт тавонанд манфиату самараи бештар ба даст оранд ва зиндаги шоистаро барои ҷомеаи худ таъмин созанд. Яъне, илм ҳамон вақт манфиатбор аст, ки дар ҳаёт татбиқ гардад ва маҳсули пажуҳиш бо истеҳсоли он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод гардад. Аз ин ҷост, ки дар ҷаҳони муосир талабот ба неруи зеҳнӣ, ки сармояи асосии ҳар як давлату миллат мебошанд, сол то сол бештар мегардад ва дар ин самт маблағҳои зиёд харҷ карда мешавад. Ба ҳамагон маълум аст, ки оне, ки донишу ҷаҳонбинии васеъ дорад, дар ҷомеа аз обрӯю эътибори баланд бархӯрдор аст ва омӯзиши васеъ ва пажуҳишу таҳқиқи фарогири илмҳои бунёдӣ қадами устувор дар роҳи расидан ба ҳадафҳои олӣ мебошад. Шоистаи таъкид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба омӯзишу рушди илми ватанӣ бештар гардид ва имконоту шароити мусоид ҷиҳати фаро гирифтани донишҳои замонавӣ фароҳам оварда шуд ва дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таваҷҷуҳи асосӣ ба сармояи инсонӣ равона гардидааст, чунки рушди босуботу устувори иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ба неруи зиҳнӣ иртиботи қавӣ дорад. Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва расидани Ваҳдати миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди илми тоҷик таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд ва шароити созгорро ҷиҳати таҳқиқи густурдаи масоили замон фароҳам оварданд ва таваҷҷуҳи асосиро ба такмилу тақвият бахшидани илмҳои бунёдӣ равона карданд: “Мо бояд ба пешрафти илмҳои бунёдиву техникӣ ва технологиву инноватсионӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоем, мавзуъҳои фармоиширо ба рушди иқтисодиёти кишвар мутобиқ гардонем, ба тарбияи кадрҳои илм ва тақвияти неруи зеҳнӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем ва маблағгузории соҳаҳои илмро, ки ба иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат равона шудаанд, таҷдиди назар кунем”.

Ин таъкид Пешвои миллат аҳли илму маорифи кишварро вазифадор менамояд, ки дар роҳи омӯзишу мутолиа ва фарогири илмҳои дақиқ таваҷҷуҳи бештар намоянд. Дар ин самт зарур аст, ки аз зинаҳои аввали таҳсил диққати асосиро ба ҷалби хонандагон ба фанҳои дақиқ равона кард ва онҳоро ба омӯзиши фанҳои мазкур шавқманд намуд. Дар ин роҳ маҳорату малакаи омӯзгор нақши асосиро мебозад, зеро аз як тараф, бояд муаллим дарсҳояшро бо истифода техникаву технологияи муосир ҷолибу рангин гузаронад, аз ҷониби дигар, тавонад талаботи хонадагонро қонеъ гардонад. Дар робита ба ин, бо дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (солҳои 2020-2040) қабул ва дар доираи он барномаҳои махсус таҳия шуд, ки имкони мусоидро барои омӯзуши фарогири фанҳои бунёдӣ ба вуҷуд овард. Дар заминаи он тадриҷан шароити таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар гардида, бо озмоишгоҳу лабораторияҳо таъмин мегарданд ва озмунҳои сатҳи гуногун гузаронида мешавад. Чанд сол мешавад, ки дар ҷумҳурӣ озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ва “Илм – фурӯғи маърифат” роҳандозӣ гардидааст, ки такони ҷиддӣ ба рушди маънавию илмии наврасону ҷавонон бахшиданд. Озмуни якум, дар миёни тамоми қишрҳои ҷомеа таҳаввулоти бузургро ба вуҷуд овард ва гоми устувор дар роҳи таконбахшиии тафаккур маҳсуб меёбад. Сол то сол таваҷҷуҳи наврасону ҷавонон ба омӯзишу мутолиаи асарҳои бадеӣ бештар ва теъдоди чопи асарҳо зиёд мегардад, ки далели гуфтаҳои болост. Озмуни “Илм – фурӯғи маърифат” бевосита ба рушди тафаккури техникӣ, ихтирою навоварии хонандагону донишҷӯён ва олимону пажуҳандагон нигаронида шудааст. Таҳлилу баррасиҳо нишон медиҳад, ки шавқу рағбати хонандагон ба ихтиръкориву навоварӣ бештар гардида, ковишҳои илмии хурди наврасон аз давраи мактабӣ оғоз ёфта, дар муассисаҳои касбӣ такмил мегардад, ки ин раванд метавонад олимону мутахассисони варзидаи дорои ҷаҳонбини васеъ ва ихтироъкорро барои ҷомеа пешниҳод кунад. Дар такмили донишҳои техникиву дақиқ ва табиӣ маҳз самаранок роҳандозӣ намудани дарсҳои амалӣ мебошад, зеро машғулиятҳо муассир мегарданд ва хонандагон донишҳои назариявии хешро дар амал татбиқ менамоянд...

Шоистаи таъкид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ илми ватанӣ ба таври чашмрас рушд ёфт. Соли 2014 Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки имкони мусоидро ҷиҳати ҳимояи рисолаҳои илмӣ таъмин кард. Дар баробари ин, таъсиси ин ниҳоди илмӣ, аз як тараф, мушкилоти ҳимояи пажуҳишгарону муҳаққиқонро аз байн бурд, аз ҷониби дигар, ба забони илм табдил ёфтани забони тоҷикӣ такони ҷиддӣ бахшид. Таваҷҷуҳ ба пажуҳишагарони ҷавон бештар гардид ва теъдоди ҳимояи рисолаҳои илмӣ тадирҷан зиёд шуд, ки дар пешрафти илми тоҷик натиҷаи мусбат мебошад. Ба гунаи мисол, соли таҳсили 2021-2022 дар мамлакат 3435 нафар кадрҳои илмӣ фаъолият доштанд, ки аз онҳо 706 нафар доктори илм ва 2729 нафар номзади илм мебошанд. Дар ҷумҳурӣ 66 шурои диссертатсионӣ амал менамояд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, аз рӯйи 154 ихтисоси анъанавӣ ва 154 ихтисоси доктори фалсафа (PhD) амал мекунанд.

Аммо масъалаи муҳим дар ин самт интихоби дурусти мавзуъ ба ҳисоб меравад ва гоҳо шоҳид мегардем, ки пажуҳишгарон мавзуъҳоеро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор медиҳанд, ки аҳамияти баланди илмӣ надоранд ва ба такмилу тақвияти илми тоҷик он қадар муфид нестанд. Дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносию филологӣ бояд масъалаҳое мавриди таҳқиқ қарор гиранд, ки ба афкори ҷомеа таъсир расонанд ва роҳҳои раҳоӣ аз мушкилоти замонро мушаххас намоянд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаҳои ҷиддиро ҷиҳати таҳқиқи мавзуъҳо дар бахши илмҳои ҷомеашиносӣ ба миён гузоштаанд: “Имрӯз рисолати олимони ҷамъиятшинос аз он иборат аст, ки парчамбардорони омӯзишу таҳқиқ ва ташвиқу таблиғи ғояҳои фарҳангу адабиёти ҷаҳоншумули тоҷикон бошанд, аз арзишҳои миллӣ, ки аслу асоси давлатдории миллии дунявии мо маҳсуб мешаванд, бо нангу номуси ватандорӣ дифоъ кунанд ва дар амри густариши худшиносии милливу таърихии насли ҷавон бо кору пайкори худ намунаи ибрат нишон диҳанд.

Илова бар ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ, вусъати рақобатҳои геополитикӣ, авҷгирии зуҳуроти хатарноки ифротгароиву терроризм ва дигар мушкилоти глобалӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи афкори фалсафию ҳуқуқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқиву маънавӣ талаби замон буда, омӯзиши фарҳанги моддиву ғайримоддии миллат бояд самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ бошад”.

Ҳамчунин, бахши дигар, ки бевосита барои пешрафти иқтисодиёти кишвари мо муфид аст, тадқиқи масъалаҳои умдаи илмҳои дақиқу риёзӣ ва табиӣ мебошад, ки дар ин ҷода таваҷҷуҳи ҷавонону пажуҳишгарон камтар аст. Зеро таҳқиқ дар ин самт, аз як тараф, заҳмати зиёдро талаб кунад, аз ҷониби дигар, озмоиши амалиро тақозо менамояд, вале бояд донист, ки илм фидоӣ мехоҳад. Бояд гуфт, ки ҳадафи чоруми миллии кишвар – Саноатикунонии босуръати кишвар ба рушди илмҳои бунёдӣ ҳамбаста аст. Бинобар ин, барои аҳли илм зарур аст, ки корҳои пажуҳишии бунёдиро бештар намоянд, то ба рушду инкишофи иқтисоду иҷтимоии мамлакат мусоидат кунанд. Дар ин маврид Пешвои миллат зикр менамоянд:

“Талаботи рӯз чунин аст, ки рушди илмҳои дақиқ бояд таъмин карда, натиҷаи корҳои илмӣ дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ ва таҷрибаҳои инноватсионӣ татбиқ гарданд ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ихтисосҳои вобаста ба манбаъҳои таҷдидшавандаи неру, яъне “энергияи сабз”, “иқтисоди сабз” ва “иқтисоди рақамӣ” таъсис дода шаванд”.

Инчунин, дар назди муассисаҳои илмию таълимӣ вазифаҳои муҳим қарор дорад, ки вусъат бахшидани пажуҳишҳо дар ҳама самтҳои илм мебошад. Пажуҳишҳо, аз як тараф, ба донишу ҷаҳонбинии ҷомеа таъсир расонанд, таъриху фарҳанг ва адабиёти моро аз нигоҳи илмӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд, аз ҷониби дигар, ба рушду пешрафти илму техника ва иқтисоди Ватанамон мусоидат намоянд. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамавқеъ гуфтаанд: “Биёед, Ватану давлатамон ва халқи азизамонро сидқан дӯст дорем, нисбат ба тақдири Тоҷикистони маҳбубамон бетарафу бетафовут набошем, ба қадри бузургонаш расем, наврасону ҷавононро тарбия намоем ва робитаи наслҳову замонҳоро устувор карда, ба сӯйи рушди кишвар қадамҳои ҷиддӣ гузорем ва ин замину диёри биҳиштосоро ободу пешрафта гардонем”.

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

# СОЛИ 2023 ҲУКУМАТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ БА ДОВТАЛАБОНИ ТОҶИК БЕШ АЗ 900 КВОТА БАРОИ ТАҲСИЛ ҶУДО КАРДААСТ

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Федератсияи Россия яке аз шарикони асосии стратегӣ ба ҳисоб меравад ва беш аз 30 сол аст, ки кишварҳо дар ҳама соҳаҳо ҳамкории зич доранд. Солҳои охир пешравиҳои назаррас дар соҳаи иҷтимоиву гуманитарӣ ба мушоҳида мерасад. Ифтитоҳи панҷ мактаби муосири русӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон далели ин гуфтаҳост.

Инчунин, дар асоси созишномаи байни ҳукуматҳо ҳар сол даҳҳо омӯзгорон аз Россия ба Тоҷикистон омада, дар мактабҳои тоҷикӣ тадрис медиҳанд. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистон аз рӯйи квотаҳои барои таҳсил аз ҷониби Ҳукумати Россия ҷудошуда дар садри феҳристи кишварҳо қарор дорад. Дар соли хониши 2023 Россия боз шумораи квотаҳоро барои довталабони тоҷик аз 750 ба 902 ҷой афзоиш додааст, ки ин тамоюл нишонаи равобити гарму эътимодбахши кишварҳост, - гуфтааст раиси Маркази илму фарҳанги Федератсияи Россия дар Тоҷикистон Иван Иванов ба шабакаи “МИР-24”.

**РАВОНШИНОСӢ**

***Азимҷон НОРМАТОВ,***
***равоншиноси гимназияи №2,***
***ноҳияи Б.Ғафуров***

# НАҚШИ ТАРБИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ



Нақши таълиму тарбия дар раванди инкишоф ва ташаккули кӯдакону наврасон бузург мебошад. Инкишофи ҷисмонии одам ба хусусиятҳои биологӣ вобаста буда, дар худ тағйироти морфологӣ, биокимиёвӣ, физиологӣ мегирад, аммо ташаккули иҷтимоӣ ба ҳолатҳои рӯҳӣ ва ақлонӣ хос аст.

Тараққиёт мафҳуми фалсафӣ буда, гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигар, ба вуҷуд омадани тағйироти миқдорию сифати равониву пешравиро маънидод мекунад.

Агар одам ба дараҷаи рушди иҷтимоӣ расад, онро шахсияти дорандаи ҳушманд ва худогоҳ, қобили иҷрои фаъолияти мустақилона меҳисобанд. Одам ҳамчун шахсият таваллуд намеёбад, балки дар ҷараёни инкишоф ба он молик мегардад.

Мафҳуми «шахсият» аз «одам» бо хусусияти сифатҳои иҷтимоии худ фарқ мекунад, зеро ӯ бо таъсири муносибатҳои ҷамъиятӣ, робита бо одамон ташаккул меёбад. Одам ҳамчун шахсият дар низоми иҷтимоӣ бо роҳи мақсадгузорӣ ва тарбияи андешидашуда ташаккул меёбад. Барои шахсият шудан, одам бояд дар фаъолияти амалии худ зоҳир гардад.

Инкишофи одам ҷараёни басо мураккаб, давомдор ва боихтилоф аст. Дар ҷисми одам дигаргунӣ тамоми умр давом мекунад, вале сифатҳои ҷисмонӣ ва олами рӯҳии одам айёми кӯдакӣ ва ҷавонӣ тағйир меёбад. Ҳамин тавр, хусусият ва сифатҳои рушди биологии инсон ба мафҳуми «шахсият» шомил намешавад. Мавҷудияти хусусиятҳои шахсият ба сифатҳои ҷамъиятии ӯ алоқаманд нест. Алалхусус, мафҳуми «шахсият» ин тавсифи моҳияти ҷамъиятии инсон, сифатҳои он - нутқ, шуур, захираи луғавӣ, одатҳои гуногуни рафтор ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ӯро мавҷудоти ҷамъиятӣ мегардонанд, дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, кӯдаки навзод ва одами ақлбохтаро шахсият намегӯянд.

Хусусияти шахсиятро мафҳуми «фардият» пурра мегардонад. Фардият хусусиятҳои ба худ хос ва фарқкунандаи як одам аз одами дигарро ифода мекунад. Фардият ҳамчун қоида бо аломатҳои махсус бо мизоҷ, фаъолияти эҷодии иҷтимоӣ ва рафтори оқилонаи худ комилан ба мафҳуми «шахсият» мутааллиқ аст.

Барои он ки доир ба инсон ҳамчун мавҷудияти иҷтимоӣ маълумот диҳем, бояд дар хусуси мафҳуми «фард» ҳам таваққуф намоем. Истилоҳи «фард» аслан арабӣ буда, маънои якка, танҳо,

як касро ифода мекунад. Он ҳамчун мафҳуми вакили алоҳидаи насли одамиро мефаҳмонад. Яъне, ҳар фарди солимфикр шахсият шуда метавонад ва фард моҳиятан муродифи шахсият аст.

Азбаски шахсият дар тӯли зиндагӣ инкишофу ташаккул меёбад, аз нигоҳи педагогӣ моҳияти мафҳумҳои «инкишоф» ва «ташаккул»-и шахсиятро ифшо мебояд кард.

Инкишоф, пеш аз ҳама, раванди дигаргунии миқдории хусусият ва сифатии шахсиятро нишон медиҳад. Инсон таваллуд ёфта, калон мешавад, узвҳо ва системаи организм вусъат меёбад, ба вай нутқ ва сипас, захираи луғавӣ пайдо мешавад. Вай хусусиятҳои гуногуни иҷтимоию маишӣ, маҳорати ахлоқӣ ва малакаҳои меҳнатӣ пайдо мекунад.

Ташаккул бошад, натиҷаи инкишофро ифода намуда, ташаккулёбӣ, маҷмуи хусусият ва сифатҳои устуворона ҳосилкардаи шахсиятро мефаҳмонад. Илова ба ин, ташаккул ин ба шахсият додани ягон шакл ва ё навъи устувору комили муайян, чунончи ахлоқи шоиста аз ҷониби ягон шахс ё коллективро низ ифода мекунад. Бахусус, барои педагогика ва улуми дигар, ки нисбат ба инкишофи шахсият баҳс мекунанд, ба назар гирифтани сарчашма ва омилҳои асосии инкишоф ва ташаккули шахсият аз масъалаҳои умда мебошанд. Дар заминаи масъалаҳои мазкур файласуфон, равоншиносон, педагогон ақидаҳои мухталиф доранд.

Таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаҳои зиндагӣ собит мекунанд, ки омилҳои инкишоф ва ташаккули шахсият аломатҳои биологӣ (ирсият), муҳит (табиӣ ва иҷтимоӣ) ва тарбия (бо таълим) дошта на фақат байни ҳамдигар алоқаманданд, балки ҳар яке ба дараҷаи таъсирбахши худ нақш мегузоранд.

Хусусият ва аломатҳои ҷисми зинда, ки таърихан ва тадриҷан аз насл ба насл гузариш мекунанд, ирсият ном дорад. Ирсият хусусиятҳои генетикии дар инсон мавҷудбударо инъикос намуда, аз волидайн ба кӯдакон гузаштани хусусият ва аломатҳоро ифода мекунад. Илми муосир исбот кардааст, ки организм ба худ рамзи (код) генӣ гирифта, он хислати нигоҳдорӣ ва ба наслгузарониро дорад.

Муҳит. Инсон маҳз дар ҷараёни иҷтимоӣ, яъне, равобити ҳамкорӣ бо дигар одамон шахсият мегардад. Бидуни ҷамъияти иҷтимоӣ дорои инкишофи маънавӣ, ҷамъиятӣ, равонӣ шудан мумкин нест.

Ҳаёти воқеӣ, ки дар шароити он одам инкишоф меёбад, муҳит ном дорад. Ба ташаккулёбии шахсият шароити гуногуни берунӣ, аз ҷумла, муҳити ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ, мактаб, ҳаёти оилавӣ таъсир мерасонад. Вақте ки сухан дар бораи таъсири инкишофи муҳит меравад, пеш аз ҳама, меҳнати иҷтимоӣ ва оила дар назар дошта мешавад. Дар фаҳмиши муҳити иҷтимоӣ сохти оммавӣ, муносибатҳои низоми истеҳсолот, раванди иҷтимоӣ ва дигарҳо дохил мешаванд. Муҳити наздик ин оила, хешовандон ва дӯстон ҳастанд.

Ба инкишофи инсон, хусусан, дар айёми кӯдакӣ муҳити оила таъсири калон мерасонад. Дар хонадон, одатан инкишоф ва ташаккули давраи аввали ҳаёти инсон анҷом меёбад. Кӯдак дар худ инъикоси дақиқи оиларо мегирад ва дар он рушду камол меёбад.

Оила аз бисёр ҷиҳат шавқмандӣ ва талабот, ақида ва ояндаи кӯдакро муайян мекунад.

Инсон аз муҳити иҷтимоӣ тахти робита бо дигарон таҷрибаҳои зиндагӣ, тарзи муомила, ҳарфзанӣ тафаккуру ақидаронӣ ва амсоли инҳоро ёд мегирад. Дар инкишофи инсон воситаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, оила, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, воситаҳои ахбори омма ва ғайра нақши муҳим мебозанд.

Аммо муҳити иҷтимоӣ ҳам тавассути гурӯҳҳои носолим метавонад таъсири манфӣ низ расонад, чунончи, қиморбозӣ, майнӯшӣ, нашъамандӣ, ғоратгарӣ, бесаводӣ ва ғайра.

Вале бояд дар хотир дошт, ки ҳамаро дар як қолаб донишманди мумтоз тарбия кардан мумкин нест. Ҳар кас бо ҳиссаи муайянкардаи ирсият ва муҳити худ инкишоф меёбад.

Тарбия таъсири ирсияту муҳитро саҳеху тасҳеҳ мегардонад. Баробари тараққиёти истеҳсолоти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ мунтазам нақши тарбия боло

мегирад. Дар замони муосир, тарбия ба сифати воситаи ҳалкунанда инкишофи иҷтимоии шахсият, рушди қобилият ва аломатҳои модарзодаш мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, инкишофу ташаккули шахсият ва аломатҳои инфиродӣ бо таъсири омилҳои ирсият, муҳит ва хусусан, тарбия тақвият меёбад.

Таълиму тарбия бо мурури замон мамониятҳои муҳити табиӣ, таъсири иҷтимоӣ, ҳамчунин, дар тарбияи фарзандон саҳву хатоҳои оилавиро низ рафъ ва ислоҳ мекунад.

Тарбия ба мақсади гузоштаи инсон итоат мекунад. Мақсаднок ва системанок таъсирбахшии тарбиятгарон қаблан ба ҳосил кардани иртиботи рефелексҳои шартӣ, ки бо ягон роҳи дигар пайдо намешавад, меоварад. Тарбия ин пур кардани камбудиҳои барномаи инкишофи инсон аст. Яке аз вазифаҳои басо муҳимми дуруст ташкил кардани раванди тарбия ин муайян кардани майл ва қобилияти фикрӣ, инкишоф додани одам мувофиқи хусусиятҳои инфиродӣ, қобилият ва имконияташ мебошад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тарбия метавонад фақат ба аломатҳои гузошташудаи табиат такя намуда, сифатҳои муайяни инкишофро таъмин кунад.

Муфидии нақши тарбия ба дараҷаи омодагии инсон ба азхуд кардани таъсири ирсият ва муҳит муайян карда мешавад. Ба одамон тарбия якранг дода намешавад. Мавҷудияти «муқовимати тарбия» ҳамчун мухолифияти қувваи зоҳирӣ, ки аз тарбиятгирандагон сар мезанад, натиҷаи охиринро муайян мекунад. Аз ҳамин сабаб, нақши муайянкунии дақиқро вазъият ва муносибати тарафайни одамон ба раванди тарбия мебозад.

Таъсири қувваи тарбиявӣ аз якчанд шароит ва вазъият вобаста аст. Педагог ва психологи рус Л.С.Виготский қонуниятеро асоснок намуд, ки мувофиқи мақсад ва методҳои тарбия бояд на фақат сатҳи тарбия, ки кӯдак ҳосил намудааст, ҳамчунин, «минтақаҳои инкишофи наздикашро» ҳам дарк кардааст. Ӯ ду сатҳи инкишофи ақлиро ҷудо мекунад:

1. Сатҳи инкишофи хеле муҳим.
2. Минтақаи инкишофи наздик.

Дар сатҳи аввал кӯдак супоришҳоро мустақилона иҷро мекунад. Дар сатҳи дуюм вай аз ҳалли онҳо баромада наметавонад, аз ин сабаб масъалаҳоро бо ёрии калонсолон иҷро мекунад. Вазифаи тарбия аз он иборат аст, ки бояд «минтақаи инкишофи наздик» гузошта шавад. Шахсиятро он тарбияе ташаккул медиҳад, ки аз қафои худ инкишофро мебарад.

Ҷараёни таълиму тарбия дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар омӯзгорон дар бораи қонуниятҳои тараққиёту ташаккули шахсият маълумоти дуруст дошта бошанд.

Дар ташаккулу инкишофи шахсият нақши тарбия муҳим аст, зеро тарбия ҷараёни мақсаднок, муташаккилона ва нақшавӣ аст.

Бо роҳи дурусти тарбия шахс аз ҷиҳати фикрӣ, рӯҳӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ рушд карда, дар замираш фазилатҳои баланди ахлоқӣ, аз ҷумла, инсондӯстӣ, дӯстию рафоқат, масъулиятшиносӣ, поквиҷдонӣ, ватандӯстию меҳнатӯстӣ ташаккул меёбанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001.
2. Подрасный И.Т. Педагогика. – М., 2000.
3. Раҳимов Х. Нуров А. Педагогика. – Душанбе, 2000.
4. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе: Ҳумо, 2007.
5. Рубинштейн С.А. Человек и мир. Методологические и теоретические проблемы педагогики. – М., 1969.
6. Скаткин М.А. Школа и всесторонние развитие детей. – М., 1980.

## ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ



***Заррина МАРМАРЗОДА,***
***мудири кӯдакистони №130,***
***ноҳияи Фирдавсӣ***

# ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКӢ – ОМИЛИ РУШДИ КӮДАКОН



Дар муассисаҳои томактабӣ омилҳои таъсиррасон ба тарбияи эстетикии кӯдакон, ки заминаи онро ҳисси зебоипарастӣ ва ахлоқу одоби ҳамида ташкил медиҳанд, кам нестанд. Коллективи педагогӣ бояд ба ин тарафи таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Вобаста ба ин самти таълиму тарбия маъмурияти муассисаи таълимии томактабии №130-и ноҳияи Фирдавсӣ фаъолияти худро тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар барои маориф”, “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”, Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии “Рангинкамон” ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ мондааст. Чорабиниҳо доир ба тарбияи эстетикии кӯдакон аз рӯи нақшаи солона пешбинӣ ва гузаронида мешаванд.

Дар муассиса корҳои таълиму тарбия, аз ҷумла, тадбирҳои ободонии ҳудуди ширхоргоҳ-кӯдакистонро мураббиёни дорои маълумоти олӣ тибқи барномаҳои таълимӣ дар 12 гурӯҳ (бо фарогирии 270 нафар тарбиятгиранда) бомуваффақият пеш бурда истодаанд.

Ба фикри инҷониб, ободонии босифату зебои ҳудуди муассисаи томактабӣ аз омилҳои муҳим баҳри таҳрик додани тарбияи эстетикии кӯдакон мебошад. Аз таҷрибаю мушоҳидаҳо дар якчанд муассисаи томактабӣ ба хулосае омадам, ки агар ҳудуди кӯдакистон бо гулу буттаҳо, роҳравҳо, сабзаву майсаҳо, майдончаҳои бозӣ ва дигар шаклҳои меъмории хурди ҳозиразамон, ки ободонӣ аз онҳо ташаккул меёбад, зебою назаррас бунёд шуда бошанд, боиси рухияи хушу болидаи тарбиятгирандагон мегардад. Ҳатто тасвири манзараҳои зебо ва расмҳои қаҳрамонони афсонаҳои халқӣ ва филмҳои тасвирии дӯстдошта дар деворҳои муассиса ва дохили гурӯҳҳо тарбияи зебоипарастии бачаҳоро такмил мебахшад.

Ҳамеша мушоҳида мекунам: падару модароне, ки кӯдакони худро ба муассиса меоранд, пеш аз ҳама, аз ободонии ҳудуди муассиса ва баъд аз вазъи хуҷраи гурӯҳе, ки фарзандашон дар давоми рӯз бояд таълиму тарбия бигиранд, дидан мекунанд. Онҳо эътимод ҳосил мекунанд, ки кӯдакони онҳо чи дар гурӯҳҳо ва чи дар ҳудуди муассиса таълиму тарбияи хуби мураббиёнро хоҳанд гирифт.

Ҳангоми ободонии муассисаҳои томактабӣ минтақаҳои сарсабзро барои инкишофи томактабиён тавре тартиб медиҳанд, ки дар онҳо имконияти баргузор кардани аввалин бозиҳо ва машғулиятҳои гурӯҳӣ, муошират ва тарбияи дӯстӣ вуҷуд дошта бошанд.

Бо камоли кордонӣ сарсабзгардонии кӯдакистон ба истироҳати бехатар ва инкишофи бачаҳо мусоидат менамояд. Барои он ки раванди маърифатӣ ба инкишофи зеҳнӣ, эстетикӣ, ҷисмонии кӯдакон тақвият бидиҳад, ҳудуди муассисаи томактабӣ мувофиқи талаботи барномаҳои соҳаи маориф ободон карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки сарсабзгардонӣ ва қисмати муҳимми корҳои ободонии муассисаро ташкил медиҳад ва тибқи дастуру тавсияҳои беҳдоштӣ (санитарӣ) меъёрҳои худро дорад:

1. Барои ҳар як кӯдак вобаста аз синну сол 7-9 метри мураббаъ ҳудуд ҷудо карда мешавад, ки он набояд аз 15 фисади ҳудуди қитъа зиёд бошад. Ин меъёр дар айвончаҳо ва зербомҳо ба ҳар кӯдак 1,5 метри мураббаъ муқаррар гардидааст.

2. Сарсабзгардонии 30-50 фоизи майдони кӯдакистон мумкин аст.

3. Дар қисми берунии қитъа гулбуттаҳо ва ниҳолҳо дар масоҳати 4-5 метр шинонда, парвариш карда мешаванд.

4. Буттаҳои сарбасабзе, ки вазифаи девора (шиғ)-ро иҷро мекунанд, набояд аз 1,6 -1,8 метр баланд бошанд. Дарахтон аз бино дар масофаи аз 5 метр бештар, аз хатҳои коммуналӣ 2 метр ва аз роҳравҳо дар масофаи 10 метр дур шинонда мешаванд.

5. Минтақаҳои варзишӣ ва ҳавзҳои оббозӣ дар ҷойҳои васеи равшан ва манзараи зебо ҷой дода мешавад.

Қисми дигари ободониро майдончаҳои бачагона ташкил медиҳанд. Онҳоро тавре сохтан лозим аст, ки аз лиҳози бехатарӣ хавфу хатарро ба миён наоранд. Рӯйи зинапояҳо, арғунчакҳо, теппачаҳо бо маводи мулоими зидди зарба пӯшонида шаванд (қум, майса, фарши тахтагин, маводи пластикию резинӣ ё сабзаи сунъӣ). Ҳудуди давидан ва бозиҳои бачагонаро дар ҳавои кушод муайян намудан зарур аст. Истироҳатгоҳҳо шамолситез набошанд.

Дуруст ба минтақаҳо ҷудо кардани ҳудуди кӯдакистон тибқи вазифаю ҳадафҳои муассиса иҷро карда мешавад. Онҳо бояд бо сохти зебою дилрабо завқу шавқи бачагонро ба машғулиятҳои шиносоӣ бо муҳит, олами рустаниҳо ва паррандаҳо, сайру саёҳат дар табиати худи муассиса, бозиҳои гуногун дар майдончаҳои варзишӣ ва қумдонҳо бедор созанд. Дар минтақаҳои махсус ҷудо кардашудаи муассиса майдончаи бозӣ бо таҷҳизот барои бозиҳо; майдончаи варзишӣ бо таҷҳизоти тамринии варзишӣ; минтақаи сайру саёҳат (эстетикӣ) бо гулҳо ва буттаҳои сарсабз, ҷӯйча, роҳравҳо ва алафзор; минтақаи истироҳат бо айвонча, нишастгоҳҳои бомпӯш ва ҳавзча; минтақаи ёридиҳанда – гӯшаи зиндаи мавсимӣ (бо харгӯшҳо, хояндаҳо, моҳичаҳо), роҳравҳо бо аломатҳои қоидаҳои роҳ ва велосипедронӣ; минтақаи хоҷагӣ барои нигаҳдории асбобу лавозимоти техникӣ ва хоҷагӣ ҷой дода мешавад.

Аксари минтақаҳоеро, ки тасвир намудам, дар ҳудуди муассисаи мо барои бачаҳо бунёд карда шудааст. Мураббиёни кӯдакони гурӯҳҳои синну солии муассиса аз онҳо чӣ тавр ва барои кадом мақсаду ҳадаф истифода мебаранд? Бачаҳо таҳти роҳбарии онҳо вақти асосии худро мегузаронанд. Дар майдончаи бозиҳо кӯдакон бо муҳити атроф шинос шуда, ба саволҳои худ аз мураббиён ҷавобҳо мешунаванд, ба пурсишҳо посух медиҳанд ва нахустин малакаҳои робитаю муошировати байниҳамдигариро меомӯзанд. Масалан, охири моҳи январи соли равон доир ба мавзуи “Аҳамияти машғулиятҳои шиносоӣ бо муҳит дар тарбияи экологии кӯдакон” семинар барпо намудем. Дар ин чорабинӣ мураббӣ О. Воҳидова маърӯза кард ва баъд навори машғулияташро бо бачаҳо дар фасли тобистон дар майдончаи бозӣ намоиш дода шуд. Иштирокдорони семинар ин фаъолияти мураббияро хуб баҳогузорӣ карданд. Пас аз ин, доир ба тарбияи экологӣ, интихоби мавзуъҳо, бозиҳо ва истифодаи маводи намоишӣ андешаҳои дигар мураббиён шунида шуд.

Ҳозирин таъкид намуданд, ки бозӣ тахайюли кӯдаконро инкишоф медиҳад, шавқу рағбатро бедор месозад, ба дарки олами атроф водор менамояд. Онҳо дар минтақаҳои бозӣ бо тарзи

ҷойгиркунии воситаҳои инкишофдиҳандаи ҷисмонӣ (мошинчаҳо, қатораҳо, зинапоячаҳо, теппачаҳо, кундачаҳо) ва зеҳнӣ (ҳисобкунакҳо, чӯбчаҳо, кубикҳо) шинос шуданд. Дар байни сабзазорон пайкараҳо ва расмҳои қаҳрамонони афсонаҳоро дида, маъқул донистанд.

Майдончаи боғи муассисаро дарахтони ҷавони мевадиҳанда ва сояафкан сарсабз гардонданд. Мураббиён зимни машғулиятҳои шиносоӣ бо оламӣ дарахтон, ки ҷузъи таркибии табиат ва омили ангезандаи зебоипарастӣ низ махсуб меёбанд, майлу рағбати эстетикии ҳар як кӯдакро омӯхта, минбаъд инкишоф медиҳанд, тавассути мушоҳидаҳои тағйироти ҳодисаҳои табиат ҷаҳонбинии онҳо мегардад.

Бозиҳо ва машғулият дар майдончаи варзишӣ ҳам дар тарбияи зебопарастии бачаҳо нақши муҳим мебозанд. Тарбиятгирандагон ба воситаи бозиҳои варзишӣ обутоб ёфта, ба чорабиниҳои идона, мусобиқаҳо ва дигар тадбирҳои нақшавии муассиса омода мешаванд. Майдончаи мазкур бо теппачаю лабиринтҳо, турникҳою ҳадафҳо ва лавозимоти тамринӣ муҷаҳҳаз мебошад. Ҷойҳои эҳтимолии афтидани кӯдакон бо маводи ҳифзии нарми резинӣ ё пластикӣ рӯйпӯш карда шудааст.

Дар минтақаи истироҳатии муассиса рангҳои сабзи рустаниҳо кӯдаконро орому осуда намуда, фаъолияти мағзи сарро беҳтар менамояд. Аз ин рӯ, ба мураббиён тавсия медиҳем, ки машғулиятҳои инкишофдиҳандаро бо кӯдакон дар минтақаи истироҳатӣ гузаронанд. Дар ин минтақа айвончаҳои чӯбин ё сангин бо мизу курсичаҳо дар зери дарахтон ҷой дода шудааст.

Дар тарафи офтобии айвонча композитсияи рангаро, ки диққати бачаҳоро ба худ ҷалб мекунад, ҷойгир шудааст. Айвончаҳо бо тасвирҳои пурҷило оид ба мавзуъҳои инкишофдиҳанда оро ёфтааст. Дар фасли тобистон, ки оби ҷӯю ҳавз гарм мешавад, бачаҳо хушҳолона оббозӣ карда, ҷӯякҳои гулу буттаҳо, гашничу шибит ва райҳонро об медиҳанд.

Ҳамарӯза ҳолатҳои тозагии майдончаҳои ҳудуди кӯдакистон аз назар гузаронида мешавад. Ҳамшираи тиббии муассиса доим риояи қоидаҳои санитарӣ-эпидимиологӣ, инчунин, дар майдончаҳо ҳангоми оббозӣ ва дигар бозиҳо назорат менамояд, кӯдаконро ҳамарӯза аз муоинаи тиббӣ мегузаронад ва муваффақ мешавад, ки ҳолати санитарию гигиении муассиса хуб бошад.

Коллективи педагогии муассиса тасмим гирифтааст, ки тамоми донишу таҷриба ва имконияту воситаҳоро истифода намуда, ободонӣ ва сабзгардонии ҳудуди муассисаи томактабиро тибқи Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии “Рангинкамон”, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак аз таваллуд то 7 (6)-сола ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии қонунгузории ҷорӣ ба роҳ мемонанд, талаботи санитарӣ ва техникиро ба таҷҳизот ҳатман риоя менамоянд.

Хулоса, бахри инкишофи муътадили кӯдакон ва тарбияи эстетикии онҳо ба ғайр аз барномаҳои умумӣ ва машғулиятҳои маърифатӣ, инчунин, муҳите, ки онҳо дар он ҷо ба воя мерасанд, таъсир мерасонад.

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

## ДАР ОЛМОН ЗИЁДА АЗ 12000 ОМӮЗГОР НАМЕРАСАД

Тибқи иттилои вазоратҳои маориф ва фарҳанги иёлатҳо дар Олмон беш аз 12 000 ҷойҳои холии омӯзгорӣ боқӣ мондааст. Аммо ба гуфтаи Ассотсиатсияи муаллимони Олмон, ин рақамҳо вазъи воқеиро инъикос намекунанд ва шояд нарасидани омӯзгорон аз ин ҳам зиёд бошад. Таъкид гардидааст, ки норасоии муаллимонро танҳо тавассути кӯшишҳои сохторӣ ва муштарак ҳал кардан мумкин аст.

**ТАБИАТШИНОСӢ**



***Ҳусейн АЛИЕВ,***
***омӯзгори фанни биологияи литсейи №2***
***барои хонандагони болаёқати***
***шаҳри Душанбе***

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ГЕНЕТИКӢ ВА БИОЛОГӢ



Генетика-илм дар бораи ирсият ва тағйирпазирӣ мебошад. Ирсият гуфта, қобилияти аз насл ба насл гузаронидани аломат ва хусусиятҳои организмро меноманд.

Тағйирпазирӣ гуфта, он қобилияти организми зиндаро меноманд, ки баъзан аломат ва хусусиятҳои нав пайдо карда, гоҳо аломат ва хусусиятҳои худро гум мекунад.

Марҳилаҳои инкишофи генетика чунин давраҳоро дар бар мегирад:

Марҳилаи 1-ум, кашфиёти Г. Мендел омилҳои меросгузорӣ ва усули гибридиологӣ.

Марҳилаи 2-юм, омӯзиши зуҳуроти меросгузорӣ дар сатҳи ҳуҷайра мебошад. Т. Морган ва ҳамкоронаш назарияи хромосомавии ирсиятро кашф кардаанд.

Марҳилаи 3-юм, бо рушди биологияи молекулавӣ алоқаманд аст. Дастовардҳои ин марҳила: а) назарияи “як ген як фермент” ташаккул ёфт.

Терминҳои асосии гентикӣ:

-маҷмуи ҳамаи генҳои як организмро **генотип** меноманд.

-маҷмуи аломатҳо ва хусусиятҳои берунии организмро **фенотип** меноманд.

-моногибрид дурагакунии ду организме, ки аз ҳамдигар бо як аломат фарқ мекунанд (мисол зард-сабз).

-дигибрид дурагакунии ду организме, ки аз ҳамдигар бо ду аломат фарқ мекунанд.

А- аломати доминант (dominantus) ғолиб

А- аломати ресесив (resesiv) мағлуб

Р- аломати волидайн (parentales)

F- наслҳо (фарзандҳо)

Х- аломати дурагакунӣ

♀- Оинаи Зуҳал аломати занона

♂- Тири Миррих аломати мардона

АА- гомозиготӣ (якхела)

Аа-гетерозиготӣ (ҳархела ё гуногунхел)

Асосогузори илми генетики Грегор Иоганн Мендел мебошад, ки 22 июли соли 1822 дар деҳаи Ҳайнздорф (Империяи Австрия, ҳоло Ҷумҳурии Чехия) таваллуд ёфтааст.

Пас аз ду соли таҳсил дар синфи фалсафии Институти Олмутс, дар соли 1843 ӯ дар роҳибони монастири Санкт-Августини Сент-Томас дар Брунна (ҳоло Брно, Ҷумҳурии Чехия) монах шуд ва номи Грегорро гирифт. Аз соли 1844 то соли 1848 Мендел дар Институти теологии Брюнни таҳсил кардааст.

Мендел суботкору мушоҳидакор буд. Ҳангоми омӯзиши шакли донаи нахуд, ки дар натиҷаи дурага кардан ба даст оварда буд, барои фаҳмидани қонунҳои меросгузорӣ аз рӯйи фақат як аломат “ҳамвор-чиндор” дар 7324 донаи нахуд таҳлил гузаронд.

8 марти соли 1865 Мендел дар бораи натиҷаҳои таҷрибаҳои худ ба Ҷамъияти табиатшиносони Бринани гузориш дод.

Мендел барои тасдиқи кашфи қонунҳои худ дар дигар намуди ҳайвонот таҷриба гузаронд.

Аз соли 1900, қариб пас аз 35 сол, ҳангоми чоп шудани мақолаҳои се олим - генетик Г. де Фрис (Ҳолланд), ботаник К. Корренс (Олмон), генетик Э. Чермак (Австрия), маълумотҳои пешниҳоднамудаи Менделро тасдиқ кардаанд. Муайян карда шуд, ки қонунҳои Мендел универсалӣ мебошад ва барои генҳои алелӣ дар хромосомаҳои гуногуни гомологӣ ҷойгиранд.

Саҳми Грегор Мендел дар инкишофи илми биология:

1. Принсипҳои илмиро барои тавсиф ва омӯзиши гибридҳо ва насли онҳо таҳия намуд.

2. Низоми алгебравии аломатҳоро таҳия ва татбиқ намуд.

3. Ду принсипи асосӣ ё қонуни мерос гузоштани аломатҳоро дар як қатор наслҳо таҳия карда, пешгӯиҳо карданро ба вуҷуд овард.

Қонуни якуми Мендел қонуни ҳамшаклии дурагаҳои насли якум ном дорад. Мендел нахудро мавриди таҳқиқ интихоб намуд. Зеро нахуд бисёр аломатҳо дорад ва аз насл ба насл мегузаронад: қади баланду паст, ранги гули сафед ва сурх, гардолудшавии дутарафа ва худгардолудшавӣ. Шакли тухмҳо суфта ва чиндор, рангаш зард ва сабз, ҳосили хуб медиҳад, нишонаҳои саҳеҳи алтернативӣ дорад.

| **Зард** | | **Сабз** | **Ҳамвор** | | **Чиндор** |
|---|---|---|---|---|---|
| P ♀ AA | X | ♂ aa | P ♀ BB | X | ♂ вв |
| G A | | a | G B | | в |
| F1 Aa | | | F1 Bв | | |
| Aa **100%-зард** | | | **Bв 100%-ҳамвор** | | |

Қонуни дуюми Мендел қонуни таҷзия ном дорад. Ҳангоми дурагакунии гибридҳои насли якум, ки аломати якхела доранд, дар насли дуюум ҳам аломати модарӣ ва ҳам аломати падарӣ бо як таносуби муайян 3:1 зоҳир мешавад. Яъне аз ¾ ҳиссаи аломатҳо доминантӣ ва ¼ ҳиссаи онҳо ресессиванд. Ҳамин натиҷаи он аст, ки наслҳои якум гетерозиготӣ “Аа” буда, дар насли дуюм ҳам, аломати доминантӣ ва ҳам аломати рецессивӣ пайдо мешавад, ки ин ҳолатро таҷзия меноманд.

| **Зарди гетерозигот** | | **Зарди гетерозигот** |
|---|---|---|
| P ♀ Aa | X | ♂ Aa |
| G A a | | A a |
| F1 AA | Aa | Aa aa |
| AA-25% | Aa 50% | aa25% |
| Зарди гомозиготӣ | Зарди гетерозиготӣ | Сабзи гомозиготӣ |

Таносуб Генотип: 1:2:1 (1AA, 2Aa, 1aa) Фенотип: 3:1 (75% зард, 25% сабз)

Қонуни сеюми Г. Мендел ҷуфтикунии дигибридӣ ва полигибридӣ ном дорад. Ҳангоми ҷуфтикунонии ду фарди гетерозиготии аз якдигар ду ё зиёда ҷуфти аломатҳои алтернативӣ фарққунанда, генҳо ва аломатҳои ба онҳо мутааллиқ новобаста аз якдигар ба мерос мегузаранд

ва комбинатсияҳои таносубан гуногуни имконпазир ҳосил мекунанд. Ҷуфтикуние, ки дар он волидон аз ҳам бо ду ҷуфт аломат фарқ мекунанд, номи дигибридиро мегирад.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | зарди ҳамвор | | | | сабзи чиндор |
| Р ♀ | ААВВ | | х | ♂ | аавв |
| Гаметаҳо | АВ | АВ | | ав | ав |
| F1 | АаВв | | х | | АаВв |

| ♂/♀ | АВ | Ав | аВ | ав |
|---|---|---|---|---|
| АВ | Зарди ҳамвор ААВВ | Зарди ҳамвор ААВв | Зарди ҳамвор АаВВ | Зарди ҳамвор АаВв |
| Ав | Зарди ҳамвор ААВв | Зарди чиндор ААвв | Зарди хамвор АаВв | Зарди чиндор Аавв |
| аВ | Зарди ҳамвор АаВВ | Зарди ҳамвор АаВв | Сабзи ҳамвор ааВВ | Сабзи ҳамвор ааВв |
| Ав | Зарди ҳамвор АаВв | Зарди чиндор Аавв | Сабзи ҳамвор ааВв | Сабзи ҳамвор Аавв |

Таҷзияи генотипи дар $F_2$ чунин аст: 1ААВВ: 2 ААВв: 1 ААвв: 2 АаВВ:
4 АаВв: 2Аа вв: 1 ааВВ: 2 ааВв: 1 аавв

Намунаҳои ҳалли масъалаҳои генетикӣ ва биологӣ

Масъалаи 1. Дар ду шакли меваи гирд ба дарозрӯя доминант аст. Зимни гардолудкунии кадуи мевааш дарозрӯяи насли якум чӣ гуна мешавад?

Ҳалли масъала:

А-гирд

а-дарозрӯя

Шарти масъла нишон медиҳад, ки генотипи фардҳо гомозиготӣ мебошад.

Р ♀ аа х ♂ аа

G а а а а

F1 аа аа аа аа

Генотип: 4 аа

Фенотип: 100% дарозрӯя

Масъалаи 2. Дар мавсим мурғобии зоти пекинӣ 150 тухм медиҳад. Табиатшиносони ҷавони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Варзоб 125 мурғи пекинӣ парвариш мекунанд. Ҳисоб намоед, ки ба ҳисоби миёна дар мавсим чӣ қадар тухм (ба ҳисоби миёна) ба даст меоранд?

Ҳалли масъала

1 мурғобӣ----------150 тухм

125 мурғобӣ-------- Х тухм

$X = \frac{125x150}{1} =$ 18750 тухм (дар давоми мавсим)

Масъалаи 3. Ҷаҳидани кайк диққатҷалбкунанда аст. Кайки қадаш 3 мм ба баландии 20 см ва дарозии 35 см меҷаҳад. Одами қадаш 170 см ба кадом баландӣ ва дарозӣ (агар нисбат ба кайк гирем) меҷаҳад?

Ҳалли масъала

1) 3 мм-------------20см

1700мм---------х см

$X = \frac{1700x20}{3} =$ 11333,3 см: 113,3м (баландӣ)

2) 3 мм-------------35см

1700мм---------х см

$X = \frac{1700x35}{1} =$ 198,33 м (дарозӣ)

## БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОН



*Ибодулло АБДУЛЛОЕВ,*
*омӯзгори калони кафедраи таҳсилоти касбии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф*

# ТАРТИБИ СОХТАНИ ПРОЕКСИЯИ АКСОНОМЕТРИИ САТҲИ МУДАВВАР




Яке аз сабабҳои асосии тағйирот дар муносибати таълим (мундариҷа ва раванди таълим) талабот ва нақшаҳои “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020” мебошад. Тибқи он “низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин намояд”.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи Стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни нақшакашӣ барои синфҳои 8, 9 аз ҷумлаи онҳост. Дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ бояд дараҷаи омӯзиши фанни нақшакаширо мувофиқи стандарти мазкур ба роҳ монем.

Бо ин мақсад, баҳри боз ҳам беҳтар азхуд кардани тасвири ҷисмҳои сатҳашон мудаввар тарзи беҳтари тасвири давраро дар проексияи изометрӣ пешниҳод менамоем. Чунки барои тасвир кардани проексияи ҷисмҳои сатҳашон мудаввар дар проексияи изометрӣ хонандагон бештар ба душворӣ дучор мешаванд. Проексияи изометрӣ дар ҳамвории проексионии фронталӣ (намуд аз пеш), проексияи уфуқӣ (горизонталӣ намуд аз боло), проексияи паҳлуӣ (профилӣ) бо усулҳои гуногун тасвир карда мешавад.

Барои сохтани проексияи уфуқӣ (намуд аз боло) меҳварҳои координатии x ва y - ро муайян мекунем, ки тирҳои координатӣ бояд дар таҳти кунҷи 90 градус якдигарро бурида гузарад ва қутри (диаметри) давраеро, ки андозааш 60 мм аст, тасвир мекунем.

Андозаи нимкутри онро, ки (радиусаш) 30 мм аст, бо истифодаи паргор (андозаи паргорро тағйир надода) ба 6-ҳиссаи баробар тақсим мекунем, давраро бурида нуктаҳои АВС ва А1, Б1, С1 ҳосил мегардад ва онро ҳарфгузорӣ менамоем. Сипас, нуктаи А-ро бо Б1ва С1 бо хати борики

ёрирасон пайваст намуда, хати координатии х ва у-ро бурида, нуқтаҳои а, б ва а, с-ро ҳосил мекунем. Нигаред ба расми 1.




Сипас, сӯзани паргорро ба нуқтаи А гузошта, камони Б1 С1-ро пайваст карда, сӯзани паргорро ба нуқтаи А1 гузошта, камони Б, С – ро ҳосил менамоем, ки ду тарафи байзаро ташкил медиҳад. Нигаред ба расми 2.




Баъдан, сӯзани паргорро ба нуқтаҳои а, б гузошта, камони Б, Б1 ва ба нуқтаҳои а, с гузошта, камони С, С1-ро байни ҳамдигар пайванд мекунем. Ҳамин тавр, давра дар проексияи изометрӣ шакли байза (эллипс)-ро мегирад. Нигаред ба расми 3.




Расми 3

Проексияи изометрии давраро мувозӣ ба ҳамвориҳои проексионии уфуқӣ (фонталӣ намуд аз пеш) ва намуд аз паҳлу (профилӣ), ки нисбат ба хати координатии x ва y дар таҳти кунҷи 60 градус ташкил медиҳад, чунин тасвир карда мешавад. Нигаред ба расми 4 ва 5.




Расми 4 Расми 5

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**



***Мамадҷон МАҲКАМОВ,***
***дотсенти кафедраи методикаи***
***таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,***
***номзади илмҳои педагогӣ, барандаи Ҷоизаи Аббос Алиев***

# АЛГОРИТМИ ҲАЛЛИ МУОДИЛАИ КВАДРАТӢ БО ТАТБИҚИ БА ФАРҚИ КВАДРАТҲО ТАБДИЛ ДОДАНИ ҲОСИЛИ ЗАРБИ ДУ ИФОДА



Математика илмест, ки моро водор мекунад, то фикр, андеша ронда, таҳқиқ кунем ва роҳҳои ҳалли ратсионалии масъаларо ҷустуҷӯ карда, мувофиқи имконият онро умумигардонӣ намоем.

Аз хонандагон мешунавем, ки фанни математика “бароям он душвор аст”, “ман инро намефаҳмам”, “дар шарти масъала чизе намерасад”, “нофаҳмо аст”, “ба назарам ҷавоби масъала нодуруст аст” ва ғайра таъкид мегардад. Аз ин лиҳоз, дар назди омӯзгор вазифаи бузург меистад, ки дарси математикаро чӣ тавр шавқовару пурмазмун гузаронад. Дар ин бобат ба ҳар як омӯзгор методҳои проблемавӣ ва тарзҳои гуногуни ҳалли масъала ёрии амалӣ расонда метавонад. Вазъияти проблемавӣ, вақте ки хонанда бо зиддияти байни донишҳои нав ва таҷрибаи пештарааш рӯ ба рӯ мешавад, таваҷҷуҳи хонандагонро ба маводи омӯхташаванда ҷалб мекунад. Ҳамин тариқ, хонандагон ба корҳои ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотӣ, ки барои ҳалли масъалаҳо алоқаманданд, ҷалб карда мешаванд. Вазъияти проблемавиро дар ҳама марҳилаҳои дарс ба вуҷуд овардан имконпазир аст. Онро омӯзгор эҷод карда метавонад, вале беҳтар аст, ки хонандагон вазъияти проблемавиро ба вуҷуд оваранд ва бо шавқу ҳавас роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ кунанд, зеро онҳо ба донишҳои нав бештар мусаллаҳ мешаванд.

Маълум аст, ки бе асосҳои дониши ибтидоии математика соҳибмаълумот шудани одам имконнопазир аст. Мавзуи муодилаҳои квадратӣ дар синфи 8 омӯхта шуда, хонандагон бояд ҳамаи намудҳои муодилаҳои квадратиро фарқ намуда, мустақилона ҳал карда тавонанд. Омӯзиши муодилаҳои квадратӣ дар рушду нумуи илми математика нақши бузург мебозад. Хонандагон то хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ якчанд тарзи ҳал кардани муодилаҳои квадратиро ёд мегиранд ва он метавонад хонандаро барои ҷустуҷӯи тарзҳои нави ҳалли муодилаҳои квадратӣ водор намояд. Ин дониш барои хонанда дар тӯли ҳаёт ҳамчун пойдевор хизмат кунад.

Муодилаҳои квадратӣ дар ҳалли масъалаҳои матнӣ, нобаробариҳои гуногун ва муодилаҳои дараҷаи олӣ васеъ истифода мешавад. Бе донистани алгоритми ҳалли муодилаҳои квадратӣ, муодилаҳои дараҷаҳои олӣ ва нобаробариҳоро ҳал карда наметавонем.

Азбаски тарзҳои гуногуни ҳалли муодилаҳои квадратӣ барои татбиқ осон ва ҷолибанд, онҳо бешубҳа барои хонандагоне, ки математикаро дӯст медоранд, мароқангезу диққатҷалбкунанда низ мебошад. Аммо арзиш ва аҳамияти муодилаҳои квадратӣ на танҳо дар зебоӣ ва кӯтоҳ будани ҳалли масъалаҳост (гарчанде ки ин хеле муҳим аст), балки дар натиҷаи истифодаи муодилаҳои квадратӣ дар ҳалли масъалаҳо аксаран роҳ ва тарзҳои нав кашф карда мешаванд, умумиятҳои ҷолиб ва такмилҳо ба вуҷуд меоянд, ки дар натиҷаи таҳлили формулаҳо ва муносибатҳои ба дастомада пайдо шуда, дар ҳама соҳаҳои математика истифода мегарданд. Қобилияти ба кор бурдани тарзҳои гуногуни ҳалли муодилаҳои квадратӣ як навъ калид барои боз кардани дарҳои лабиринтҳои сершумори математика ба ҳисоб меравад.

Дар китоби М. Маҳкамов “Методҳои ҳалли масъалаҳо аз алгебра” (Душанбе: Маориф, 2021. 1040 с.) 37 тарзи ҳалли муодилаҳои квадратӣ оварда шудааст: ба монандӣ, ҷудо кардани квадрати пурра, зарби адад, гузориши дутағйирёбандадор, ба нол мубаддал намудани узви дуюми муодилаи квадратӣ, гузориши дутағйирёбандаи радикалдошта, татбиқи методи коэффитсиентҳои номуайян, афзоиш ба нол, татбиқи натиҷаи теоремаи Безу ва схемаи Ҳорнер, ёфтани решаи воҳидӣ, табдилоти муодилаҳои квадратӣ ба муодилаи квадратии якҷинса, татбиқи методи решаи квадратӣ, формулаи фарқи квадратҳо, формулаи зарби сумма ба фарқ, ёфтани решаҳои муодилаи квадратӣ аз рӯи узви озоди он, квадраткунии узви озоди муодилаи квадратӣ ва коэффитсиенти назди $x^2$, ҳалли муодилаи квадратӣ бо решаҳои каратӣ, тарзи графикӣ, татбиқи тригонометрия, номограмма, паргор ва хаткашак дар ҳалли муодилаи квадратӣ ва ғайра. Хулоса, то имрӯз қариб чил тарзи ҳалли муодилаҳои квадратӣ мавҷуд аст, ки ними онҳо ба муаллифи мақола тааллуқ доранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки тарзҳои пешниҳодшудаи ҳалли муодилаҳои квадратӣ барои истифода осону дастрас буда, бешубҳа барои хонандагоне, ки математикаро дӯст медоранд, ҷолиб мебошанд. Тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо имкон медиҳад, масъалаҳоеро, ки математика дар назди мо мегузорад, аз нигоҳи дигар ҳал карда шавад. Бинобар ин, дар ин мақола як тарзи нави ҳалли муодилаҳои квадратиро бо татбиқи ба фарқи квадратҳо табдил додани ҳосили зарби ду ифода пешниҳод мекунем.

Барои ҳосили зарби ададҳои $a$ ва $b$-ро ба намуди фарқи квадратҳои ду ифода тасвир намудан, формулаи афзоиш ба нолро истифода бурда, ҳосили зарби онҳоро ба намуди зерин менависем:

$$ab=(a+0)(b+0)= \qquad (1)$$

Аз хосияти миёнаи арифметикии ду адад истифода мекунем:

$$\frac{a+0+b+0}{2}=\frac{a+b}{2}.$$

Акнун дар (1) 0-ро ба $0=\frac{a+b}{2}-\frac{a+b}{2}$ иваз мекунем:

$$ab=\left(a+\frac{a+b}{2}-\frac{a+b}{2}\right)\left(b+\frac{a+b}{2}-\frac{a+b}{2}\right)=$$

Ифодаи ҳосилшударо ба намуди зерин табдил медиҳем:

$$=\left(a-\frac{a+b}{2}+\frac{a+b}{2}\right)\left(\left(b-\frac{a+b}{2}\right)+\frac{a+b}{2}\right)=$$

$$=\left(\frac{2a-(a+b)}{2}+\frac{a+b}{2}\right)\left(\left(\frac{2b-(a+b)}{2}\right)+\frac{a+b}{2}\right)=$$

$$=\left(\frac{a-b}{2}+\frac{a+b}{2}\right)\left(\frac{b-a}{2}+\frac{a+b}{2}\right)=$$

$$=\left(\frac{a-b}{2}+\frac{a+b}{2}\right)\left(-\frac{a-b}{2}+\frac{a+b}{2}\right)=$$

$$=\left(\frac{a+b}{2}+\frac{a-b}{2}\right)\left(\frac{a+b}{2}-\frac{a-b}{2}\right)=\left(\frac{a+b}{2}\right)^2-\left(\frac{a-b}{2}\right)^2.$$

Аз ин ҷо: $ab=\left(\frac{a+b}{2}\right)^2-\left(\frac{a-b}{2}\right)^2$ (2)

Татбиқи формулаи (2)-ро дар ҳалли муодилаи квадратии овардашудаи зерин муоина мекунем:

$x^2+px+q=0.$ (3)

Муодилаи квадратии (3)-ро ба намуди зерин менависем:

$(x+p)x+q=0$ (4)

Дар муодилаи ҳосилшуда, ҳангоми $a=x+p$ ва $b=x$ будан, формулаи (2)-ро татбиқ мекунем:

$$(x+p)\cdot x=\left(\frac{x+p+x}{2}\right)^2-\left(\frac{x+p-x}{2}\right)^2=\left(\frac{2x+p}{2}\right)^2-\left(\frac{p}{2}\right)^2=\left(x+\frac{p}{2}\right)^2-\left(\frac{p}{2}\right)^2$$

Яъне, $(x+p)\cdot x=\left(x+\frac{p}{2}\right)^2-\left(\frac{p}{2}\right)^2$ мешавад.

Ифодаи ҳосилшударо ба (4) гузошта, муодилаи ҳосилшударо ҳал мекунем:

$$\left(x+\frac{p}{2}\right)^2-\left(\frac{p}{2}\right)^2+q=0;\ \left(x+\frac{p}{2}\right)^2=\left(\frac{p}{2}\right)^2-q;$$

$$x+\frac{p}{2}=\mp\sqrt{\left(\frac{p}{2}\right)^2-q};\ x_{1,2}=-\frac{p}{2}\mp\sqrt{\left(\frac{p}{2}\right)^2-q}. \quad (5)$$

Истифодаи формулаи (5) ҳангоми $p$ ҷуфт будан, барои ҳалли муодилаҳои квадратии овардашудаи $x^2+px+q=0$ мувофиқ аст. Аз ин рӯ, барои ёфтани решаҳои муодилаи квадратии овардашуда (ислоҳшуда), онро дар намуди формулаи (5) истифода бурдан ба маврид аст.

Барои татбиқи тарзи овардашуда, муодилаҳои зеринро муоина мекунем:

**Масъалаи якум.** Муодилаи $x^2-10x+21=0$-ро бо татбиқи ба фарқи квадратҳо табдил додани ҳосили зарби ду ифода ҳал мекунем.

**Ҳал.** Муодилаи додашударо ба намуди $x(x-10)+21=0$ навишта, формулаи (2)-ро татбиқ мекунем.

$$(x-10)\cdot x=\left(\frac{x-10+x}{2}\right)^2-\left(\frac{x-10-x}{2}\right)^2=$$

$$=\left(\frac{2x-10}{2}\right)^2-\left(\frac{-10}{2}\right)^2=(x-5)^2-25.$$

Ифодаи ҳосилшударо ба муодилаи додашуда гузошта, онро ҳал мекунем:

$(x-5)^2-25+21=0;$ $(x-5)^2-4=0;$ $(x-5)^2=4$

$x-5=\mp\sqrt{4};$ $x_{1,2}=5\mp 2.$

Аз ин ҷо $x_1 = 5 - 2 = 3$ ва $x_2 = 5 + 2 = 7$ мешавад. **Ҷавоб:** 3; 7.

**Масъалаи дуюм.** Муодилаи квадратии $ax^2 + bx + c = 0$-ро бо татбиқи ба фарқи квадратҳо табдил додани ҳосили зарби ду ифода ҳал мекунем.

Ҳар ду тарафи муодилаи квадратиро ба $a \neq 0$ тақсим мекунем:

$$x^2 + \frac{b}{a}x + \frac{c}{a} = 0.$$

Аз узвҳои якум ва дуюм $x$-ро аз қавс мебарорем:

$$\left(x + \frac{b}{a}\right)x + \frac{c}{a} = 0. \qquad (6)$$

Акнун ҳосили зарби ифодаи якумро ба фарқи квадрати ифодаҳо оварда табдил медиҳем:

$$\left(x + \frac{b}{a}\right)x = \left(\frac{x + \frac{b}{a} + x}{2}\right)^2 - \left(\frac{x + \frac{b}{a} - x}{2}\right)^2 =$$

$$= \left(x + \frac{b}{2a}\right)^2 - \left(\frac{b}{2a}\right)^2 = \left(x + \frac{b}{2a}\right)^2 - \frac{b^2}{4a^2}$$

Ифодаи ҳосилшударо ба (6) гузошта, онро сода мекунем:

$$\left(x + \frac{b}{2a}\right)^2 - \frac{b^2}{4a^2} + \frac{c}{a} = 0; \quad \left(x + \frac{b}{2a}\right)^2 = \frac{b^2}{4a^2} - \frac{c}{a};$$

$$\left(x + \frac{b}{2a}\right)^2 = \frac{b^2 - 4ac}{4a^2}; \quad x + \frac{b}{2a} = \mp\sqrt{\frac{b^2 - 4ac}{4a^2}};$$

$$x_{1,2} = -\frac{b}{2a} \mp \frac{\sqrt{b^2 - 4ac}}{2a} \text{ ё ки } x_{1,2} = \frac{-b \mp \sqrt{b^2 - 4ac}}{2a}$$

**Масъалаи сеюм.** Муодилаи $2x^2 - 7x + 6 = 0$-ро бо татбиқи ба фарқи квадратҳо табдил додани ҳосили зарби ду ифода муоина мекунем.

**Ҳал.** Ҳар ду тарафи муодиларо ба 2 тақсим мекунем:

$$x^2 - \frac{7}{2}x + 3 = 0.$$

Муодилаи ҳосилшударо ба намуди зерин менависем:

$$\left(x - \frac{7}{2}\right)x + 3 = 0. \qquad (7)$$

Дар муодилаи мазкур формулаи (2)-ро татбиқ мекунем:

$$\left(x - \frac{7}{2}\right)x = \left(\frac{x - \frac{7}{2} + x}{2}\right)^2 - \left(\frac{x - \frac{7}{2} - x}{2}\right)^2 =$$

$$= \left(x - \frac{7}{4}\right)^2 - \left(-\frac{7}{4}\right)^2 = \left(x - \frac{7}{4}\right)^2 - \frac{49}{16}.$$

Ифодаи пайдошударо ба (7) гузошта, муодилаи ҳосилшударо ҳал мекунем:

$$\left(x - \frac{7}{4}\right)^2 - \frac{49}{16} + 3 = 0; \quad \left(x - \frac{7}{4}\right)^2 - \frac{49 - 48}{16} = 0;$$

$\left(x-\frac{7}{4}\right)^2-\frac{1}{16}=0$; $\left(x-\frac{7}{4}\right)^2=\frac{1}{16}$.

Аз ин ҷо $x-\frac{7}{4}=\mp\sqrt{\frac{1}{16}}$ ё $x-\frac{7}{4}=\mp\frac{1}{4}$ ҳосил мешавад.

Пас, $\left[\begin{array}{l} x-\frac{7}{4}=-\frac{1}{4}, \\ x-\frac{7}{4}=\frac{1}{4}; \end{array}\right.$ $\left[\begin{array}{l} x=-\frac{1}{4}+\frac{7}{4}, \\ x=\frac{1}{4}+\frac{7}{4}; \end{array}\right.$ $\left[\begin{array}{l} x=\frac{-1+7}{4}, \\ x=\frac{1+7}{4}; \end{array}\right.$ $\left[\begin{array}{l} x_1=\frac{3}{2}, \\ x_2=2. \end{array}\right.$ **Ҷавоб:** $\frac{3}{2}$; 2.

**Масъалаи чорум.** Тарзи дуюми алгоритми ҳалли муодилаи квадратии $ax^2+bx+c=0$-ро бо татбиқи ба фарқи квадратҳо табдил додани ҳосили зарби ду ифода муоина мекунем.

Аз қавс ҳамзарби умумӣ $x$-ро мебарорем:

$x(ax+b)+c=0$.

Акнун ҳар ду тарафи муодиларо ба $a$ зарб мекунем:

$ax(ax+b)+ac=0$. (8)

Дар муодилаи (8)-ум формулаи ба фарқи квадратҳо табдил додани ҳосили зарби ду ифодаро истифода мекунем:

$$ax(ax+b)=\left(\frac{ax+ax+b}{2}\right)^2-\left(\frac{ax-(ax+b)}{2}\right)^2=$$

$$=\left(ax+\frac{b}{2}\right)^2-\left(\frac{-b}{2}\right)^2=\left(ax+\frac{b}{2}\right)^2-\frac{b^2}{4}.$$

Ифодаи ҳосилшударо ба муодилаи (8) гузошта, онро ҳал мекунем:

$$\left(ax+\frac{b}{2}\right)^2-\frac{b^2}{4}+ac=0;\ \left(ax+\frac{b}{2}\right)^2=\frac{b^2}{4}-ac;$$

$$\left(ax+\frac{b}{2}\right)^2=\frac{b^2-4ac}{4};\ ax+\frac{b}{2}=\mp\sqrt{\frac{b^2-4ac}{4}};$$

$$ax=-\frac{b}{2}\mp\frac{\sqrt{b^2-4ac}}{2};\ ax=\frac{-b\mp\sqrt{b^2-4ac}}{2}\ \text{ё ки}$$

$$x_{1,2}=\frac{-b\mp\sqrt{b^2-4ac}}{2a}$$

**Масъалаи панҷум.** Муодилаи $5x^2-72x+124=0$-ро ҳал мекунем.

**Ҳал.** Муодиларо ба намуди зерин менависем:

$x(5x-72)+124=0$.

Ҳар ду тарафи муодиларо ба 5 зарб мекунем:

$5x\cdot(5x-72)+620=0$.

Дар муодилаи мазкур, формулаи $ab=\left(\frac{a+b}{2}\right)^2-\left(\frac{a-b}{2}\right)^2$-ро татбиқ карда, онро ҳал мекунем:

$$\left(\frac{5x+5x-72}{2}\right)^2-\left(\frac{5x-(5x-72)}{2}\right)^2+620=0;$$

$$\left(\frac{10x-72}{2}\right)^2-\left(\frac{72}{2}\right)^2+620=0;$$

$(5x-36)^2-36^2+620=0$; $(5x-36)^2-1296+620=0$;

$(5x-36)^2-676=0$; $(5x-36)^2=676$;

$5x-36=\mp\sqrt{676}$; $5x=36\mp 26$.

Аз ин ҷо $\left[\begin{array}{l}5x=36-26,\\5x=36+26;\end{array}\right.$ $\left[\begin{array}{l}5x=10,\\5x=62;\end{array}\right.$ $\left[\begin{array}{l}x_1=10:5,\\x_2=62:5;\end{array}\right.$ $\left[\begin{array}{l}x_1=2\\x_2=12{,}4.\end{array}\right.$ **Ҷавоб:** 2; 12,4.

Баъди таҳлили маводи мавҷуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки бо ёрии тарзҳои ратсионалӣ раванди алгоритми ҳалли муодилаҳои квадратӣ хеле осон гардида, ҷараёни ҳал тезтар иҷро карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон ба чунин хулоса омад, ки истифодаи мунтазами тарзҳои гуногуни ҳалли муодилаҳои квадратӣ на танҳо боиси зиёд шудани шавқу рағбат ба математика, балки он такягоҳ ва афзоиши фаъолияти эҷодии хонандагон гардида, имконияти интихоби тарзҳои ҳал дар ҳар як ҳолати мушаххас ба вуҷуд омада, дониши азхудкардаи онҳо мустаҳкам ва самараноктар мегардад.

Донишҳое, ки ҳангоми ҳалли муодилаи квадратӣ бо тарзҳои гуногун хонандагон мегиранд, онро дар дигар фаслҳои математика татбиқ кардан имконпазир аст, чунки қисми зиёди тарзҳоро дар дигар намудҳои муодилаҳо татбиқ кардан мумкин аст.

Маводи таҳияшударо дар корҳои беруназдарсӣ аз фанни математика истифода бурдан мумкин аст. Маводро хонандагоне истифода бурда метавонанд, ки математикаро дӯст медоранд ва мехоҳанд дар бораи математика маълумоти бештар ва муфассал дошта, завқи ҷустуҷӯи тарзҳои гуногуни ҳалро дошта бошанд. Бояд хонандагон аз ҳалли масъалаҳо наҳаросида, барои ҷустуҷӯи алгоритми ҳалли он кӯшиш кунанд.

**Масъалаҳо барои кори мустақилона**

Муодилаҳои квадратиро бо татбиқи ба фарқи квадратҳо табдил додани ҳосили зарби ду ифода ҳал кунед:

1. $x^2-6x-55=0$;
2. $x^2+14x+84=0$;
3. $x^2+8x-84=0$;
4. $x^2-2x-2024=0$;
5. $x^2-x-72=0$;
6. $19x^2+51x-18=0$;
7. $4x^2+9x+2=0$;
8. $5x^2-12x-9=0$;
9. $7x^2+9x-406=0$
10. $12x^2+7x-34=0$;
11. $x^2-10\sqrt{5}x-19=0$
12. $x^2-2\sqrt{74}x-1951=0$

**АДАБИЁТ:**

1. Маҳкамов, М. 36 тарзи ҳалли муодилаҳои квадратӣ. - Душанбе: Маориф, 2021 - 180 с.
2. Маҳкамов, М. Методҳои ҳалли масъалаҳо аз алгебра. Дастури илмию-таълимӣ. – Душанбе: Маориф, 2021. - 1040 с.

**ТАҶРИБА**



***Муҳаммадшариф ШУКУРОВ,***
***хонандаи синфи 11, мактаби №10***
***ноҳияи Деваштич***

# ИСБОТИ ФОРМУЛАҲОИ СУММАИ ДАРАҶАҲОИ АДАДҲОИ НАТУРАЛӢ БО МЕТОДИ ИНДУКСИЯИ МАТЕМАТИКӢ



Дар ин мақола мо нишон медиҳем,ки ҳамаи формулаҳои суммаи дараҷаҳои адади натуралиро бо методи индуксияи математикӣ исбот кардан мумкин аст.

**Мисоли 1**. Исбот мекунем, ки барои адади натуралии дилхоҳи n $\boldsymbol{S_n = 1 + 2 + 3 + \ldots + n = \frac{n+1}{2} \cdot n}$ аст.

Ҳангоми $n$ ба 1 баробар будан ҳарду тарафи баробарӣ ба 1 баробар мешавад.

$1 = \frac{1+1}{2} \cdot 1 = \frac{2}{2} = 1.$

Ҳангоми $n$ ба 2 баробар будан ҳарду тарафи баробарӣ ба 3 баробар мешавад.

$1+2 = \frac{2+1}{2} \cdot 2$

$3 = \frac{3}{2} \cdot 2$

$3 = 3.$

Бигузор барои адади дилхоҳи натуралии k баробарии додашуда дуруст бошад, яъне $S_k = 1 + 2 + 3 + \ldots + k = \frac{k+1}{2} \cdot k.$

Нишон медиҳем, ки вай ҳангоми $k = n + 1$ низ дуруст мебошад.

$S_{n+1} = 1 + 2 + 3 + \ldots + n + (n+1) = \frac{n+1}{2} \cdot n + (n+1) = \frac{n(n+1) + 2(n+1)}{2} = \frac{(n+1)(n+2)}{2}.$

**Мисоли 2.** Исбот мекунем, ки барои адади натуралии дилхоҳи n $\boldsymbol{S_n = 1^2 + 2^2 + 3^2 + \ldots + n^2 = \frac{n(n+1)(2n+1)}{6}}$ аст.

Ҳангоми $n$ ба 1 баробар будан

$1 = \frac{1(1+1)(2 \cdot 1+1)}{6} = \frac{2 \cdot 3}{6} = \frac{6}{6} = 1.$

Ҳангоми $n$ ба 2 баробар будан

$$1^2 + 2^2 = \frac{2(2+1)(2 \cdot 2+1)}{6}$$

$$1 + 4 = \frac{2 \cdot 3 \cdot 5}{6}$$

$$5 = \frac{6 \cdot 5}{6}$$
$$5 = 5.$$

Бигузор барои адади дилхоҳи натуралии k баробарии додашуда дуруст бошад, яъне $S_k = 1^2 + 2^2 + 3^2 + \ldots + k^2 = \frac{k(k+1)(2k+1)}{6}$.

Нишон медиҳем, ки вай ҳангоми k = $n + 1$ низ дуруст мебошад:

$S_{n+1} = 1^2 + 2^2 + 3^2 + \cdots + n^2 + (n+1)^2 = \frac{n(n+1)(2n+1)}{6} + (n\ +1) = \frac{n(n+1)(2n+1)}{6} + \frac{6(n+1)^2}{6} = \frac{(n+1)\left((n(2n+1)+6(n+1)\right)}{6} = \frac{(n+1)(2n^2+n+6n+6\,)}{6} = \frac{(n+1)(2n^2+4n+3n+6\,)}{6} = \frac{(n+1)\ (2n(n+2)+3(n+2))}{6} = \frac{(n+1)\ (n+2)(2n+3)}{6} = \frac{(n+1)\ (n+2)(2(n+1)+1\ )}{6}$.

**Мисоли 3.** Исбот мекунем, ки барои адади натуралии дилхоҳи n $\boldsymbol{S_n = 1^3 + 2^3 + 3^3 + \ldots + n^3 = \frac{n^2(n+1)^2}{4}}$ аст.

Ҳангоми $n$ ба 1 баробар будан

$$1 = \frac{1^2(1+1)^2}{4} = \frac{2^2}{4} = \frac{4}{4} = 1.$$

Ҳангоми $n$ ба 2 баробар будан

$$1^3 + 2^3 = \frac{2^2(2+1)^2}{4}$$
$$1 + 8 = \frac{4 \cdot 9}{4}$$
$$9 = 9.$$

Бигузор барои адади дилхоҳи натуралии k баробарии додашуда дуруст бошад, яъне $S_k = 1^3 + 2^3 + 3^3 + \ldots + k^3 = \frac{k^2(k+1)^2}{4}$.

Нишон медиҳем, ки вай ҳангоми k = $n + 1$ низ вай дуруст мебошад:

$S_{n+1} = 1^3 + 2^3 + 3^3 + \ldots + n^3 + (n+1)^3 = \frac{n^2(n+1)^2}{4} + (n+1)^3 = \frac{n^2(n+1)^2}{4} + \frac{4(n+1)^3}{4} = $
$= \frac{(n+1)^2}{4}\ (n^2 + 4(n+1)\ ) = \frac{(n+1)^2}{4} \cdot (n^2 + 4n + 4) = \frac{(n+1)^2}{4} \cdot (n+2)^2 = \frac{(n+1)^2 \cdot (n+2)^2}{4}$.

**Мисоли 4.** Исбот мекунем, ки барои адади натуралии дилхоҳи n $\boldsymbol{1^4 + 2^4 + 3^4 + \ldots + n^4 = \frac{n(n+1)(2n+1)(3n^2+3n-1)}{30}}$ аст.

Ҳангоми $n$ ба 1 баробар будан

$$1 = \frac{1(1+1)(2\cdot1+1)(3\cdot1^2+3\cdot1-1)}{30} = \frac{2\cdot3\cdot5}{30} = \frac{30}{30} = 1 \text{ аст.}$$

Ҳангоми $n$ ба 2 баробар будан

$$1^4 + 2^4 = \frac{2(2+1)(2\cdot2+1)(3\cdot2^2+3\cdot2\ -1)}{30}$$
$$1 + 16 = \frac{2\cdot3\cdot5\cdot(12+6-1)}{30}$$
$$17 = \frac{30\cdot17}{30}$$
$$17 = 17.$$

Бигузор барои адади дилхоҳи натуралии k баробарии додашуда дуруст бошад, яъне $1^4 + 2^4 + 3^4 + \ldots + k^4 = \frac{k(k+1)(2k+1)(3k^2+3k-1)}{30}$.

Нишон медиҳем, ки вай ҳангоми $n+1$ низ дуруст мебошад:

$S_{n+1} = 1^4 + 2^4 + 3^4 + \cdots + n^4 + (n+1)^4 = \frac{n(n+1)(2n+1)(3n^2+3n-1)}{30} + (n+1)^4 = \frac{n+1}{30}(n(2n+1)(3n^2 + +3n - 1) + 30(n+1)^3) = \frac{n+1}{30}(n(2n+1)(3n^2+3n-1) + 30(n^3+3n^2+3n+1)) = \frac{n+1}{30}\left((2n^2+n)(3n^2+3n-1) + 30n^3 + 90n^2 + 90n + 30\right) =$

$$= \frac{n+1}{30}\left((6n^4 + 6n^3 - 2n^2 + 3n^3 + 3n^2 - n) + 30n^3 + 90n^2 + 90n + 30\right)$$

$$= \frac{n+1}{30}(6n^4 + 9n^3 + n^2 - n + +30n^3 + 90n^2 + 90n + +30)$$

$$= \frac{n+1}{30}(6n^4 + 39n^3 + 91n^2 + 89n + 30)$$

$$= \frac{n+1}{30}(6n^4 + 18n^3 + 10n^2 + +21n^3 + 63n^2 + 35n + 18n^2 + 54n + 30)$$

$$= \frac{n+1}{30}\left((2n^2 + 7n + 6)(3n^2 + 9n + 5)\right)$$

$$= \frac{n+1}{30}\left((2n^2 + 7n + +6)(3n^2 + 6n + 3 + 3n + 2)\right)$$

$$= \frac{n+1}{30}\left((2n^2 + 3n + 4n + 6)(3(n^2 + 2n + 1) + 3n + 3 - 1)\right)$$

$$= \frac{n+1}{30}\left((n+2)(2n + +3)\left(3(n+1)^2 + 3(n+1) - 1\right)\right)$$

$$= \frac{n+1}{30}\left((n+2)(2(n+1)+1)\left(3(n+1)^2 + +3(n+1) - 1\right)\right)$$

$$= \frac{(n+1)(n+2)(2(n+1)+1)\left(3(n+1)^2 + 3(n+1) - 1\right)}{30}$$

**Мисоли 5.** Исбот мекунем, ки барои адади натуралии дилхоҳи n $\boldsymbol{S_n = 1^5 + 2^5 + 3^5 + \ldots + n^5 = \frac{n^2(n+1)^2(2n^2+2n-1)}{12}}$ аст.

Ҳангоми $n$ ба 1 баробар будан

$$1 = \frac{1^2(1+1)^2(2\cdot1^2+2\cdot1-1)}{12} = \frac{1\cdot4\cdot(2+2-1)}{12} = \frac{4\cdot3}{12} = \frac{12}{12} = 1.$$

Ҳангоми $n$ ба 2 баробар будан

$$1^5 + 2^5 = \frac{2^2(2+1)^2(2\cdot2^2 + 2\cdot2 - 1)}{12}$$

$$1 + 32 = \frac{4\cdot3^2(8+4-1)}{12}$$

$$33 = \frac{4\cdot9\cdot11}{12}$$

$$33 = 33.$$

Бигузор барои адади дилхоҳи натуралии k баробарии додашуда дуруст бошад, яъне $S_k = 1^5 + 2^5 + 3^5 + \ldots + k^5 = \frac{k^2(k+1)^2(2k^2+2k-1)}{12}$.

Нишон медиҳем, ки вай ҳангоми k = $n+1$ низ вай дуруст мебошад:

$$S_{n+1}=1^5+2^5+3^5+\ldots+n^5+(n+1)^5=\frac{n^2(n+1)^2(2n^2+2n-1)}{12}+(n+1)^5$$
$$=\frac{(n+1)^2}{12}(n^2(2n^2+2n-1)++12(n+1)^3)$$
$$=\frac{(n+1)^2}{12}(2n^4+2n^3-n^2+12(n^3+3n^2+3n\ +1))$$
$$=\frac{(n+1)^2}{12}(2n^4+14n^3+35n^2+36n\ +12)=$$

$=\frac{(n+1)^2}{12}(2n^4+6n^3+3n^2+8n^3+24n^2+12n+8n^2\ +24n+12)=\frac{(n+1)^2}{12}\big((n^2+4n+4)(2n^2+6n+3)\big)\frac{(n+1)^2}{12}((n+2)^2(2n^2+4n+2+2n+1))=\frac{(n+1)^2}{12}=\frac{(n+1)^2}{12}((n+2)^2\ (2(n+1)^2\ +2(n+1)-1)=\frac{(n+1)^2(n+2)^2(2(n+1)^2\ +2(n+1)-1)}{12}$

**Мисоли 6.** Исбот мекунем, ки барои адади натуралии дилхоҳи n $\boldsymbol{S_n=1^6+2^6+3^6+\ldots+n^6\ =\frac{n(n+1)(2n+1)(3n^4+6n^3-3n+1)}{42}}$.

Ҳангоми $n$ ба 1 баробар будан

$$1=\frac{1(1+1)(2\cdot1+1)(3\cdot1^4+6\cdot1^3-3\cdot1+1)}{42}=\frac{2\cdot3(3+6-3+1)}{42}=\frac{6\cdot7}{42}=\frac{42}{42}=1.$$

Ҳангоми $n$ ба 2 баробар будан

$$1^6+2^6=1\frac{2(2+1)(2\cdot2+1)(3\cdot2^4+6\cdot2^3-3\cdot2+1)}{42}$$
$$1+64=\frac{2\cdot3\cdot5\cdot(3\cdot16+6\cdot8-6+1)}{42}$$
$$65=\frac{6\cdot5\cdot(48+48-5)}{42}$$
$$65=\frac{6\cdot5\cdot91}{42}$$
$$65=\frac{6\cdot5\cdot13\cdot7}{42}$$
$$65=5\cdot13$$
$$65=65.$$

Бигузор барои адади дилхоҳи натуралии k баробарии додашуда дуруст бошад, яъне $\boldsymbol{S_k=\ 1^6+2^6+3^6+\ldots+k^6\ =\frac{k(k+1)(2k+1)(3k^4+6k^3-3k+1)}{42}}$.

Нишон медиҳем, ки вай ҳангоми $k=n+1$ низ дуруст мебошад:

$S_{n+1}=1^6+2^6+3^6+\cdots+n^6+(n+1)^6=\frac{n(n+1)(2n+1)(3n^4+6n^3-3n+1)}{42}+(n+1)^6=$
$=\frac{n+1}{42}(n(2n+1)(3n^4+6n^3-3n+1)+42(n+1)^5)=\frac{n+1}{42}\Big(\big((2n^2+n)(3n^4+6n^3-3n+1)\big)++42(n^5+5n^4+\ 10n^3+10n^2+5n+1)\Big)=\frac{n+1}{42}(6n^6+12n^5-6n^3+2n^2\ +3n^5+6n^4-3n^2+n++42n^5+210n^4+420n^3+420n^2+210n+42)=\frac{n+1}{42}(6n^6+57n^5+216n^4+414n^3+419n^2+211n++42)\ =\frac{n+1}{42}(6n^6+36n^5+72n^4+54n^3+14n^2+21n^5+126n^4+252n^3+189n^2+49n+18n^4+108n^3+216n^2+162n+42)\ =\frac{n+1}{42}((2n^2+7n+6)\ (3n^4+18n^3+36n^2+27n+7))=\frac{n+1}{42}((2n^2++3n+4n+6)\ (3n^4+18n^3+36n^2+27n+7))=\frac{n+1}{42}((\ n+2)(2n+3)\ (3n^4+12n^3+18n^2+12n++3+6n^3+18n^2+18n+6-3n-2))=\frac{n+1}{42}((\ n+2)(2n+2+1)\ (3(n^4+4n^3+6n^2+4n+1)++6(n^3+3n^2+3n+1)-3n-3+1))=$

$$\frac{n+1}{42}\big((\,n+2)(2(n+1)+1)\ (\,3(n+1)^4+6(n+1)^3--3\,(n+1)+1)\big)=$$
$$\frac{(n+1)(\,n+2)(2(n+1)+1)\ (\,3(n+1)^4+6(n+1)^3-3\,(n+1)+1)}{42}.$$

**Мисоли 7.** Исбот мекунем, ки барои адади натуралии дилхоҳи n $\boldsymbol{S_n=1^7+2^7+3^7+\ldots+n^7=\frac{n^2(n+1)^2(3n^4+6n^3-n^2-4n+2)}{24}}$ аст.

Ҳангоми $n$ ба 1 баробар будан

$$1=\frac{1(1+1)^2(3\cdot1^4+6\cdot1^3-1^2-4\cdot1+2)}{24}=\frac{2^2\,(3+6-1-4+2)}{24}=\frac{4(9-5+2)}{24}=\frac{4+2}{6}=\frac{6}{6}=1.$$

Ҳангоми $n$ ба 2 баробар будан

$$1^7+2^7=\frac{2^2(2+1)^2(3\cdot2^4+6\cdot2^3-2^2-4\cdot2+2)}{24}$$
$$1+128=\frac{4\cdot9(3\cdot16+6\cdot8-4-8+2)}{24}$$
$$129=\frac{12\cdot3(48+48-12+2)}{24}$$
$$129=\frac{3(96-10)}{2}$$
$$129=\frac{3\cdot86}{2}$$
$$129=3\cdot43$$
$$129=129.$$

Бигузор барои адади дилхоҳи натуралии k баробарии додашуда дуруст бошад, яъне $S_k=1^7+2^7+3^7+\ldots+k^7=\frac{k^2(k+1)^2(3k^4+6k^3-k^2-4k+2)}{24}$.

Нишон медиҳем, ки вай ҳангоми $k=n+1$ низ дуруст мебошад:

$S_{n+1}=1^7+2^7+3^7+\cdots+n^7+(n+1)^7=\frac{n^2(n+1)^2(3n^4+6n^3-n^2-4n+2)}{24}+(n+1)^7=\frac{(n+1)^2}{24}(n^2(3n^4++6n^3-n^2-4n+2)+24(n+1)^5)=\frac{(n+1)^2}{24}(3n^6+6n^5-n^4-4n^3+2n^2+24(n^5+5n^4++10n^3++10n^2+5n+1))=\frac{(n+1)^2}{24}(3n^6+6n^5-n^4-4n^3+2n^2+24n^5+120n^4+240n^3+240n^2+120n++24)=\frac{(n+1)^2}{24}(3n^6+30n^5+119n^4+236n^3+242n^2+120n+24)=\frac{(n+1)^2}{24}(3n^6+18n^5+35n^4++24n^3+6n^2+12n^5+72n^4+140n^3+96n^2+24n+12n^4+72n^3+140n^2+96n+24)=$

$=\frac{(n+1)^2}{24}((n^2+4n+4)(3n^4+18n^3+35n^2+24n+6))=\frac{(n+1)^2}{24}((n+2)^2(3n^4+12n^3+18n^2++12n+3+6n^3+18n^2+18n+6-n^2-2n-1-4n-2))=\frac{(n+1)^2}{24}((n+2)^2(3(n^4+4n^3+6n^2++4n+1)+6(n^3+3n^2+3n+1)-(n^2+2n+1)-4n-4+2))=\frac{(n+1)^2}{24}((n+2)^2(3(n+1)^4++6(n+1)^3-(n+1)^2-4(n+1)+2))=\frac{(n+1)^2(n+2)^2(3(n+1)^4+6(n+1)^3-(n+1)^2-4(n+1)+2)}{24}.$

Дар охир бояд гуфт, ки исботи чунин формулаҳо дар баъзе адабиётҳо во мехӯрад, лекин дараҷаҳои олӣ (5; 6; 7) қариб, ки нестанд. Ҳамчун маводи кӯмакрасон барои хонандагон хостем ин маводро пешниҳод намоем.

## АДАБИЁТ


1. Вленкик Н.Я. Индукция. Комбинаторика. – Душанбе: Маориф, 1980.
2. Шарифзода А. Масъалаҳои озмунҳо ва олимпиадаҳои математикӣ». – Душанбе: Офсет, 2013.

## ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

***Минодис ЭШОНҚУЛОВА,***
***омӯзгори информатикаи***
***Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент***

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН



Дар замони муосир технологияи иттилоотӣ ба муҳаррики рушди таърихии ҷомеа табдил ёфтааст. Таъмин намудани соҳаҳои гуногуни кишвар бо мутахассисони соҳибихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ буда, маҳз бо рушди ин зинаҳои таҳсилот метавон дар рушди илму маориф, ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат саҳми босазо гузошт. Мавриди зикр аст, ки пешрафти босуръати илму фановариҳои инноватсионӣ моро водор менамоянд, ки тамоми ҷабҳаҳои зиндагиамонро ба талаботи он мувофиқ намоем. Бинобар сабаби рӯз аз рӯз афзудани ҳаҷми иттилооти пешниҳодшаванда, инсон қобилияти ба пуррагӣ азхудкунии ҳама гуна иттилоотро надорад. Нақш ва зарурати татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳама соҳаи фаъолияти касбии инсоният ба ҳамагон маълум аст. Новобаста аз ин, мо бояд технологияҳоро дар низоми маориф нисбат ба дигар самтҳо зиёдтар ва ба мавқеъ истифода намоем. Зеро бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ донишҷӯён имконият ва маҳорати худро тавсеа бахшида, баҳри амалӣ намудани мақсадҳои худ аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода карда метавонанд. Таҷдиди мунтазами технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълим барои омоданамоии мутахассисони соҳибмалака ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир аҳамияти махсус дорад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки омӯзиши ин ё он мавзуъ, фан, ташкили баргузорнамоии дарс, усулҳои доир намудани машғулият ва ташкили ҷараёни таълим бо роҳҳои гуногун муфид ҷараён гиранд. Донишҷӯ ҳангоми таҳсил новобаста ихтисос бояд малакаи истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар фаъолияти таълимӣ ва амалӣ азхуд намояд. Зеро ҳангоми азхуд кардани маводи барнома бо истифода аз фановариҳои иттилоотӣ малакаи ҳамкорӣ, ҳалли вазъияти мушкил, танзими сатҳи фаъолият, ҳамкории устоду донишҷӯ, ташаккули муколама ба вуҷуд меояд. Салоҳияти иттилоотонии шахс ин фаъолияти пурсамари иттилоотӣ, талабот нисбат ба ҷустуҷӯи мустақилона, коркард ва интихобу интиқоли иттилоот, эҷодкорӣ дар фаъоляти таълимиву касбӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар муассисаҳои миёнаи касбӣ марҳилаи ибтидоии омӯзиши дарс бо истифода аз проекторҳои мултимедиявӣ бо рӯнамоҳо (слайд-шоу) доир ба мавзуъ гузаронида мешавад. Сипас, ҳамчун тасвир, китобҳои дарсии электронии мавҷуда ва барномаҳои таълимии компютериро истифода мебаранд. Дохил кардани маводи видеоӣ ба соатҳои лексионӣ, ки бо

услуби анъанавӣ сохта шудааст, гарчанде ки он дарки фаъоли донишҷӯёнро такмил медиҳад, аммо ба ташаккули малакаи онҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ мусоидат мекунад. Ҷанбаи дигари татбиқи фановариҳои иттилоотӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои олӣ ин истифодаи захираҳои интернет мебошад. Имконияти дастрасӣ ба интернет манбаи иттилоотии воқеии ҷустуҷӯро ба вуҷуд меорад. Воситаҳои телекоммуникатсионии шабакаи интернет на танҳо имконотро тавсеа медиҳад, балки мазмуни таълим низ ҳамчун таҳвили азхудкунии дониш иваз мекунад. Бояд қайд намуд, ки шабакаи интернет восита ва ё омили асосии ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад ва маҳз бо ҳамин усул иттилоот ба тамоми дунё ҳар лаҳза паҳн мегардад ва он чизе, ки пешниҳод мегардад, хусусиятҳои мусбат ва манфиро дорост. Дар сурате, ки интернет бузургтарин падидаи ҷаҳонии воситаи мусоиди сохтани андешаҳост, айни замон дар шабакаи интернет дастрас кардани ин ё он мавод бо забони тоҷикӣ душвор аст. Аз ин рӯ, ташкили сомонаҳои интернетӣ яке аз масоили муҳимми ҷомеаи мост. Чунки технологияҳои таълим, пеш аз ҳама, бояд ба ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён равона карда шаванд. Бинобар ин, нақш ва аҳамияти истифодаи фановариҳои иттилоотӣ дар раванди таълим барои омӯзиши фанҳои махсус судманд аст. Омӯзгорон дар дарсҳои назариявӣ чунин маводро таҳия ва истифода мебаранд: «Рӯнамоҳои мултимедиявӣ; маводи тасвирӣ; сканеркунӣ аз диаграммаҳои графикӣ ва намудҳои таҷҳизот; захираҳои интернет. Барои омӯзгорон истифодаи технологияҳои компютерии иттилоотӣ чӣ медиҳад?

1. Хотираи донишҷӯро фаъол месозад.
2. Таваҷҷуҳ ва дараҷаи ҳавасмандии донишҷӯро зиёд мекунад.
3. Вақти омӯзгорро сарфа мекунад.
4. Муносибатҳои инфиродиро ба вуҷуд меорад.
5. Қобилияти кор кардан бо ҷараёни иттилоотро инкишоф медиҳад.
6. Қабули қарорҳо мустақилона ба роҳ монда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки технологияҳои нави иттилоотӣ бо истифода аз компютер имконияти гузариши азхудкуниро аз як сатҳ ба сатҳи нав медиҳад, ки он ба принсипҳои асосии технологияи педагогӣ мувофиқ аст. Истифодаи технологияҳои компютерӣ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки ҳангоми ташкили кори амалӣ ба донишҷӯён дар синф шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимиро пешниҳод кунанд. Ҳар кадоме аз онҳо аз рӯйи мундариҷаи маводи таълим, шумораи компютер ва донишҷӯёни гурӯҳ муайян карда мешаванд. Амалияи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими фанҳои махсус метавонад дар шакли дарсҳои зерин пешниҳод карда шавад.

Дарси аввал омӯзиши маводи нав дар шакли лексия бо истифода аз маводи мултимедиявӣ мебошад.

Дарси дуюм, ҳар як донишҷӯ мустақилона дар компютер як мавзуи навро азхуд менамояд ва онро зуд меомӯзад ва баҳои ниҳоии корашро мегирад. Назорат тавассути омӯхтани нақшаи ҷамъбастӣ ва ворид кардани ҷавоб ба саволҳои омӯзгор гузаронида мешавад.

Дарси мазкур мавҷудияти компютерҳоеро, ки ба шумораи донишҷӯёни гурӯҳ мувофиқанд, дар назар дорад. Дарси сеюм, дарси омехта, ки аз рӯйи нақли омӯзгор ва кори мустақили гурӯҳии донишҷӯёнро дар синфи компютерӣ аз рӯйи саволҳои инфиродии дарс дар бар мегирад. Кор бо якчанд компютер оғоз мегардад, ки дар ҳар яке он 2-3 донишҷӯ ҷойгир шаванд.

Дарси чорум, нақшаи дарсест, ки таълими дифференсиалиро дар шароите, ки нисбат ба донишҷӯён шумораи компютерҳо камтар аст, дар назар дорад. Дар ин ҳолат гурӯҳ ба зергурӯҳҳо тақсим карда мешавад (се ва зиёда аз он). Ба ҳар кадоме аз онҳо муаллим барои дарс вазифа тартиб медиҳад, ки 10-12 дақиқа онҳоро мустақилона бо компютер таъмин мекунад. Дар ҳоле, ки як гурӯҳ дар компютер кор мекунанд, боқимонда ба шаклҳои дигари кор, аз ҷумла, истифодаи китобҳои дарсии анъанавӣ машғул мегарданд.

Дарси панҷум, дарсест, ки бар асоси кори гурӯҳӣ шакл ёфтааст. Якчанд гурӯҳ мувофиқи дастурҳои пешакии таҳиянамудаи омӯзгор маводи гуногунро аз китоби мултимедиявӣ

меомӯзанд. Ҳар як гурӯҳ дар бораи натиҷаи корҳои анҷомдодашудааш рӯнамо (презентация) омода мекунад.

Дарси шашум, ин ташкили бозиҳо дар рафти машғулият (дарси мусобиқа, дарси рақобат) аст, ки асоси он якҷоя фаъолият намудан мебошад. Дар ҷараёни бозӣ гурӯҳ ба ду тақсим мешавад, ки аз марҳилаҳои бозӣ мегузаранд ва бо истифода аз компютер вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд. Чунин машғулиятҳо метавонанд дар ҷамъбаст ё такрори мавзуъҳо низ истифода шаванд.

Дарси ҳафтум, истифодаи мавод аз рӯйи мавзуи таҳқиқшаванда дар шабакаи интернет барои корҳои эҷодии донишҷӯён ҳангоми навиштани эссе ё лоиҳаҳои гурӯҳӣ ниҳоят кумарасон аст. Корро метавон дар диски сахт, USB-ғункунанда, хотираи телефон нигоҳ дошт ё худ чоп кард. Дар ин гуна машғулият метавон як компютерро истифода намуд.

Дарси ҳаштум, истифодаи мавод аз китобҳои электронӣ барои такрор ва тақвияти курси баргузоргардида ва омодагӣ ба санҷиши ниҳоии дониш. Бо ёрии санҷишҳои тестӣ камбудиҳо дар омӯзиши донишҷӯён ошкор карда мешаванд, ки ба онҳо тавсияи мустақилона пур кардани норасоиҳоро бо истифода аз китоби дарсии электронӣ ва бо ҷустуҷӯи посух ба саволҳои тестӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Дар ин шакли машғулият истифодаи шумораи бештари компютерҳо тавсия дода мешавад. Таҷрибаи таълими фанҳои махсус зарурати гузарондани дарсҳои шакли анъанавиро аз байн бурда, дар асоси истифодаи технологияи иттилоотӣ гузаронидани машғулият пешниҳод карда мешавад. Таҳқиқи татбиқи технологияҳои муосири хизматрасонии таълимӣ имкони самарабахш доир намудани машғулият мегардад. Бинобар ин, зарурати ошкор кардани меъёрҳои ҷамбастгардидаи арзёбии самарабахшии татбиқи технологияҳои инноватсионии таҳсил ба миён меояд. Дар ҳолати мазкур, агар вариантҳои зиёди мушаххас вуҷуд дошта бошанд, он гоҳ барои интихоби варианти беҳтарини маблағгузорӣ дар татбиқи технологияҳои инноватсионӣ усули бо муқоисаи сармоягузории маблағ ва даромади эҳтимолии ҳар як варианти таҳқиқшаванда асоснок кардашуда, интихоб кардан мумкин аст. Пӯшида нест, ки имрӯзҳо омӯзгорон ва донишҷӯёне ҳастанд, ки норасоии донишҳои компютерӣ доранд. Аммо барои онҳо низ тавсия дода мешавад, ки ба омӯзиши ин гуна технология рӯй оваранд, зеро он барои фаъолияти минбаъдаашон манфатбахш аст. Истифодаи мунтазами технологияҳои иттилоотӣ дар таълими фанҳои махсус ба баланд шудани маданияти иттилоотии донишҷӯён, фаъолнокии онҳо дар корҳои илмию таълимӣ дар раванди машғулият ва самаранокии дарсҳои баргузоргардида, ки он ба баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунанд, оварда мерасонад.

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

## МЕДАЛИ БИРИНҶИИ ХОНАНДАИ ТОҶИК ДАР БОНУФУЗТАРИН ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Хонандагони тоҷик дар олимпиадаи байналмилалии аврупоӣ барои духтарон «EGMO – 2023» аз фанни математика соҳиби 1 медали биринҷӣ ва 1 ҷойи ифтихорӣ гаштанд. Боиси тазаккур аст, ки олимпиадаи мазкур яке аз бонуфузтарин сабқатҳои илмии байналмилалӣ буда, дар он хонандагони зиёда аз 50 кишвари дунё иштирок намуданд. Имсол Ҷумҳурии Тоҷикистонро 2 нафар хонанда муаррифӣ намуданд, ки дар ҷамъбаст Аниса Буриева, хонандаи литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе сазовори медали биринҷӣ ва Фараҳноз Нормуродзода, хонандаи ҳамин муассисаи таълимӣ сазовори ҷойи ифтихорӣ гардиданд.

<u>**ТАҲҚИҚ**</u>



***Мурод МУРОДӢ,***
***доктори илми филология,***
***профессор***

# «РАҲБАРИ ДОНИШ» ВА ТАШАККУЛИ НАҚДИ АДАБӢ




Ҳарчанд чопи порчаҳои адабӣ ва муаррифии адабиёти нав аз нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» ибтидо гирифта, баъдтар дар саҳифаҳои нашрияҳои ҷадидӣ, бахусус, нашрияҳои Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ – маҷаллаи «Оина» (1913-1915) ва рӯзномаи «Самарқанд» (1913), дар канори тарғиби ғоя ва афкори иҷтимоиву сиёсӣ, ҳамчунин, намунаҳои осори адабии устод Садриддин Айнӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва дигарон ба чоп расидааст, аммо кори адабӣ аслан дар матбуоти Шуравӣ вусъат пайдо кардааст. Дар аввалин рӯзномаҳои шуравии тоҷик «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» (“Тоҷикистони сурх”) масъалаҳои адабиёт ва осори адабӣ ба ҷузъи муҳимми мундариҷаи онҳо табдил ёфт.

Таъсиси маҷаллаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ, адабӣ, фаннӣ, илмӣ ва танқидии «Раҳбари дониш» (1927) барои инкишофи адабиёт ва ташаккули танқиди адабии тоҷик минбари асосӣ гардид. Зеро як бахши муҳимми ин маҷалла ба масоили адабиёт, нашри осори адабӣ ва нақди он ихтисос дода шуда буд. Чунончи А. Набавӣ навиштааст: Маҷаллаи «Раҳбари дониш» аз нахустин шумораҳои худ мутаваҷҷеҳи масъалаҳои адабиёт ва эҷоди адабиёти нав буда, ривоҷи ин адабиёт, расидани насли нави нависандагон ва нақду баррасии онро аз вазифаҳои муҳимми худ ба шумор овардааст» [17, с.108].

Ҳанӯз дар шумораи аввали ин маҷалла дар матлабе бо номи «Китобҳои тоҷикӣ» таъкид шудааст, ки китобҳо, хоҳ бадеӣ, хоҳ дарсӣ бояд пеш аз чоп тақриз шаванд. Дар поёни матлаб рӯйхати 35 номгӯй китобҳое, ки ба забони тоҷикӣ чоп шудаанд, барои тақриз кардан ба хонандагон – аҳли зиё пешниҳод шудааст. Ба ин минвол маҷалла барои тақриз кардани китобҳо ба аҳли зиё минбар фароҳам овардааст.

Дар шумораи дуюми «Раҳбари дониш» яке аз фаъолтарин ташкилотчӣ ва масъули маҷалла Собит Манофзода дар мақолаи худ бо унвони «Инқилоби адабӣ» аз хусуси адабиёти бадеӣ мулоҳиза ронда, «масъалаи тавлид кардани як инқилоби асрӣ дар адабиёти имрӯзаи тоҷикон» [13, с. 19]-ро ба миён мегузорад, ки ин минбаъд дар адабиёти тоҷик бо мафҳуми инқилоби адабиёт маъруф гардид. С. Манофзода маҷаллаи «Раҳбари дониш»-ро майдони тарғибу ташвиқи адабиёти нав ҳисобида, менависад: «Маҷаллаи мо дар ин бора ба навқаламон ва шоирони ҷавони тоҷик ҳар хел роҳбариҳо хоҳад кард, осори қаламии онҳоро аз нуқтаи назари усули нав ва адабиёти асрӣ танқид хоҳад намуд. Мо иҷолатан дар ин шумора ду порчае аз ҳамин хел навиштаҳоро, ки ба идораи мо расидааст, айнан ва бе тасҳеҳ чоп мекунем ва дар пешгоҳи адибон ва танқиднависони тоҷик як заминаи танқид омода месозем» [13, с. 21].

Муаллиф ба мақсади осон кардани кори адибони оянда ба таври тахминӣ мавзуи ҳикояву шеърҳоро низ пешниҳод карда, ҳадафашро чунин шарҳ додааст: «Ҳаваскорони адибро дар атрофи ин маҷалла ғун кунем, барои ин ки дар санъати нависандагӣ ва адабиёт ба шавқмандони тоҷик раҳнамоӣ карда бошем».

Азбаски дар солҳои бистум чопи асарҳои адабӣ дар шакли китоб нисбатан кам будааст, бинобар ин масъулони маҷалла доир ба ҳусну қубҳу осори адибони ҳамзамон, ки дар маҷаллаву рӯзномаҳо нашр мешуданд, низ ба таври фаврӣ мулоҳизоти хешро иброз доштаанд. Ин тариқ сурат гирифтани танқид барои рушду такомули эҷодиёти адибони ҷавон, аз як тараф, кӯмак расонида бошад, аз сӯйи дигар барои мавқеи муҳим пайдо кардани тақриз дар матбуоти даврӣ хидмат мекард. Ин анъана дар солҳои 30-юм низ давом ёфтааст.

Аз шумораи аввали соли 1928 бо ташаббуси С. Манофзода сохтори маҷалла ба қисмҳои иҷтимоӣ, таълим ва тарбия, қисми адабӣ, дунёи занон, қисми фаннӣ, қисми тандурустӣ ва китобиёт ба шакл дароварда мешавад. Дар гӯшаи (рубрикаи) «Китобиёт» маҷалла аслан масъалаҳои танқид, ягонагии шаклу мазмуни асарҳои бадеӣ, тарғиби адабиёт ва ғайра ба муҳокима гузошта шудааст. Аз ҷумла, дар аввалин маводи ин гӯша 10 китоби таълимии ба тозагӣ нашр гардида, шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Дар ин шумораи маҷалла ба масъалаи адабӣ ва нақди адабӣ таваҷҷуҳи хосса шуда, маводи он ба қисми адабӣ ва танқидӣ ҷудо карда шудааст. Дар қисми адабӣ як шеъри Ҷавҳаризода Суҳайлӣ бо номи «Гулшани афрӯхта» интишор гардидааст. Дар ҳамин шумора идораи маҷалла ин шеърро тақриз намуда, норасоиҳояшро ошкор ва доир ба интихоби мавзуъ, забон ва сабки адабӣ масъалагузорӣ намудааст. Бино ба эроди маҷалла Ҷавҳаризода аз зумраи шоироне будааст, ки дар истифодаи забону услуби пешинагон зиёдаравӣ мекардааст. Ба назари масъулини маҷалла «дигар давраи тақлид бо шакл ва услубҳои кӯҳнашудаи худ мурд. Навқаламон ва ҳаваскорони ҷавон бояд баъд аз ин ба овардани як адабиёти асрӣ ҳаракат намоянд» [13, с. 21].

Мақолаи Собит Манофзода «Порчаҳои адабии мо» аз нахустин маводи танқиди адабии ин маҷалла аст, ки муаллиф доир ба моҳияти танқид ва мавқеи он дар ҷараёни адабӣ изҳори ақида кардааст. Ӯ ҳаққонӣ, холисона ва беғараз баҳо доданро ба ашъори адибон таъкид намуда, эҳтиёткорона таҳлил намудани асари тақризшавандаро талқин менамояд. Инчунин, дар мақола нақши тарбиявӣ ва таълимии танқид (тақриз), сабабҳои ба аслиҳаи бурро табдил ёфтани он низ баррасӣ гардида, аз ҷумла, омадааст: «Калимаи «танқид» ё «интиқод» ҳанӯз дар байни тоҷикони мо ба қадре, ки лозим аст, маънои воқеъ ва аҳамияти адабии худро нашиносонида ва аз замони пеш ба таври ғайрисаҳеҳ машҳур шуда мондааст. Имрӯз аксарияти навқаламон танқидро ба маънои «таҳқир ё тавбеҳ» мегиранд ва аз шунидани ин лафз саросема мешаванд. Инҳо гумон мекунанд, ки танқид кардани як шеър, як мақола, ё як китоб ҳатман аз рӯйи душманӣ ва ғаразронӣ ба амал меояд ва ҳар як мунаққид (тақризнавис) то ба касе ғарази шахсӣ надошта бошад, мумкин нест, ки асарҳои ӯро танқид намояд»… [14, с. 37].

Дар он солҳои пурошӯби муборизаи синфӣ, ки «ҳама аз гирду пеш душмани халқ меҷӯстанд, бадгумонию хабаркашӣ, бераҳмиву хунхорӣ сар то сари ҷамъият доман паҳн карда буд» [33, с. 107], баёни чунин мулоҳизаҳои назариявӣ ва дастурӣ аз аҳамият холӣ набуд. Дар мақола, аз як тараф, моҳияти танқид ва зарурати навиштани тақриз шарҳу маънидод шуда бошад, аз тарафи дигар, танқиди хӯрдагирона ва ғаразнок дар адабиёт бегона дониста, эҳтиёткорӣ ва муносибати боодобонаю ҳалимона яке аз талаботи муҳимми нақд ҳисобида шудааст.

Аксарияти муаллифони мақолаву тақризҳо суханро аз алифбои танқид, яъне мафҳуми адабиёт, танқиди адабӣ, тақриз оғоз намудаанд, ки чанд сабаб доштааст. Аввалан, дар он солҳо принсипу хусусият ва вожаҳои танқиди адабию жанрҳои он ба таври бояду шояд ҳанӯз муайян нашуда, давраи ташаккулро аз сар мегузарониданд. Баъдан, дар солҳои бистум дар қатори адибони пуртаҷриба – Айнӣ ва Лоҳутӣ ба арсаи адабиёт ҷавонони зиёде гирд омада буданд, ки дониши хуби назариявӣ надоштанд ва аз махсусиятҳои ----- эҷодӣ хуб огоҳ набуданд. Аз ин рӯ, мунаққидону муқарризон ба шарҳу эзоҳи вожаҳои адабӣ махсус таваҷҷуҳ намуданро зарур ҳисобидаанд.

С. Манофзода дар «Порчаҳои адабии мо» пас аз изҳори мулоҳизаҳои назариявӣ порчаҳои адабиеро, ки дар «Қисми адабӣ»-и маҷаллаи «Раҳбари дониш» чоп шудаанд, таҳлил намуда, ба

«қимат ва моҳияти илмӣ, адабӣ ва иҷтимоии ҳар як асар» баҳои холисона додааст. Аз ҷумла, ба шеърҳои Ҷавҳарӣ «Баҳори дониш», Пинадӯз «Ба шарафи «Раҳбари дониш», ҳикояи Ҷ. Икромӣ «Ширин» ва ғайра таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Дар идомаи мақола Манофзода манзумаи шоири Эрон Алии Ҷавоҳирулкалом – «Ҳақиқат»-ро нақд карда афзудааст: «Шоир, аз баъзе сахтиҳои имрӯзаи муҳити Эрон қалбан мутаассир шуда ва таасуроти худро дар манзумаи хеш таранум карда (мардуми Эрон, «Ҳақиқат»-ро душман медонанд ӯро мезананд, ҳақорат медиҳанд ва аз муҳити худашон дур кардан мехоҳанд….) бисёр хуб!

Фақат ин «Ҳақиқат» чист? Ва кист?, шоир ин «Ҳақиқати муҳтарам ва мазлум» ро дар чӣ қоифа тасвир мекунад?;

*Пир марди сар ва дастори сафед,*
*Чеҳра тобандатар аз муҳри умед.*

Маъно! Ин барои Шумо «Ҳақиқат»….фақат як ҳақиқат, ки аз қарнҳои дароз ба ин тарафи муҳити Эронро олуда набуда, балки хурофот ва бадбахтӣ карда як «Ҳақиқат», ки насли Эронро гоҳ дар оғӯши ҷаҳолат ва таасуби парвариши замонӣ...; билохира «Ҳақиқат», ки аз фитна ва ҷиноятҳои ӯ, ҳақиқат зарбаҳои махлук хурда, бекас ва нотавон истодааст…!

« ….Порчаи сеюм, моли рафиқ (Пинадӯз) аст, ки ба шарафи маҷаллаи «Раҳбари дониш» навишта фиристоданд. Ин рафиқ, 4 сол ба ин тараф дар саҳифаҳои матбуоти тоҷикӣ каму беш худро шиносонидаанд….Вакте ки байтҳои «Пинадӯз»-ро аз ҷиҳати сохтмон ва салосат, мазмун ҷудо-ҷудо таҳлил бикунем ҳам таркибҳои суст ва беруҳ;

*Бингар бародарони ту аз чанги ғам халос,*
*Гаштанд душманат бизананд санги ғам ба сар.*

*Ва он гаҳ касе амир набошад барои кас,*
*Меҳнат кунад ҳукумат ва ҳоким шуд ҳунар.*

Танқиди С. Манофзода чанд вижагии хос дорад. Якум, он моҳияти фаҳмондадиҳӣ дошта, маънои танқид ва тарзи таҳлили асари бадеӣ, қонунмандиҳои эҷоди ҳикояро ташреҳ медиҳад. Дуюм, мунаққид бештар ба ҷанбаҳои шакливу мантиқии порчаҳои адабӣ таваҷҷуҳ намуда, фикрашро ошкоро баён намудааст. «Услуби шеърии Пинадӯз бисёр сода ва тарзи ифодааш умуман, луч, урён ва ба иборати дигар, пӯстканда аст. дар навиштаҳои ин кас, таъсири адабии рафиқ Лоҳутӣ бо як равшании тамом дида мешавад, вале дар зери ин таъсири фусункор бошанд ҳам, ҳеҷ вақт аз санъати адабӣ ва мазиятҳои шеърии Лоҳутӣ истифода намекунанд». Сеюм, муносибати муаллиф холисона ва илҳомбахш аст. Бо вуҷуди ошкор намудани камбудиҳо, ӯ ба камолоти эҷодии муаллифон умед мебахшад. «Мо интизор дорем, ки баъд аз ин, устод Ҷавҳарӣ шакли баён ва сохтмони шеърии худашонро то мумкин бошад, ба кисвати асрӣ бипӯшонанд ва ба ин восита завқи адабии имрӯзаи хонандагонро таъмин намоянд». Чаҳорум, муаллиф қобилияти пешгӯйикунандагӣ дорад. «Рафиқ Икромӣ аз ҳаваскорони ҷавони тоҷик ҳастанд ва дар соҳаи адабиёт ба ҳикоянависӣ як шавқу ҳаваси махсус доранд. Ҳамин шавқу ҳавас ба мо умед медиҳад, ки дар оянда ба забони тоҷикӣ яке аз пешқадамони ин санъат бишаванд».

«Порчаҳои адабии мо»-ро метавон аз аввалин нигоштаи танқидӣ номид, ки дар пайдоиши муколамаҳои адабиву нақдӣ замина гузоштааст. Баъдтар ин гуна муколамаҳо дар атрофи «Одина», «Дохунда», «Сабзаи навхез» ва ғайра ривоҷ ёфтааст.

Дар шумораи сеюм «Раҳбари дониш» (ноябри соли 1927) хонандагонро огоҳ намудааст, ки «баъзе осор ва навиштаҳои боқимати тоҷикиро танқид хоҳад намуд». Ҳамчунин, дар гӯшаи «Алоқа бо хонанда»-и ҳамин шумора ҳайати таҳрир сабаби чоп нашудани бархе навиштаи хонандагонро гӯшзад карда, ба муаллифон аз рӯйи имкон маслиҳат додааст. Аз ҷумла: «Ба Улуғзода: «Чизе, ки шумо танқид кардаед, дар он мақола дида нашуд. Шумо он мақоларо дубора бо диққат бихонед».

Бо вуҷуди иқдом ва кӯшишҳои идораи маҷалла кори танқид ва тақриз чандон пеш нарафт. Аз ҷумла, то нашри қиссаи «Одина» чанде аз ҳикояҳои С. Айнӣ ва дигар нависандагони ҷавон дар матбуоти даврӣ, бавижа дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» чоп шуда бошанд ҳам, дар танқиди адабӣ мавриди таҳлилу тақриз қарор нагирифтаанд. Танҳо дар баъзе мақолаҳои танқидӣ ва

тақризҳо, ки асосан ба асарҳои назмӣ бахшида шудаанд, ба таври мухтасар дар хусуси чанд намунаи наср сухан меравад.

Ба табъ расидани нахустин қиссаи адабиёти муосири тоҷик – «Одина» заминаи дигаре барои такомули хусусиятҳои жанри тақриз гардид. Ин асар зуд дар матбуоти рус дар таҳлилу тақриз шуда, сазовори баҳои хуб гардида [31] бошад ҳам, дар матбуоти даврии тоҷик он пас аз як соли нашр мавриди баррасиву арзёбӣ қарор гирифт. Аввалин шахсе, ки дар матбуоти даврии тоҷик дар бораи «Одина» мулоҳиза рондааст Раҳим Ҳошим аст. Тақризи ӯ «Якумин асари инқилобии тоҷик – «Одина» ном дошта, бо имзои мустаор – Р. М. дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба табъ расидааст. Муқарриз кӯшидааст, ки то қадри тавон ҷараёни инкишофи насри давр ва махсусиятҳои онро дар мисоли қиссаи «Одина» нишон диҳад. Ин тақриз аз ҷиҳати сохту таркиб хусусияти нав надорад. Дар он меъёри тақризнависии матбуоти даврии солҳои бист: - нақли мухтасари мазмуни асар, шарҳу тафсили воқеаҳо риоя шудааст.

Тавре ишора шуд, «Одина» на дар гармогармиаш, балки пас аз як соли нашр мавриди таҳлилу тақриз қарор гирифтааст. Бинобар ин, дар тақризи Р. Ҳошим хусусияти тарғиботӣ – ташвиқотӣ (публитсистӣ) камтар ҳис мешавад. Муқарриз, чунончи А. Набавӣ дарёфтааст, «аз таҳлили амалӣ дида бештар мутаваҷҷеҳи таъкиди аҳамияти асар («Одина») ва арзиши сиёсии он» [18, с. 296] шудааст. Аз ин мебарояд, ки тақриз жанри фаврӣ бошад ҳам, дар баъзе мавридҳо ба қавли М. Черепахов «он метавонад имрӯз, ё баъд аз як моҳ ё як сол навишта шавад» [33, с. 233]. Ин шарт ҳанӯз дар матбуоти даврии солҳои 1920-1930-и тоҷик маъмул будааст. Чун ишора рафт, дар ин ҳолат хусусияти тарғиботӣ – ташвиқотии тақриз суст гардида, ҷанбаи таҳлилии он нисбатан бартарӣ пайдо мекунад.

Хусусияти хос ва фарқкунандаи ин тақриз боз дар он аст, ки муқарриз ҳангоми тафсили мазмуну сюжети асар кӯшиш намудааст то воқеаву ҳодисаҳои дар он тасвиршударо бо муқоисаи ҳаёти воқеӣ, муҳит ва зиндагии халқ таҳлил намуда, баҳо диҳад. Чунончи агар дар қиссаи «Одина» макони амалиёти воқеаву ҳодисаҳо танҳо дар водии Қаротегину Фарғона гузарад, муқарриз менависад, ки «ин воқеаҳоро ба кулли тоҷикон бояд шабоҳат дод». Чунин тарзи таҳлили асар тамоили объективии ин тақризро пурратар гардонидааст. Муқарриз муфассал дар бораи «Одина» сухан ронда, онро чун асари пурқиммат ва сазовор донista, чунин хулоса мебарорад: «Сазовор аст, ки мо «Одина»-ро якумин қиссаи инқилобии тоҷик номем». Ин хулосаи муқарриз ифодагари талаботи жанри тақриз – «муайян намудани мавқеи асар дар фаъолияти нависанда ва ҷараёни адабии давр» [32, с. 61] аст.

Хусусияти дигари ин тақриз дар он аст, ки нигорандаи он дар баробари таҳлилу баҳодиҳии қиссаи «Одина» тақризҳои дар матбуоти даврии рус доир ба ин асар интишоршударо низ баррасӣ карда, фикру мулоҳизаҳои хешро аз ҳисоби далелҳои муқарризони ғайрӣ қавитар гардонидааст. «Одина»-ро низ якумин асари иҷтимоӣ ва иқтисодии Шарқ номидаанд, чандин рӯзномаву журналҳои русии Маскав ва Тошканд дар бораи «Одина» тақризҳо навиштаанд» [10, с. 40] – қайд кардааст муқарриз. Аз ин мебарояд, ки Р. Ҳошим пеш аз навиштани тақриз ба асари С. Айнӣ «Одина» тақризҳои дар матбуоти даврии рус дарҷгардидаро мутолиа намуда, ба худ заминаи тақризнависӣ пайдо намудааст.

Мавриди зикр аст, ки ин тақризи Р. Ҳошим дар китоби ӯ «Солҳо дар саҳифаҳо» такроран чоп шудааст. Дар нашри такрорӣ муаллиф ба матн тағйироти услубӣ ва мазмунӣ дохил карда, фикру мулоҳизоти хешро нисбат ба замон ва воқеиёти асар мушаххастар намудааст. Масалан, дар матни асл муқарриз орзую омол ва умеди меҳнаткаши тоҷикро аз адабиёт ин тавр баён кунад: «Меҳнаткаши тоҷик мехост, ки адабиёт зафару ғалабаҳои ӯро тараннум намояд, дарду аламҳои ӯро сарояд, дар саҳифаҳо ва сатрҳои худ ҳаёту меҳнати ӯро акс намояд, оинаи ҳаёташ бошад, дар вақти гиряи ӯ гирён ва дар айёми шодӣ ва хурсандиаш хушҳол ва хандон бошад, достони муборизаҳои вазнин, рӯзҳои пуралами ӯро нақл кунад, муваффақиятҳои ӯро ба қалам орад, қаҳрамонон ва фидокорони ӯро дар роҳи озодӣ ва садоқат тасвир ва таҷассум кунонад» [32, с. 6]. Чи дар матни аввал ва чи дар матни дуюм мақсади муқарриз як аст, аммо тарзи баёни фикр ва гузориши масъала вобаста ба давру замон ранги дигар гирифтааст. Табиист, ки дар тӯли 60 соли таълифи тақризи асл ва чопи такрории он руҳи замон тағйир ва муаллиф аз нигоҳи эҷодӣ

такомул ёфт. Ва ин ҷо метавон натиҷа баровард, ки ташаккули жанри тақриз ба дарку фаҳмиш ва таҷрибаи мунаққидону муқарризон сахт вобаста аст.

Соли 1932 дар иртибот ба қарори маъмули ҳизби коммунист дар бораи азнавсозии ташкилотҳои адабӣ-бадеӣ дар заминаи «Раҳбари дониш» маҷаллаи тозаи ба куллӣ адабӣ – «Барои адабиёти сотсиалистӣ» («БАС») таъсис дода шуд. Ин маҷалла нахустин нашрияи сирф адабии тоҷикӣ ба шумор меояд, ки асосан, ба масоили адабиёт таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Адабиёти бадеӣ, саромадони сухан, драмнависӣ ва театр, адабиёти бачагон, нависандагони ҷавон, фолклор, танқид ва китобиёт, ҷавоб ва маслиҳатҳо аз бахшҳои асосии маҷалла махсуб меёбанд.

Нашри ин маҷалла ба инкишофи накди адабӣ ва тақриз муоидат кард. Бо шарофати ин маҷалла доираи тақризнависон вусъат пайдо кард. Адибон ба осори ҳамдигар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба муайян кардани ҳусну қубҳи асарҳо кӯшиданд.

Аз таҳлили мақолаҳои танқидӣ ва тақризҳои матбуоти солҳои 20-30-юми садаи XX маълум мегардад, ки дар кори танқиди асарҳои адабиёт (ба истиснои китобҳои таълимӣ), асосан шоиру нависандагон машғул шудаанд. Ба накди адаби рӯйи ниёз овардани онҳо ба талаби замон ва амри виҷдони ин ашхос вобаста буд. Дар натиҷаи иштироки нависандагон ба масъалаҳои танқиди адабиёт ва ташаккули накди касбӣ (ихтисосӣ) дар матбуоти даврии солҳои 30-юм накди нависанда ва накди касбӣ ба вуҷуд омад. Зимнан мафҳуми накди нависанда, ин ҷо на бо интиқод ба навиштаҳо ва ҳимояи завқу нияти худ, балки «муҳокимаву баррасии (асарҳои – М. М.) эҷодкорони дигар, масъалаҳои адабиёт ва умуман ҷараёни адабӣ» [16, с. 12] дар назар дошта шудааст. Талаботи накди касбӣ нисбатан ҷиддӣ ва мураккаб буда, он аз назари ҳирфаӣ баррасӣ намудани осори эҷодкорони алоҳида, нишон додани вижагиҳои ҳунарӣ, дарку маърифати масъалаҳои адабиёт, принсипу хусусиятҳои накд ва ҷараёни адабиро дар бар мегирад.

Дуруст аст, ки мунаққид А. Набиев аҳли адаби солҳои 20-30-ро аз рӯйи дараҷаи муносибаташон дар баррасии адабиёт шартан ба се гурӯҳ ҷудо намуда, навиштааст: «ба гурӯҳи сеюм ашхосе буданд, ки накди адаби пешаи асосӣ ва шакли мушаххаси иштироки онҳо дар бунёди адабиёти замони нав ба ҳисоб мерафт. Аниқтараш онҳо мунаққидони касбӣ аз қабили Р. Ҳошим, Н. Бектош, С. Улуғзода, Ш. Ҳусейнзода, Набӣ Фахрӣ, Мирзозода ва дигарон будаанд» [16, с. 192-193]. Ба ин гурӯҳ метавон А Деҳотиро низ дохил намуд.

Аз байни ноқидони зикршуда дар танқиди адабии солҳои 30-юм Сотим Улуғзода мавқеи махсусро ишғол мекунад. Зимнан Улуғзода фаъолияти эҷодии худро аз рӯзноманигорӣ ва муқарризию мунаққидӣ оғоз намудааст. «Нашри адабии тоҷик. Дар бораи рол ва мавқеинависанда» (Т.С. –1930.–5 декабр), «Як нигоҳ ба насри тоҷикӣ. Латофат оё фиреб хӯрд» (Р.Д. – 1930. – №1), «Ғалаба» (БАС. – 1932. – №5), «Лоҳутии мо» (БАС.– 1932.– №5 - 6), «Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ» (БАС. – 1932. – №2), «Дар бораи китоби «Номаи номдорон» (Тоҷикистони сурх.– 1935. – №182) «Туфулият ва балоғати Деҳотӣ» (БАС.– 1937.– №3-4) ва ғайраҳо аз мақолаву тақризҳои С. Улуғзодаанд, ки дар тамоми онҳо, ба таъбири М. Раҷабӣ «дархостҳои расмии тасвири замони ҳозира ва масъалаи “шакл” мавзуи асосӣ мебошанд» [24, с. 96]. Ин навиштаҳои танқидии мунаққид якранг ва дар як қолаб иншо нагардида дар онҳо ин ё он унсури жанри тақриз ва талаботи накди асар такмил ёфтааст.

С. Улуғзода дар тақризи худ ба ҳикояи Собит Манофзода «Латофат оё фиреб хӯрд?» шаклу мазмун ва сохту таркиби ҳикояро ба усули назариявии таҳқиқ мавриди баҳс қарор дода, натанҳо камбудии ҳикоя ва камтаҷрибагии муаллифи онро ошкор месозад, балки роҳҳои ислоҳи нуқсон ва норасоиҳоро бо овардани далелҳои ба пиндошташ собит, нишон медиҳад. Ба ин васила ӯ тарзи интихоби мавзуъ, банду басти сюжет, типикунонии қаҳрамон, офаридани образ ва амсоли ин барин вижагиҳои жанри ҳикояро як – як таҳлил кардааст.

Дар раванди ташаккули жанри тақриз талабот ва вижагиҳои дохилии он – аломат, хусусият, унсур, вазифа, мақсад ва амсоли ин низ асосноку пурқувват гардидааст. Муаллифони тақризҳо ҳаққонияти фикру мулоҳизоти хешро танҳо бо овардани иқтибос қаноат нанамуда кӯшидаанд, ки он далелҳоро дар заминаи таҳлили асари тақризшаванда устувору боварибахш намоянд. Зеро мувофиқи талаботи тақриз «баҳои ба асар додаи муқарриз танҳо бо суханони умумии хуб ё бад

муваффақ шуд ё нашуд гуфтан басанда шуда наметавонад, таҳлилу муҳокимаҳо бояд боварибахш ва асоснок бошанд» [21, с. 14].

Аз рӯйи ин усул таҳлил намудани асари бадеӣ дар тақризҳои С. Улуғзода ва Р. Ҳошим зиёдтар мушоҳида мешавад. Бар ивази таҳлили сатҳӣ ва мулоҳизаҳои зоҳирии субъективӣ, ки дар баъзе тақризҳои қаблан чоп шуда эҳсос мешавад, таҳлилҳои амиқу аниқи нсбатан илмӣ ва дорои хулосаҳои мантиқӣ ба вуҷуд меоянд. Чунончи муқарриз Улуғзода ҳангоми таҳлил ва нишон додани тарзи дурусти типикунонии образ ва барои дурусттар ва равшантару боваринок намудани назари худ аз ҳикояи муаллифи дигар далел меорад, аз усули муқоиса кор мегирад: «Як ҳикояи Ҷ. Икромӣ ҳам дарҷ шудааст, ки дар мавзуъ ба «Латофат оё фиреб хӯрд»-и Манофзода то як андоза монандӣ дорад. Мо гуфта метавонем, ки Ҷ. Икромӣ дар ин соҳа (дар соҳаи офаридани тип) хеле муваффақият дорад. Моҳтоб ва Каримҷони ӯ намояндаи як гурӯҳ ҷавонони имрӯза шуда метавонанд» [28, с. 125].

Аз ин гуна муқоисаҳо натиҷа мебарояд, ки муқарриз аз ҷараёни адабии давр хуб воқиф аст. Барои он ки муқарриз асарро холисона ва илмӣ таҳлил намуда, мақоми онро дар байни асарҳои ҳамгуни дигари давр муайян созад, ӯро зарур аст, ки асарҳои мутолиакардаашро ҳаматарафа таҳлил карда ҳодиса, характер, қаҳрамон ва типу образҳои дар он тасвиршударо бо ҳодисаҳои воқеӣ ва ҳаёти мардум муқоиса намояд. Танҳо баъд аз ҳалли чунин масъалаҳо муқарриз метавонад ҳаққонӣ ва одилона ин ё он хусусияти асарро нишон дода, дар бораи он ҳукми холисона барорад.

Дар тақризи С. Улуғзода «Номаи номдорон» сабабҳои таҳия ва чопи маҷмуаи «Номаи номдорони Тоҷикистон», мушкилоти таҳия ва аҳамияти иҷтимоиву адабии он дар тарбияи колхозчиён (меҳнаткашон) тавзеҳ шудааст. Ин китоб намунаи асарҳои адибони ҷавони шуравӣ буда, доир ба ташкилкунандагони колхоз, устодони ҳосили баланди пахта ва пешравиҳои кори хоҷагии халқ, бахусус, прахтакорӣ нақл мекунад. Муқарриз ҳарчанд аз камбудиҳои ин маҷмуа ишора кунад ҳам, онҳоро ба тангии вақти таҳия нисбат дода, мушаххасан нишон надодааст. Ӯ ба ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии осори ин маҷмуа камтар эътибор дода, аслан ба аҳамияти иҷтимоӣ, оммафаҳмӣ ва истиқболи он аз ҷониби колхозчиён таваҷҷуҳ намуда, чопи такрориашро зарур ҳисобидааст. Ба таъбири муқарриз ин китоб «дар бисёр колхозҳо китоби болои устол шудааст, ҳеҷ шубҳае нест, ки «Номаи номдорон» дар кори аз ҳама ҷумҳуриятҳо пештар кишти пахтаро ба сифати хуб тамом намудани ҷумҳурияти мо роли ҷиддиро бозӣ кард» [30].

Бояд гуфт, ки аз охири солҳои бистум ва нимаи аввали солҳои сиюм таҳлили нисбатан илмӣ ва асоснок ба доираи жанри тақриз ворид шуда бошад ҳам, на ҳама муаллифон дар кушодани моҳият ва мақоми асар, симои қаҳрамонҳо, муқоисаи онҳо бо ҳаёти воқеӣ ба комёбӣ ноил гардидаанд. Тақризҳои «Чанд калима дар бораи алифбои осон» (Раҳбари дониш.– 1928.– №8.– С. 28-29), «Ин сатрҳо ба кӣ хизмат мекунанд» (М. Расулӣ Т.С.–1934.– 14 сентябр; БАС.– 1934.–№5) ба ин гурӯҳ мисол шуда метавонанд. Инҳоро тақризи манфӣ номидан мумкин аст, зеро дар онҳо, ҳалли масъала норавшан мондааст» [21, с. 22]. Ҳатто муаллифи тақризи «Ин сатрҳо ба кӣ хизмат мекунад»: асари тақризшаванда – маҷмуаи фолклории «Адабиёти даҳонакӣ»-ро «зери сиёсати адабии фирқа» мавриди баррасӣ қарор дода, онро нолозим ҳисобидааст. Муқарриз бо эҳсоси баланди сиёсӣ навиштааст: «Дар замоне, ки партияи мо ҳамаи оммаи колхозчиёнро ба зиёд кардани ҳайвоноти корӣ ва умуман чорводорӣ даъват мекунад, ин китобча баромада мегӯяд, ки:

*«Осуда касе, ки хар надорад».*

…Дар ҳангоме ки барои сохтани зиндагонии нав бо тамоми воситаҳо чора дида, ба муқобили урфу одатҳои кухна мубориза мебарем, ба воситаи ин китобча мо ба хонанда мегӯем, ки:

*«Тӯй хазинаи худост»*

…Дар ҳангоме ки дар қишлоқҳо, дар колхозҳои мо муборизаи синфӣ шиддат карда, камбағалони қишлоқ ба муқобили боён – муфтхӯрон ба мубориза миён бастаанд, колхозчӣ ин китобчаро кушода мехонад, ки:

*«Ба худододагон ситеза макун,*
*Ки худододаро худо додааст»* [23, с. 33].

Маҷмуаи «Адабиёти даҳонакӣ», чунончи А. Набавӣ навиштааст, «дар фарогирии навъҳои адабиёти омма – чӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва мазҳабиву динӣ ва чӣ аз ҷиҳати шакливу жанрӣ хеле солимназарона танзим шуда будааст» [18, с.121].

Тақризҳои маҷаллаи «Раҳбари дониш» бо усули таҳлил ва илмияти андешаву мулоҳизаҳо фарқ мекунанд. «Дар ин солҳо, ки давраи инкишофи танқиди адабӣ ва адабиёт мебошад, сифати таҳқиқот нисбатан баланд ва доираи мавзуъ васеъ ва бою гуногун гардид. Проблемаҳое, ки дар солҳои бистум танҳо номбар ё иҷмолан таҳлил мешуданд, дар ин давр вобаста ба қонуният ва протсесҳои адабиёт хеле муфассал ҳалли илмии худро ёфтаанд» - навиштааст А. Маниёзов [12, с. 49]. Муаллифони тақризҳо низ ҳангоми таҳлили асарҳои алоҳида кӯшиш намудаанд, ки ҷиҳатҳои нав ва номақбули асарро ҷӯё шуда, аз пурҳарфии беасос даст кашанд. Чунончи Х. Мирзозода дар тақризи «Дар бораи «Тирмор» андешаву мулоҳизоти худро оид ба асари «Тирмор»-и Ҷалол Икромӣ ба шакли тезис, кӯтоҳ, муҷаз, аммо нисбатан илмӣ ва таъсирнок иброз намуда, аз он ҷумла, менависад: «Ҳарчанд ки ин асар чизи хурде нест аз камбудиҳо низ дар канор нест. Вақте ки ман ин китобчаро аз назари танқид мехондам, дар ҳақиқат аз камбудӣ холӣ набудани ин асари адабӣ ҳис карда шуд. Инак он чизҳое, ки баъд аз ин мехонед як қатор камбудиҳои ӯст» [15, с. 29].

Ҳамин тавр муқарриз камбудиву норасоиҳои асарро ба тарзи муайян вобаста ба талаботу шартҳои асари бадеӣ нишон медиҳад. Бо чунин усул нуқтаи назар намудан дар он солҳо аз муқарриз дониши васеъ ва таҷрибаи ғанӣ, балки ҷуръати эҷодӣ ва шахсиро низ талаб менамуд. Барои мунаққидону муқарризони солҳои сиюм имконияти сайқал додани истеъдод ва донишу таҷриба ба вуҷуд омада буд. Онҳое, ки забони русиро хуб медонистанд, барои амиқтар намудани дониш ва вусъати назари худ бевосита аз сарчашмаҳои назариявӣ ва амалии адабиёт ва матбуоти Аврупову рус истифода мебурданд. Тавре адабиётшинос ва мунаққид Ҷ. Бақозода зикр мекунад: «Донистани забони русӣ ба нависандагони адабиёти солҳои 30 имконият медод, ки бевосита аз адабиёти Европа ва рус омӯзанд. Ин доираи эҷодиёти онҳоро хеле васеъ менамуд. Ҷараёни ташаккули реализми солҳои сӣ дар асоси ба ҳам пайвастани анъанаҳои милии адабӣ бо мактабҳои реалистии рус ва Аврупои Ғарбӣ ба вуҷуд омадааст» [2, с. 23]. Ба ин маънӣ, намунаи ибрати мунаққидони тоҷик Аврупо ва нақди адабии русӣ қарор гирифт.

Аз ин солҳо сар карда адибони тоҷик ба асарҳои мунаққидони рус Белинский, Добролюбов, Чернишевский ҷиддан рӯй меоваранд ва барои муайян намудани принсипҳои нави методологияи танқид заминаҳо меҷӯянд. Ин омӯзиш дар ташаккули нақди адабӣ, жанрҳои он ва фаъолияти мунаққидон низ бетаъсир намондааст. Масалан, мунаққид С. Улуғзода дар мақолаи худ – «Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ» ба тарзи маслиҳати мунаққидона вазифаи эҷодкорро чунин шарҳ медиҳад: «Санъаткор, нависанда, на фотограф, балки мутафаккир бошад, нависанда натанҳо нақлкунанда, балки омӯзанда, шуури мардумро тарбиякунанда, зиндагониро аз нав созанда бошад. Ӯ бояд нағз омӯзад ва хуб бидонад, ки чи ба чи дахлдор аст, чи аз куҷо ва чи тариқ ба вуҷуд меояд» [28, с. 28]. Ҳамин мазмун дар яке аз тақризҳои Белинский низ зикр шудааст, аммо дар шакли дигар. Белинский менависад: «Зиндагиро нусхабардорӣ кардан мумкин нест, аммо бо қувваи рухи эҷодӣ зиндагониро дуруст нишон додан мумкин аст» [4, с. 187]. Албатта, ин муқоисаҳо маъноеро надорад, ки мунаққидони тоҷик ин ё он мазмунро аз мунаққидони бузурги рус ба тарзи кӯркӯрона кӯчонидаанд. Не, асло чунин нест. Таъсирпазирӣ дар ҳар давра ва барои ҳар як эҷодкор бегона набуда, балки омили пешравӣ аст. Ба ин мазмун, метавон гуфт, ки тақриз дар раванди инкишофи матбуоти даврӣ, фарҳангу адабиёт, равобити матбуоти халқҳои дигар, алалхусус матбуоти даврии рус ва огоҳии бештари муқарризон аз адабиёти якдигар шаклу мазмун ва хусусиятҳои жанриашро такмил додааст. Воқеан, чунончи И. Бехер навиштааст: «Адабиёти ҳақиқатан миллӣ фақат тавассути равобити самаранок ба адабиёти халқҳои дигар пайдо мешавад ва ташаккул меёбад» [6, с. 46]. Натанҳо адабиёт, балки жанрҳои публитсистика низ бо таъсири байниҳамдигарӣ ташаккул ва инкишоф меёбанд. Бисёре аз аломатҳои тақризҳои матбуоти даврии тоҷик, ки мисолашро дар боло дидем, бо таъсири матбуоти даврии рус шакл гирифтаанд.

Ба ин мазмун гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои сиюм касбияти мунаққидону муқарризони тоҷик аз ҳисоби ду сарчашма: таҷрибаи тақризнависии матбуоти даврии тоҷикии солҳои бист ва усулҳои маъмули нақди адабии рус ва дигар халқҳои шуравӣ ғанӣ гардидааст. Тақризҳои

матбуоти даврии солҳои сиюм аз ҷиҳати сохт ва равиши таҳлили асар нисбатан фарқ мекунанд. Дар ин солҳо тақриз аз ҷиҳати шаклу мазмун ғановати жанрӣ пайдо кардааст. Аломату хусусиятҳои он – интихоби асар, усули таҳлил, оҳанги тарғиб ва арзиш ранги дигар гирифта, муқарризон кӯшиш намудаанд, ки асари тақризшавандаро дар заминаи қонунмандиҳои каломи бадеъ баррасӣ намоянд. Яъне, натанҳо мазмуни онро нақл кунанд, балки аносири бадеӣ ва ҳунарии асарҳои тақризшавандаро низ нишон диҳанд.

Ташаккули жанри тақриз дар матбуоти даврии тоҷик на дар шакли пайдарпай, зина ба зина боло рафтан, балки бо роҳи мавҷнок бо паси сар кардани печутобҳо ва пастию баландиҳо сурат гирифтааст. Чунончи, соли 1931 давраи бемавқеиятии жанри тақриз аст, зеро дар матбуоти даврии ин сол ягон тақризи адабие ба чашм нарасид. Солҳои 1932–1937-ро метавон давраи ҳамчун жанр шинохта шудани талаботу махсусиятҳои тақриз номид. Ин ҳолатро баъзе муҳаққиқон ба сиёсати ҳизб нисбат додаанд. Тафриқаандозиҳое, ки дар ибтидои даҳсолаи сиюм байни гурӯҳҳои «адабиёти пролетарӣ», «адибони кишоварз», «ҳамсафон» ва «иттифоқчиён» ба вуҷуд омада буд, гӯё дар соли 1932 бо шарофати қарори КМ ҲК(б)У «Дар бораи аз нав ташкил намудани ташкилотҳои адабӣ-бадеӣ» барҳам хӯрд. Дар баробари ин, чунончи дар боло ишора шуд, нашри маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» низ дар рушди тақриз нақш гузошт.

Бо вуҷуди ин, дар солҳои сиюм, чун матбуоти даврии халқҳои дигар, дар матбуоти даврии тоҷик низ миқдори тақризу мақолаҳои танқидӣ дар бораи осори адабӣ кам ба назар мерасад. Агар танҳо тақризҳоро ба ҳисоб гирем, ғайр аз навиштаҳои С. Улуғзода «Ғалаба» маҷмуаи шеърҳои Б. Азизӣ (БАС. – 1932.– №5), «Дар бораи китоби «Номаи номдорон» (Тоҷикистони сурх. – 1936.– №182), Х. Мирзозода «Дар бораи «Тирмор» (БАС.– 1936.– №5), М. Расулӣ «Ин сатрҳо ба кӣ хизмат мекунанд» (БАС.– 1934.–№5), Ҳ. Юсуфӣ «Бахр дар пиёла» (1940) дигар тақризи маълуме дарҷ нагардидааст. Кам ба табъ расидани тақризҳо маънои набудан ё кам чоп шудани асарҳои бадеиро надоштааст. Аз китобиёти дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» ва дигар рӯзномаҳо дарҷгардида маълум мешавад, ки предмети тақризшаванда нисбатан фаровон будааст. Дар китобиёте, ки бо номи «Чаҳору ним миллион китоб» дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чоп шудааст, чунин сатрҳоро мехонем: «Дар моҳҳои октябр, ноябр ва декабри ҳамин сол (1935 – М.М.) 139 асар аз адабиёти бадеӣ (ба ғайр аз нашри муқаррарӣ) ба чоп хоҳад расид». Ё ин ки дар хабари дигар омадааст: «Китобҳои нав: «Ҳаёт ва ғалаба»-и Ҷ. Икромӣ, «Тирмор»-и Ҷ. Икромӣ, «Манзараҳои сегона»-и Деҳотӣ, «Шасти иқбол»-и Музаффара, «Ливои зафар»-и М. Миршакар».

Аз ин шаш китоб фақат «Тирмор»-и Ҷ. Икромӣ ва «Манзараҳои сегона»-и Деҳотӣ мавриди танқид қарор гирифтаасту халос. Пас маълум мешавад, ки адабиёти тоҷик дар солҳои сиюм аз инкишофу такомул боз намонда, сандуқи хазинавии худро бо асарҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон пурбор гардонидааст. Ва шояд он ҷумлаи забонзадаи «танқиди адабӣ аз ҷараёни адабиёт қафо мемонад», ки то солҳои ҳаштодум дар байни мунаққидон маъмул буд, аз солҳои сиюм пайдо шуда бошад. Аз чунин ранг гирифтани вазъият саволе ба миён меояд. Модоме ки адабиёт – предмети тақриз фаровон аст, пас чаро мунаққидон ба таҳлилу арзиши асар кам машғул шудаанд?. Ин савол посухи муфассал мехоҳад.

Сустии танқиди адабӣ, чунончи, ишора шуд, натанҳо дар адабиёти тоҷики солҳои сиюми, балки дар кулли адабиёти халқҳои ҷумҳуриҳои шуравӣ ба назар мерасид. Ва ин сустии танқиди адабӣ аз тарафи Бюрои иттифоқи нависандагон ва мутасаддиёни ин соҳаи ҳукумат дар вақташ дарк карда шуда, дар ҳар маърӯзаву пленумҳои Иттифоқи нависандагони СССР оид ба қафомонии танқиди адабӣ, норасоӣ ва пухтаву ботаҷриба намудани кадрҳои танқидӣ таъкид шудааст. Роҳҳои дуруст кардани танқидчигӣ ҳамеша музокира шуда, андешаҳо пешниҳод мешудаанд. Чунончи, дар яке аз баромадҳои котиби КМФК (б) А. Андреев, ки дар Якумин маҷлиси машваратии оид ба адабиёти бачагона кардааст, мехонем: «Ба мо танқиди принсипалии бофаросат даркор аст, ки вай нависандаро ёд диҳад, афзоиши ӯ, ба пеш ҳаракат кардани ӯро тарғиб кунад ва камбудиҳои ҳақиқии ин ё он асари адабиро ошкор карда ва дар айни замон адабиётро аз ҳама чизҳои пӯшида ва бегона ва нолозим тоза кунад. Органҳои матбуоти мо, газета ва журналҳои мо ба ин кори муҳим хеле кам диққат мерасонанд ва худи нависандагон ҳам дар байни худ худтанқидкунии адабиро суст ривоҷ медиҳанд».

Пленуми якуми бюрои ташкилии нависандагон дар масъалаи танқид қайд кардааст, ки «танқид дар адабиёти мо хеле ақиб мондааст, савияи назариявии худи танқидчиён паст аст. Вазифаи Иттифоқи нависандагон он аст, ки танқидчиёни донишманди бо назарияи марксистӣ – ленинӣ мусаллаҳшудаеро тарбия карда расонад» [22, с. 2]. Чунин муҳокимаҳо ва назорати ташкилотҳои масъул, албатта дар такомули нақди адабӣ ва ташаккули жанри тақриз бетаъсир намондааст. Дар баробари ин, кори танқид ва тақриз тадриҷан руҳияи сиёсӣ пайдо карда, вазифаи аввалиндараҷаи мунақидон дар он шуд, ки таълимоти ленинизм-сталинизмро оид ба адабиёт ва мероси адабӣ дарк созанд.

Дар ибтидои солҳои сиюм миқдори рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ зиёд гардид. Рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» (1930), «Газетаи муаллимон» (1932), маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» (1932) дар ибтидои ҳамин даҳсола таъсис ёфтаанд. Умуман дар соли 1932 дар Тоҷикистон 9 газетаи марказӣ, 19 газетаи районӣ ва 5 журнал чоп мешуд [Ниг. БАС.–1932.–№3-4. – с.2].

Соли 1932 қарори КМ ПК(б)У «Дар бораи аз нав ташкил намудани ташкилотҳои адабӣ-бадеӣ» қабул шуд. Ин қарор ҳама ташкилотву гурӯҳҳои эҷодиро барҳам дод. Иттифоқи нависандагони ИҶШС-ро таъсис намуд ва усули бо методи реализми сотсиалистӣ навиштанро асос гузошт. Дар заминаи ин ҳуҷҷат Қарори бюрои Осиёимиёнагии КМФК (б) дар бораи аз нав сохтани ташкилотҳои адабӣ – бадеии Осиёи Миёна КМФК(б)У «Дар хусуси аз нав ташкил кардани ташкилоти нависандагони Тоҷикистон ва вазифаҳои ӯ» қарор қабул кард. Дар ин қарор доир ба инкишофи танқиди адабӣ нуктаҳои махсус зикр шудааст. Аз ҷумла, дар яке аз нуктаҳои ин қарор чунин таъкид карда шудааст: «Рӯзномаҳои ҷумҳуриятӣ ва газетаҳои райониро маҷбур карда шавад, ки дар рӯзномаҳои худ саҳифаҳои адабиёт дода, дар он ҷо ба асарҳои адабӣ ва танқидҳои адабиёти бадеӣ ҷой диҳанд» [11, с. 5]. Дар партави ин қарор дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ саҳифаҳои махсус барои ташвиқу тарғиби адабиёт ҷой дода шуда бошад ҳам, рубрикаҳои танқиди адабӣ ниҳоят кам амал кардааст. Умуман, дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявии солҳои сиюм мақолаҳои танқидӣ ва тақризҳо хеле кам ба назар мерасанд. Мақолаҳои танқидӣ ва тақризҳо асосан дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чоп шудаанд. Зимнан, дар солҳои сиюм маҷаллаи мазкур ягона минбаре буд, ки он ба таври нисбатан мунтазам тақризҳо чоп мекард ва ба ин васила дар ташаккули ин жанр саҳм мегузошт.

Сустии кори танқиду тақризи асарҳои бадеиро ба назар гирифта, КМ ПК(б)У «Дар бораи танқиди адабӣ ва китобиёт» (2 декабр 1940) қарор қабул менамояд. Ин қарор дар соҳаи танқиди адабӣ аввалин ҳуҷҷате буд, ки баъд аз қарорҳои Съезди XIII ВКП (б) «Дар бораи матбуот» ва КМ ПК(б)У «Дар бораи сиёсати партия дар соҳаи адабиёти бадеӣ» ва ғайраҳо дар масъалаи танқиди адабӣ ва китобиёт аҳамияти калон дошт. Тавре Ҷ. Бобокалонова навиштааст: «Бо таъсири ин қарор нависандагону шоирон, дромнависон аз нав рӯ ба танқид оварданд ва ҳарф аз эҷоди ҳамдигар гуфтанд. Танқиди адабӣ як дараҷа рӯ ба инкишоф ниҳод» [7, с. 150].

КМ ПК(б)У ҷиддан зикр менамояд, ки «дар вақтҳои охир дар саҳифаҳои аксари рӯзномаву маҷаллаҳо маводи адабии танқиди адабӣ қариб гум шудаанд» [20, с. 118]. Аз ин рӯ, КМ ПК(б)У «газетаҳои ҷумҳуривӣ, кишварӣ ва вилоятиро вазифадор менамояд, ки дар саҳифаҳои худ рӯйхати ташвиқотии китобу асарҳои муҳимми адабиётро ҷой диҳанд. Редаксияи ин рӯзномаҳо ҳамаи адабиёти маҳаллиро тақриз намоянд» [20, с. 119]. Ҳақиқатан ҳам, дар матбуоти даврии солҳои 30-юм маводи эҷодӣ ва асарҳои адабӣ нисбатан фаровон ҷой дода шудааст, аммо дар муқоисаи онҳо мақолаҳои танқидӣ ва тақризҳо хеле кам ба назар мерасанд.

Сабаби дигари сустии кори танқид ва камии жанри тақриз дар матбуоти даврии солҳои сиюм, ба андешаи мо, ин мураккабии сиёсати замон, душвории талабот, хусусият ва таъйиноти тақриз буд. Ҳалли масъалаҳои таҳқиқу таҳлили асарҳои нави адабӣ ё эҷодиёти адибони муосир аз муқарризон натанҳо меҳнати калони эҷодӣ, балки дониши амиқи сиёсӣ ва адабиётшиносиро низ талаб мекард. Зеро бо адиби ҳамзамони худ рӯ ба рӯ шудан, бо ӯ мубоҳиса карда фикру ақидаи адабӣ ва эстетикии худро маъқул карда тавонистан, дар хусуси асар ҳукми одилона ва оқилона баровардан кори на он қадар саҳл аст. Алалхусус, дар солҳои сиюм, ки танқиду тақриз яке аз ҷузъҳои муборизаи синфӣ маҳсуб меёфт, ба мунаққидон имконият намедод, ки доир ба асари тақризшаванда фикрашонро озодона баён намоянд. Дар чунин вазъият қарор доштани

сиёсати адабии давр барои пешрафти фаъолияти мунаққидон монеа гардида, онҳоро ба як фармонбардори ҳизб табдил доданӣ мешуд. Аз ин рӯ, баъзе муқарризон дар он солҳо на ба танқиди адабӣ, балки бештар ба омӯзиши таърихи адабиёт машғул шудаанд. Баъзе адибоне, ки дар солҳои бистум дар ташкили кори танқиду тақриз саҳим буданд, бевосита ба кори нависандагӣ майл намуданд. Гузашта аз ин, дуруст сарфаҳм нарафтан ба моҳияти танқиди бадеӣ, ки дар солҳои сиюм ҳанӯз аз байн нарафта буд, низ ба пешрафти кори танқид монаеа мегардид. Дар яке аз вохӯриҳои котиби КМ ПК (б) Тоҷикистон – Шадунс бо нависандагон чунин савол додани Улуғзода: «Танқид ҷои сустии мост, рафиқ Шадунс – гузашта аз он дар байни мо ин гуна муҳокима мекунанд. Агар ман дар бораи асари дигаре чизе нависам, ӯ ба ман душман мешавад, бинобар ин баҳтар аст, ки асарҳои каси дигарро нахонда, хатоҳои вайро набинем ва танқид нанамоем» [27, с. 3] низ гувоҳи дуруст нафаҳмидани моҳияти танқид аст.

Нафаҳмидани моҳияти танқид аз бетаҷрибавӣ ва ё камтаҷрибагии мунаққидону муқарризон сар назада, аз ҳама бештар ба вазъияти иҷтимоӣ ва ноҳинҷории замон вобаста буд. Сахтгириҳо ба танқид ба ҷое расид, ки «Мавзуи ишқу муҳаббат аз назари синфӣ дар адабиёти советӣ бегона эълон шуд» [34, с. 112]. Ҳатто ба ашъори ишқии Лоҳутӣ барин шоири бузург, аз қабили:

*Хуршеди ман куҷоӣ?*
*Сард аст хонаи ман!*
*Дур аз рухат сароӣ,*
*Дард аст хонаи ман!*

«лирикаи соф бадбинона ва барои ҷавонон бегона» баҳо додаанд. Аз ҳамин сабаб дар адабиёти солҳои сиюми тоҷик ҳам тақризи асарҳо ва ҳам сафи муқарризон кам гардид.

Тавре ишора рафт, аз байни аҳли адаби солҳои 30-юм С. Улуғзода ба масъалаҳои танқиду таҳлили асарҳои бадеӣ бештар машғул шудааст. Ба қавли Деҳотӣ «Агар ду – се мақолаи танқидии дар мобайни се – чор сол навиштаи С. Улуғзодаро дар назар нагирем, гуфтан мумкин аст, ки адабиёти нафиси мо то ҳол рӯйи танқиди адабиро надидааст. Ҳол он ки танқиди адабӣ оинаи нависанда аст». Ин хулосаро А. Деҳотӣ соли 1938 навиштааст. Ба фикри мо мақсади асосии С. Улуғзодаи муқарриз дар солҳои сиюм адабиётро аз сидқи дил дӯст доштан, ҳастии худро ба манфиати он бахшидан буд. Дар ҳолате ки асарҳои навтаълифшудаи давр аз тарафи аҳли қалам бе муҳокима мемонд, ӯ афсӯс мехӯрд. «Аз чоп шуда баромадани он (китоби «Номаи номдорони Тоҷикистон» - М. М.) ҳоло 5 моҳ гузашт. Авфи ногуфтанист, ки дар тамоми ин муддат дар бораи ин китоб дар матбуоти мо ҳеҷ чиз навишта нашуд» [30] навиштааст ӯ. Аз чунин андешаронии як нафар дӯстдори адабиёт (ҳамчунин масъул) бармеояд, ки дар солҳои сиюм таваҷҷуҳ камтар набудааст, дилсӯзони адабиёт барои такомули он кӯшидаанд. Мунаққидону муқарризон бо талаби замон ва амри виҷдон ба танқиду тақризи адабиёт машғул шудаанд. Бинед, С. Улуғзода хомӯшии 5-моҳаро «авфи ногуфтанӣ» меҳисобад, имрӯз моҳу солҳо мегузарад, баъзан асарҳои пураҳамияти давр натанҳо тақриз намешаванд, балки аз назари танқид дар канор мемонанд ва касе таассуф намехурад.

Ҳамин тавр, таъсиси маҷаллаи «Раҳбари дониш» (1927) ва «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (1932) ба интишори адабиёти бадеӣ дар матбуоти даврӣ фазои мусоид ба вуҷуд оварда, ба ташаккул ва инкишофи нақди адабӣ ва жанрҳои он, бахусус тақриз мусоидат намудааст. Ин маҷаллаи дар матбуоти даврии солҳои 1920-1930 ягона минбаре будааст, ки дар саҳифаҳои худ ба таври нисбатан мунтазам тақризҳо чоп карда, ба ин васила дар ташаккули ин жанр саҳми назаррас гузоштааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Андамов Х. Раҳбари дониш» – маҷаллаи маорифӣ ва адабӣ // Хуршед Андамов.– Душанбе: Истеъдод.– 128 с.
2. Бака – заде, Дж. Черты нового (соврименность и проза) / Дж. Бака – заде. – Душанбе: Дониш, 1974. – 116 с.
3. Бақозода, Ё. Нависанда ва идеали замон / Ё. Бақозода. – Душанбе: Адиб, 1987. – 256 с.

4. Белинский, В. Г. Полное собрание сочинение. Т.4. / В. Г. Белинский.– М.: АН СССР, 1954. – 675 с.
5. Белинский, В. Г. Полное собрание сочинение. Т.1. / В. Г. Белинский.– М.: АН СССР, 1955. – 740 с.
6. Бехер, И.Р. Любовь мая, поэзия. О литературе и исскуство / И. Р. Бехер.– М.: МГУ, 1982. – 56 с.
7. Бобокалонова Ҷ. Назаре ба таърихи танқиди адабии тоҷик.– Душанбе: Ирфон, 2003.–360 с.
8. Горький, А.М. О литературе / А. М. Горький. – М.: Сов. Писатель, 1953. – 650 с.
9. Икромӣ, Ҷ. Назаре ба «Намунаи адабиёти тоҷик» // Раҳбари дониш.– 1929.– №12.– С. 22-24.
10. Корнилов, Е.А. Становление публицистической критики и структурное формирование жанра рецензии // Филологические этюди – Серия журналистика, Вып. 2. – Ростов: 1972.– С. 58-71.
11. Қарори бюрои Осиёимиёнагии КМФК (б) дар бораи аз нав сохтани ташкилотҳои адабӣ – бадеии Осиёи Миёна // БАС.– 1932.– №6.– С.5.
12. Маниёзов, А. Марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи адабиётшиносии советии тоҷик // Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон (шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ). –1977. №4. –С. 48-54.
13. Манофзода, С. Инқилобаи адабӣ // Раҳбари дониш.– 1927.–№2. – С.19-21.
14. Манофзода, С. Порчаҳои адабии мо // Раҳбари дониш.– 1928.– №2.– С. 37-41.
15. Мирзозода, Х. Дар бораи «Тирмор»// БАС.–1936.– №5.– С. 27-32.
16. Набиев, А. Адабиёт ва накди адабӣ / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 1993.– 262 с.
17. Набавӣ А. Нашири адабиёт ва афкори нави адабии тоҷикӣ // Садои Шарқ.–2016.–№1.– С.108-110.
18. Набиев, А. Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷики солҳои 20-30-и садаи XX / А. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 314 с.
19. Новиков, В. Поэтика рецензии // Литературное обозрение / В. Новиков. – 1978. №7. – С. 18-24.
20. О партийной и советской печати, радиовешании и телевидении. М.: Мысль, 1972. – 635 с.
21. Панков, В. Критика и библиография / В. Панков. – М.: ВШ, 1960.– 31 с.
22. Пленуми якуми Иттифоқи нависандагон // БАС.– 1932.– №5.– С. 2-5.
23. Расулӣ, М. Ин сатрҳо ба ки хизмат мекунанд // БАС.– 1934.–№5.– С. 31-33.
24. Раҷабӣ, М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ / М. Раҷабӣ.–Душанбе: Адиб, 1997. – 208 с.
25. Рустамзода, М. Нахустматбуоти соҳаи маориф / М. Рустамзода. –Душанбе: Ирфон, 2016. – 174 с.
26. Садруллин, Ш. Барои мафкураи соф мубориза мебарем // Овози тоҷик.– 1930.– 14 сентябр.
27. Суҳбати самимӣ. Вохӯрии котиби КМФК (б) Тоҷикистон Р. Шадунс бо нависандагони шуроии Тоҷикистон // БАС.– 1925.– №6.– С. 1-2.
28. Улуғзода, С. Як нигоҳ ба насри тоҷикӣ «Латофат оё фиреб хӯрд» // Раҳбари дониш.– 1930.–№1.– С. 24-26.
29. Улуғзода, С. Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ // БАС.– 1933.–№3. – С. 25-30.
30. Улуғзода, С. Дар бораи китоби «Номаи номдорон» // Тоҷикистони советӣ.– 1935. – 10 август.
31. Ҳошим, Р. Якумин қиссаи инқилобии тоҷик «Одина» // Раҳбари дониш.– 1928.–№6. – С. 37-41.
32. Ҳошим, Р. Солҳо дар саҳифаҳо / Р. Ҳошим.– Душанбе: Адиб, 1988. – 320 с.
33. Черепахов, М. С. Проблемы теории журналистика / М. С. Черепахов. – М.: Мысль, 1973.– 267 с.
34. Шукуров, М. Аз пайи дарёфти фаҳмиши нав / М. Шукуров // Садои Шарқ.– 1990.– № 7.– С. 105-113.

**ТАҚРИЗ**

***Н. ОХУНЗОДА,***
***номзади илми филология***

# УСТОД АЙНӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ СИЁСИИ ЗАМОН




Устод Садриддин Айнӣ аз пуркортарин адибони тоҷик маҳсуб меёбанд, ки бо таълифи асарҳои арзишманд дар рушди адибиёту фарҳангу таърих ва публитсистикаи тоҷик нақши бузургу мондагор гузоштаанд. Устод Айнӣ дар давраи бисёр ҳассосу тақдирсоз тавонистанд ҳастии миллати тоҷикро собит намоянд ва дар таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон саҳми босазо гузоранд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид кардаанд: “Устод Айнӣ тимсоли зиёии пешқадаме мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллати хеш кардааст. Баробари таъсис ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ бо тамоми ҳастиаш ба он пайваст ва барои рушди забону адабиёт, илму маориф ва фарҳанги халқи тоҷик хизмати беназир кард”.

Дарвоқеъ, дар вазъияти ҳассос, ки масъалаи бақову ҳастии миллати тоҷик дар зери хатар қарор дошт, маҳз устод Айнӣ бо таълифи “Намунаи адабиёти тоҷик” тамаддунофару давлатдор ва соҳиби фарҳангу адаби ғанӣ будани миллати тоҷикро собит намуданд. Китоби “Намунаи адабиёти тоҷик” ҳамчун шиносномаи миллат дар марҳалаи муҳимми таърихӣ хидмати арзанда  кард. Файласуф ва донишманди тоҷик Акбари Турсон нақши асари мазкурро дар рушди забон ва ҳифзи миллати тоҷик ба таври дақиқ зикр кардааст: “Намуна” (“Намунаи адабиёти тоҷик” дар назар аст, – Н. О.) ду ҳадафи бармалои идеологию сиёсӣ ва маданӣ дошт: аввалан, собит кардани бостонитарин қавми минтақа будани тоҷикон ва сониян, вуҷуд доштани забони адабии тоҷик. Ҳамзамон, домулло таъйиду таъкид карда, ки забони тоҷикӣ усулан ҳамон забонест, ки муаррихони забонҳои эронӣ “форсии нав” унвон мекунанд. Ва ҳамин иқдоми таърихию фарҳангии устод Айнӣ буд, ки рангу раванди баҳсҳои баъдинаро дар бораи хостгоҳ ва мақому мартабаи забони адабии форсӣ муайян кард”.

Нақши Устод Айнӣ ҳамчун шахсияти таърихӣ, ватандӯсту ватанпарвар ва хештаншинос дар таҳқиқу омӯзиши тоҷикон ҳамчун миллати қадимиву тамаддунофар бузург аст ва бо таълифи мақолаҳои илмӣ исбот карданд, ки халқи тоҷик мардуми таҳҷоиву қадимӣ ва соҳиби илму фарҳанги бой мебошад. Дар давраи тақдирсози миллат устод Айнӣ тоҷикшиносиро аз ҷиҳати адабию таърихӣ ва аллома Бобоҷон Ғафуров аз нигоҳи илмӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд. Дар тақвияти ин гуфтаҳо донишманди тоҷик А. Турсон таъкид мекунад: “Агар аз рӯйи меъёру маҳакҳои маъмули таърихию фарҳангӣ қазоват кунем, бароямон равшан мегардад, ки *бунёдгузори воқеии* илми тоҷикшиносӣ ду алломаи охирзамони Шуравӣ: Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров буданд. Айнӣ тоҷикшиносиро аз ҷиҳати *адабию таърихӣ* оғоз намуда, аз рӯйи суннати ҷадидгаройӣ ба танвири афкори мардум пардохт ва бо истифода аз сабақҳои таърихии ҷаҳониёни пешрафта аҳамияти бузурги маорифу илму донишро дар рушди иҷтимоӣ пайваста талқину таъкид мекард. Домулло барои ба хориҷа сафар карда, тариқи зиндагӣ ва омили тараққии ҷомеаи бегонагонро бевосита омӯхтан имкони моддӣ ва баъдан тавони ҷисмонӣ

надошт, лекин навиштаҳои дигаронро аз ин бобат бо диққати тамом мутолеа мекард. Аз онҳо барои халқе, ки таърихан қафомонда буду воқеан ғуломвор мезист, сабақҳои муҳиму муфид бардошта”.

Воқеан ҳам, дар бораи хидматҳои мондагору арзишманди устод Айнӣ асарҳои зиёди илмию таърихӣ ва адабӣ таълиф гардидаанд, ки симои устодро ба таври шоиста бозтоб кардаанд. Дар баробари ин, устод Айнӣ аз камтарин адибоне ҳастанд, ки доир ба фаъолияти эҷодиашон асарҳои зиёди илмию пажуҳишӣ навишта шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни маҳорату ҳунару вижагиҳои осорашонро таҷаллӣ мебахшанд. Ба муносибати 145-солагии устод Садриддин Айнӣ китоби нави номзади илми филология, сармуҳаррири маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” Эҳсон Сафарзода бо номи “Назаре ба публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ” (- Душанбе, 2023. – 102 с.) зери назари доктори илми филология, академик Муҳаммадюсуф Имомзода ба нашр расид. Китоб фарогири ду бахш буда, қисмати аввал “Заминаҳои публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ (дар заминаи маводи маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” ва повести “Ҷаллодони Бухоро”) ва қисмати дуюм “Худшиносии миллӣ, сиёсат ва Шарқ дар публитсистикаи С. Айнӣ” номгузорӣ шудааст.

Муҳаққиқ дар бахши якум фаъолияти эҷодии устод Айниро дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” таҳлилу таҳқиқ намуда, дар зимн барои муқоиса масъалаҳои сиёсиро дар повести “Ҷаллодони Бухоро” низ баррасӣ кардааст. Дар мақолаи мазкур хонанда зина ба зина ба фаъолияти эҷодии устод Айнӣ дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” шинос мегардад. Ба таъкиди муаллиф, “Устод Садридидин Айнӣ баъди ба маҷалла (“Шуълаи инқилоб” дар назар аст. – Н. О.) ба кор гузаштан дар таҷрибаи эҷодии худ бори аввал бевосита ба фаъолияти журналистӣ пардохт, ҳамчун шореҳи сиёсӣ ва иҷтимоиву адабӣ ба кор шуруъ намуда, ба теъдоди зиёд мақолаву хабару гузориш  ва шеърҳо навишта, бо имзоҳои гуногун дарҷ намуд”.

Пажуҳишгар повести “Ҷаллодони Бухоро”-ро мавриди омӯзиш қарор дода, ҳолати хароб ва зулму истибдодро дар Аморати Бухоро нишон медиҳад. Нависанда дар асари “Ҷаллололоди Бухоро” назари худро доир ба сохти амирӣ ва тавтеабозиҳои онро аз забони қаҳрамонон баён месозад: “Дар ду-се рӯз хандакҳо пур аз хуни одам  шуда бӯй гирифтанд ва арки амирро бӯи бади хун фаро гирифта, онро ба дараҷае расонд, ки дар он ҷо зиндагонӣ кардан қариб буд, ки мумкин нашавад”.

Дар бахши дуюм мақолаҳои устод Айнӣ – “Масъалаи Шарқ”, “Аҳволи Эрон”, “Ҳукумати Шурои Туркистон ва масъалаи Шарқ”, “Бархез, Шарқи мазлум, ки урдуи Шарқ расид”, “Инқилоби байналмилал, мамлакатҳои Туркия, Ҳиндустон ва Афғонистон” ва чанде дигар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст. Э. Сафарзода зикр менамояд, ки “Садриддин Айнӣ дар як силсила мақолаҳояш, ки ба тафсири  авзои байналхалқӣ бахшида шудаанд, оид ба вазъи сиёсӣ-иҷтимоии кишварҳои Шарқ ва таърихи муборизаҳои озодихоҳии халқҳои он таваққуф карда, таъсири Инқилоби Октябрро ба олами Шарқ ва вусъати ҳаракатҳои инқилобии онҳо хотиррасон менамояд”.

Дар пешгуфтори китоб академик М. Имомзода навиштааст: “Муҳаққиқ Эҳсон Сафарзода азм дорад, ки публитсистикаи сиёсии устод Айниро ҳамаҷониба ва комил пажуҳиш ва дар шакли рисолаи илмӣ пешниҳод намояд. Омӯзиши публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ, аз як тараф, ба дарку маърифати мафҳуми мазкур мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, саҳифаи навро дар илми публитсистикашиносии тоҷик (махсусан, публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ) боз мекунад ва заминаро барои пажуҳишҳои минбаъда муҳайё месозад”.

Китоби мазкур дар заминаи омӯзиши бардавом ва бо такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ таълиф гардида, дар он бори аввал ба публитсистикаи сиёсии устод Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳ шудааст. Таҳлилу пажуҳиши муҳаққиқ доманадору фарогир буда, хонандаро ба паҳлуи таҳқиқнашудаи осори устод Айнӣ шинос менамояд.

Шоистаи таъкид аст, ки Э. Сафарзода солҳо боз ба пажуҳиши осори публитсистии устод Айнӣ машғул буда, рисолаи номзадиро таҳти унвони “Масъалаҳои ҳувияти миллӣ дар публитсистикаи устод Айнӣ” ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология гашт.

Бояд гуфт, ки “Назаре ба публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ” китоби чоруми муҳаққиқ Эҳсон Сафарзода буда, қаблан китобу монографияҳои “Ҳувияти миллӣ дар осори публитсистии устод Айнӣ”, “Устод Айнӣ ва ҳувияти миллӣ” ва “Роль Садриддина Айни в становлении национального самосознания таджиков”-ро ба табъ расонидааст.

## АДАБИЁТ

# ГУЛИСТОНИ СУХАН

*Азиз НЕСИН,*
*адиби Туркия*



## АГАР…

***Дӯсти азизам, Бахрӣ Филфил!***

Аз ту ниҳоят миннатдорам, ки хат кардӣ. Умедворам, ки мактуби ман, агар дар почта гум нашавад, сензура иҷозат диҳад, агар хаткашон унвони лифофаро дуруст хонда тавонад ва агар то он вақт хонаатро вайрон карда туро накӯчонанд, агар хӯҷаини хона шуморо пеш накунад, ба дасти ту мерасад.

Бародари меҳрубон, Бахрӣ Филфил, ту пурсидаӣ, ки ман хонадор мешавам? Агар номзади ман кор ёфта тавонад, агар соҳибкор ба иззати нафсаш сахт нарасаду аз кор пеш накунад, агар мо он қадар пуле ёбем, ки ҳуҷрае ба иҷора гирифта тавонем, агар мо қудрати харидани баъзе ашёи рӯзгор пайдо кунем, агар иқтисодиёт, чунон ки сарвазир ваъда дод, дар ҳақиқат ҳам тараққӣ кунад, агар зиндагии мо ки ваъдаи беҳбудиашро аз рӯзи азал то ҳол мешунавам, аз ростӣ ҳам серу пур шавад, агар моҳонаи маро зиёд кунанд, агар маро ба ихтиёри вазорат чеғ зада, ба ягон гӯшаи дурдаст нафиристонанд, агар маро аз кор наронанд, Худо хоҳад, ба ҳамин наздикиҳо хонадор хоҳам шуд.

Азизам Бахрӣ Филфил, ту аҳволи холаат хонум Сафияро пурсидаӣ. Агар холаат доруҳое, ки аз рӯйи ҳисоб ҳафтумин духтур фармудааст, ёфта тавонад, агар дар касалхона ҷои холие пайдо шавад, ки ӯро ҷарроҳӣ кунанд, агар бахташ тобаду барои Аврупо рафта табобат кардан пули хориҷӣ ёбад, агар киштие, ки ӯ меравад, ғарқ нашавад, насӯзад ва дар бандаре дарнамонад, агар ба ивази қарзҳо молу мулкашро мусодира накунанд, агар хола аз тафтиши сарҳадчиён сиҳат саломат гузарад, агар ӯро барои тавқе, ки ба шавҳараш тухфа мебарад, савдогар гӯён гунаҳгор накунанд ва агар вай то он вақт зинда монад, Худо хоҳад хола тандурусту бардам мешавад.

Бародарам, Бахрӣ Филфил, ту аз вазъияти командаи футбол дар соли ҳол пурсидаӣ. Агар то оғози бозиҳо мо дарвозаамонро танг карда тавонем, агар дар вақти бозӣ чашми бозингарон аз офтоб хира нашаваду шамоли мувофиқ хезад, агар довар тарафи командаи моро гирифта, ҳама голҳоро ҳисоб кунад ва ҳаводорон гулӯ даронда фарёд кашанд, ки бозингарони командаи ҳариф «Гованд! Аз майдон дафъ шаванд!» ва ба сари онҳо сӯтаи ҷуворӣ, шиша ва дигар чизҳо партофта рӯҳшикаста карда тавонанд, ман аминам, ки он вақт мо чемпион мешавем.

Худамон бошем, агар телефонҳо бо таъсири боду борон вайрон нашаванд, агар газро набанданд, агар чароғҳо аз набудани қувваи электр намуранд, агар радио вайрон нашавад, агар трубаҳои обгузар накафанд ва бо ин сабаб роҳҳо баста нашаванд, агар нон қимат нашавад, он гоҳ хушбахт мешавем.

Ту аҳволи амакамро пурсидаӣ, Бахрӣ Филфил, ки ҷавоб медиҳам... Агар амакам ба Анқара равад ва дар он ҷо воситаи пора, ҷӯрабозӣ ё ягон илоҷи дигар салоҳи корашро ёбад, агар одаме, ки худро ҳамсабақи ӯ мегӯяд, чунин вонамуд накунад, ки ӯро намешиносад ва ба коре тавсия диҳад, агар ӯ барои қарз гирифтан аз банк рухсатнома гирифта тавонаду ба савдо машғул шавад, агар ӯ то он вақг тоқат карда тавонаду ба дараҷаи девонагӣ нарасад, иншоолоҳ, хуб мешаванд.

Бародарам, Баҳрӣ Филфил, агар Ҷонгизи хурдакак дар ҳамон синфе, ки порсол хонда буд ва он синф навад талаба дошт, нахонад, агар дар мактабҳо хондан дар се баст набошад, агар дарсҳо бо баҳонаи нарасидани муаллим нагузашта намонанд, агар Ҷонгиз дубораву себора имтиҳон насупорад, умед аст, ки имсол дар синфаш намемонад.

Бародарам, Баҳрӣ Филфил, ба он саволе, ки ту дар хатат дода будӣ, ба ман муяссар шуд, ки ҷавоб ёбам. Натиҷаашро менависам: агар моҳӣ ба сафедор барояд, агар сари кал мӯ барорад, агар барзагов дар шохи бед хона монад, агар зангӣ сафед шавад, агар офтобро бо домон пӯшанд, агар гурбаҳо ҷомашӯӣ кунанд, агар ба осмон нордбон гузоранд, ҳамон вақт мақсадҳои ту ҷомаи амал мепӯшанд.

Бародари азизам, Баҳрӣ Филфил, мактуби туро бо ҷон интизорам. Мебӯсам.

***Тарҷумаи Ӯрун КӮҲЗОД***

* * * * *

***Жан де ЛАФОНТЕН***
***нависандаи Фаронса***

# СУДХӮР ВА МӮЗАДӮЗ



Судхӯре ниҳоят бой дар хонаи боҳашамате мезист, ҳар чизе мехост, мехӯрду менӯшид, аммо фоҷиааш ҳамин буд, ки дуруст хоб карда наметавонист: гоҳо дар хаёлаш меомад, ки дуздон ба ӯ ҳамла мекунанд, гоҳо ба сараш фикри муфлисшавӣ мезад, гоҳ-гоҳе рӯзи маҳшарро низ ба ёд меовард.

Танҳо наздики субҳ хобаш меомад, аммо замзамаи сурудхонии хушнудонаи ҳамсояаш – мӯзадӯзи камбағал ба ин халал мерасонд: аҷаб, ки ин мӯзадӯз шаб то саҳар мӯза медӯхту суруд мехонд ва дамодам бӯса ба рухи ёри меҳрубон мезад, бо вуҷуди он ки дар як кулбаи назарногире дар ҳамсоягии ӯ мезист.

Судхӯр аз ин ҳол ба танг меомад, чанд бор хоҳиш кард, ки сурудхониашро бас кунад, мӯзадӯз гапашро намегирифт… Дурудароз фикр карда, илоҷи корро гӯиё пайдо кард: мӯзадӯзро ба хонааш даъват карду аз вазъу ҳолаш пурсон шуд: мӯзадӯз шикоят накард, шукр, кораш бисёр, хонумаш зебову озода, дигар чӣ лозим барои як зиндагии одамӣ…

Судхӯр пурсид, ки оё ҳамсояааш мехоҳад, ки бой шавад? Мӯзадӯз: бойигарӣ то ҳол ба ягон кас халал нарасондааст. Судхӯр, ки интизори чунин посух буд, дарҳол ба ҳамсояаш як халта пул дода мегӯяд: «Ту аз аввал ба ман маъқул будӣ, ин пулҳоро бигиру кайфу сафо кун». Мӯзадӯз пулҳоро гирифта, ба хона метозад, баъди андешаи зиёде он халтаро дар таҳхонааш пинҳон мекунад, аммо аз ҳамон лаҳза кайфаш мепарад: ба дарди бехобӣ гирифтор мешавад, ҳама гуна садоҳо боиси ташвишаш мегарданд, гумон мекунад, ки ба кулбааш дузде омадааст ё ягон балои дигаре…

Хулоса, дигар барои замзамаи суруду хушҳолӣ ва бӯса ба рухи ёри дамсозаш на вақт меёбаду на хоҳиш…

Охири охирон мӯзадӯз халтаи пулро ба ҳамсояааш баргардонда изҳор мекунад: «Ту бо пулҳоят чи хеле мехоҳӣ, зиндагӣ куну ба ман кордор нашав, хушҳоливу сурудхонии ман аз ин пулҳо дида арзиши зиёдтаре доранд…».

***Хулосаи масал:*** *Сарвате, ки боиси парешонии фикр ва ташвиши рӯҳӣ бошад, сарват не, фоҷиаи рӯзгори одамист. Вақти хуши камбизоате аз сарсонии фикрии ҳар сарватманд ҳазор бор беҳтар аст. Ками беғам насиби озодагону худододагон аст.*

***Тарҷума ва хулосаи Ҳафиз РАҲМОН***

**ТОЗАНАШР**

***Н.САНГИНЗОДА***

# МИНБАРИ ИЛМУ ДОНИШ




## “ҲИКОЯТҲО ВА ҲИДОЯТҲО АЗ “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ”

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ яке аз чеҳраҳои дурахшони адаби форсу тоҷик маҳсуб ёфта, бо эҷоди асарҳои арзишманду омӯзанда дар рушди маънавии аҳли сайёра нақши мондагор гузоштааст. Имрӯз асарҳои ӯро дар тамоми ҷаҳон меомӯзанд ва аз ҳикмату андешаҳояш баҳраманд мегарданд. Дар меҳвари нигоштаҳои Мавлоно инсони шоиста қарор дорад ва ба ростиву накукорӣ ҳидоят мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҷодиёти ин орифи бузург бо теъдоди зиёд чоп ва дастраси хонандагон шуда, ҳамсола 30 сентябр – Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар тамоми муасссисаҳо дар сатҳи баланд таҷлил мегардад. Аз ин ҷост, ки тамоми қишрҳои ҷомеа асарҳояшро мехонанд ва зери таъсири ҳикматҳояш қарор мегиранд. Бояд гуфт, ки “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ яке аз серхонандатарин ва машҳуртарин осори назмии форсу тоҷик мебошад. Дар кишвари азизамон ин асар борҳо чоп гардидааст ва ба таври насрӣ низ баргардон шудааст. Бо гузиниш, тасҳеҳ ва пешгуфтори номзади илми филология Шодӣ Шокирзода нашри чоруми китоби “Ҳикоятҳо ва ҳидоятҳо аз “Маснавии маънавӣ” (- Душанбе: Ирфон, 2023. – 448 с.) ба нашр расид, ки туҳфаи арзанда барои аҳли илму адабу фарҳанг мебошад. Достонҳое, ки Мавлоно Ҷалолидини Балхӣ бо зарофату табъи бемонандаш дар китоби монданӣ ва хондании “Маснавии маънавӣ” овардааст, бо баёни содаву зудёб гузориш шудааст, то ҷавонони адабдӯст битавонанд бад-ин васила, вориди дунёи “Маснавӣ” шаванд, ҳикоятҳои онро биомӯзанд ва аз ҳидоятҳои он баҳраманд гарданд.

Дар пешгуфтори китоби мазкур бо номи “Хуршеди маърифат” муқаққиқ Ш. Шокирзода ба таври муфассал фаъолият ва эҷодиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхири мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, паҳлуҳои нави эҷодии ӯро барои хонанда равашан намудааст. Ба таъкиди муҳаққиқ, “Маснавии маънавӣ” муҳимтарину машҳуртарин асари Мавлоно ва яке аз бузургтарин намунаи назми ирфонии форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Он дар фалсафа, ирфон ва ахлоқ иншо шуда, аз шаш дафтар иборат аст ва дар баҳри рамали мусаддаси маҳфуз ё мақсур (фоъилотун, фоъилотун, фоъилун ё фоъилот) таълиф гардидааст... Ин асар маҳсули даврони пухтагӣ ва камоли завқу андешаи Мавлоно буда, яке аз гаронбаҳотарин мероси ирфониву ахлоқӣ дар адабиёти ҷаҳон аст... Китоби “Ҳикоятҳо ва ҳидоятҳо аз “Маснавии маънавӣ” бо истиқбол ва ҷонибдории амиқ ва тасмими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ҳамасола дар таърихи 30-юми сентябр ҷашн гирифтани “Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ” дар кишвари азизамон таҳия гардид. Нашрҳои қаблии ин китоб аз ҷониби дӯстдорони илму адаб ба хушнудӣ истиқбол гардида, дар саҳифаҳои матбуот тақризу китобиёти фаровон низ мунташир шуданд”.

Дарвоқеъ, китоби “Ҳикоятҳо ва ҳидоятҳо аз “Маснавии маънавӣ” бо забони равон таълиф шуда, калимаҳои душфорфаҳми он шарҳу тавзеҳ ёфааст, ки хонанда зуд умқи андешаҳои ҳикматбори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дарку маърифат мекунад, ки омӯзишу мутолиаи он барои аҳли ҷомеа муҳимму самарабахш мебошад.




## “ВАТАНДОРӢ ШАРАФМАНДИСТ”

Китоб манбаи илму дониш ва роҳнамову роҳкушо мебошад. Нақши сухан дар рушди тафаккур ва ташккули ҷаҳонбинӣ муҳим аст. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи мо ба омӯзишу мутолиа таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад ва мунтазам китобҳои судманд ба чоп мерасанд. Ба ин мазмун китоби нави ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Сайидмуъмин Раҳимов, доктори илми филология, профессор Шодӣ Сафаров бо номи “Ватандорӣ шарафмандист” (-Душанбе: Маориф, 2022. – 168 с.) аз чоп баромад. Китоби мазкур силсилаи навиштаҳои ӯро дар даҳ соли охир, ки дар нашрияи “Омӯзгор” ба табъ расидаанд, дар бар мегирад. Ин асар фарогири 20 мақола, 3 мусоҳиба ва ду тақриз буда, муаллиф дар онҳо ҷавонону наврасонро ба омӯзиши илму дониш, дӯстдоштани Ватан, дар пешравии меҳан саҳм гузоштан, тарзи ҳаёти солим талқин намуда, нақши варзишгарони тоҷикро дар муаррифии Тоҷикистон бозтоб намудааст. Мавсуф мулоҳизаву андешаҳояшро дар заминаи омӯзишу таҷриба ва мушоҳида баён намудааст, ки омӯзандаву муфид мебошанд. Номи мақолаҳои китоб низ ҷолибу муассир буда, зуд диққати хонандаро ҷалб мекунад. Аз ҷумла, “Эй Ватан, бо Пешво поянда бош!”, “Мо аз тобори озодагонем”, “Зиҳӣ бахту зиҳӣ иқболи тоҷик”, “Ватанамонро бештар обод намоем”, “Ваҳдат – бахту саодати миллат”, “Ҷавонон ояндасозу парчамафрози миллатанд” ва ғайра, ки далели гуфтаҳои болост.

Мақолаҳои китоб асосан дар доираи ҷашну рӯзҳои таърихӣ таълиф шудаанд ва як навъ муҳаббатномаи муаллифро ба Ватан ва арзишҳои фарҳангиву миллӣ нишон медиҳад.

## «ТАКОНҲОИ БЕРУНА ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»



Китоби олими иқтисодшинос Ғиёс Ғоибназаров таҳти унвони «Таконҳои беруна ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (-Душанбе: Ирфон, 2023) ба нашр расид. Дар китоб ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таъсири таконҳои берунӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар асари мазкур арзёбии таъсири таконҳои берунӣ ба амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи омилҳо гурӯҳбандӣ гардида, зарурати ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ бо мақсади воридоти технологияи муосири истеҳсолӣ ва равона сохтани он ба корхонаҳои дорои таъйиноти истеҳсолӣ бо мақсади таъмини амният ва рушди иқтисодиёти миллӣ, ҳамзамон, диверсификатсияи содирот ва воридотивазкунии онҳо асоснок карда шудааст.

Китоби «Таконҳои беруна ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба донишҷӯён, аспирантон, унвонҷӯёни мактабҳои олӣ ва кормандони илмие, ки ба омӯзишу таҳқиқи амнияти иқтисод машғуланд, муфид мебошад.




## «ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР МАҶАЛЛАИ «ОЙИНА»

Китоби номзади илми филология Гулхумор Дадобоева бо номи «Ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Осиёи Миёна дар маҷаллаи «Ойина» (“Социально-политическая жизнь Средней Азии ва журнале “Ойина”. -Душанбе: Ирфон, 2023. – 51 с.) ба табъ расид. Китоби мазкур фарогири бахшҳои “Нақши маҷаллаи «Ойина» дар тарғиби ғояҳои маърифатии ҷадидия”, “Таҳлили маводи публитсистии маҷалла оид ба мушкилоти

муҳимтарини ҷомеа” ва “Хусусиятҳои жанрӣ ва мавзуии навиштаҳои иттилоотию таҳлилии маҷаллаи «Ойина» таркиб ёфтааст.

Дар китоби мазкур маҷаллаи «Ойина» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар омӯзиши таърихи ташаккули журналистикаи миллӣ сарчашмаи арзишманд аст. Бояд гуфт, ки дар саҳифаҳои маҷаллаи мазкур дар бораи дигар матбуоти даврии ибтидои асри XX маълумоти зиёде пешниҳод гардидааст, ки омӯзишу таҳлили онҳо дар шинохти бештари таърихи матбуоти даврии тоҷик мусоидат мекунад. Дар ин асар бори аввал таърихи таъсис ва мазмуну муҳтавои маводу матолиби маҷалла таҳқиқ шудааст.

Китоби зикршуда барои омӯзгорону донишҷӯёни ва муҳаққиқони соҳаи журналистикаи судманд мебошад.




## “МУНДАРИҶАИ МАЪНОИИ ВОҲИДИ ФРАЗЕОЛОГӢ ВА НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ТАШАККУЛИ ОН”

Монографияи номзади илми филология, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳамрохон Дӯстзода бо номи “Мундариҷаи маънои воҳиди фразеологӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули он” (Душанбе, 2023. – 144 с.) аз чоп баромад. Дар рисолаи мазкур мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ (муболиға, истиора, ташбеҳ, кинoя ва тавсиф) дар ташаккули мундариҷаи маънои фразеологизмҳои забони адабии муосири тоҷикӣ баррасӣ шудааст. Муқаррар шудааст, ки сохтори маънои воҳидҳои фразеологӣ аз қабатҳои гуногун иборат буда, воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули он мавқеи асосӣ доранд. Онҳо тавассути маҷози забонӣ дар тавлиди маънoҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳии фразеологизмҳо нақши устувор доранд.

Китоби мазкур барои донишҷӯён, унвонҷӯён, аспирантон, доктрантон, доираи васеи муҳаққиқони забоншинос, ки бевосита дар шохаи маъношиносӣ ва фразеологияи забони тоҷикӣ пажуҳиш мебаранд, тавсия дода мешавад.

## “АСОСҲОИ ЛИНГВОДИДАКТИКИИ ТАЪЛИМИ ПУНКТУАТСИЯ ВА НАҚШИ ОН ДАР САВОДНОКИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ”




Монографияи номзади илми филология, омӯзгори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гадобегим Камолова таҳти унвони “Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ” (-Душанбе, 2023. – 120 с.) аз чоп баромад. Рисолаи мазкур аз ду боб таркиб ёфтааaст. Боби якум “Асосҳои назариявии таълими аломатҳои китобат дар мактаб” ном дошта, дар он вазифаву аҳамияти истифодаи аломатҳои китобат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, принсипҳои таълими аломатҳои китобат, мавқеи онҳо дар барномаву китобҳои дарсӣ ва корҳои илмӣ ва метод, тарз ва воситаҳои таълими аломатҳои китобат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюм “Аспектҳои методии кор бо аломатҳои китобат дар раванди таълими ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ” унвон дошта, масъалаҳои таълими аломатҳои китобат вобаста ба мақсади баён ва оҳанги талаффузи ҷумлаҳои сода, чиддаазо ва калимаю ибораҳое, ки аъзои ҷумла нестанд ва тадриси он ҳангоми омӯзиши нутқи айнаннақлшуда дар синфи VIII-ро дар бар мегирад.

Рисолаи мазкур дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳои назарӣ ва амалии методикаи омӯхтани аломатҳои китобат таълиф гардида, донишомӯзон ба хелҳои гуногуни аломатҳои китобат шинос шуда, ифoданокии нутқро дарк мекунанд.

**ШИНОХТ**

*Таҳияи АШРАФ*

# ТАБИАТ, ИЛМ ВА ТАФАККУРИ ТЕХНИКӢ



## ЭЛИ ЖОЗЕФ КАРТАН – ЯКЕ АЗ ПОЯГУЗОРОНИ ГЕОМЕТРИЯИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ

**(1869 – 1951)**

Эли Жозеф Картан 9-уми апрели соли 1869 дар Доломе (департаменти Изер)-и Фаронса таваллуд шудааст. Дар 43-солагӣ профессори ординарии Университет дар Париж гардидааст. Соли 1931 Картан ба узвияти Академияи илмҳои Париж пазируфта шудааст. Дар 25-солагӣ ба аҳли илм муаррифӣ гардид. Соли 1913 ӯ назарияи нимсодаи гурӯҳҳои Лиро кор кард, ки баъдтар онро бо геометрияи дифференсиалӣ ва топология якҷо намуд.

Проблемаи дуюме, ки Картан кор кардааст, “методи шаклҳои беруна” ном дорад.

Ӯ ин методро барои таҳқиқи муодилаҳои дорои ҳосилаҳои ҷузъии Пфафф татбиқ кардааст. Ӯ бо методи мазкур бисёр масъалаҳои геометрияи дифференсиалиро ҳал намудааст. Мавзуи муосири проблематикаи геометрияи дифференсиалӣ, аслан аз ҷониби Картан муайян карда шудааст. Эли Картан 6-уми майи соли 1951 дар 82-солагӣ дар Париж вафот кардааст. Картан то охири умр инкишофи соҳаҳои нав ба нави математикаро таҳқиқ намудааст.

## НИКОЛАЙ НИКОЛАЕВИЧ ЛУЗИН – УСТОДИ МАТЕМАТИКҲОИ БУЗУРГ

**(1883 – 1950)**



Николаи Николаевич Лузин дар байни математикҳои Шуравӣ ҷойгоҳои намоёнро ишғол мекунад. Лузин 9-уми декабри соли 1883 таваллуд шудааст. Соли 1915 пас аз ҳимояи рисолаи докториаш дар мавзуи “Интеграл ва қатори тригонометрӣ” ба гурӯҳи математикҳои барҷаста ворид гардидааст. Рисолаи мазкур як қатор ҳолатҳои муҳим, аз қабили структураи маҷмуъҳои ченшаванда ва функсияҳои ченшаванда, наздикшавии қаторҳои тригонометрӣ, паҳн кардани функсияҳо ба қаторҳои тригонометрӣ ва ғайраро фаро гирифтааст. Натиҷаи пажуҳиши мазкур роҳи инкишофи назарияи метрикии функсияҳоро муайян мекунад. Дар пажуҳишҳои минбаъдаи худ Лузин, ки соли 1917 профессори Университети Москва таъйин гардида, асосан бо назарияи функсияҳо ва фаслҳои математикае, ки дар онҳо методҳои назарияи функсияҳо татбиқ карда мешаванд, машғул шудааст. Лузин дар назди худ вазифа гузошт, то доираи татбиқи методҳои ба назарияи функсияҳои алоқамандро таҳқиқ намояд. Лузин пешгӯӣ кардааст, ки проблемаи ченшавандагиро барои ин маҷмуъҳо бо тарзи классикӣ ҳал кардан номумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти ҳосилкардаи Лузин ва шогирдони ӯ дар монографияи “Лексияҳо доир ба маҷмуъҳои аналитикӣ ва татбиқи онҳо”, ки соли 1930 аз чоп баромадааст, дохил карда шудааст.

Лузин ба ғайр аз назарияи функсияҳо, ки самти асосии корҳои таҳқиқиаш ба ҳисоб меравад, дар дигар соҳаҳои математика, аз ҷумла, анализи математикӣ, назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ, геометрияи дифференсиалӣ низ пажуҳиш анҷом додааст. Пажуҳишҳояш бо он фарқ мекунад, ки онҳо бо назарияи функсияҳо робита доранд. Ба ғайр аз ин, ӯ тавонистааст, ки ба мафҳумҳои аз ҳад тахаюлӣ маънии муайян ва фаҳмои геометрӣ бахшад.

Барои таҳқиқоти густурдааш дар рушди илми математика Лузин ба узвияти Академияи илмҳои ИҶШС (аз соли 1923 узви вобаста ва аз соли 1927 узви пайваста) қабул шудааст. Барои истеъдоди педагогӣ ва ҷалби ҷавонони соҳибистеъдод ба корҳои илмию таҳқиқотӣ Лузинро барҳақ ташкилкунандаи мактаби ҳоло машҳури математикҳои Москвагӣ номидан мумкин аст. Бисёре аз олимони бузург ба ин мактаб пайравӣ кардаанд, ки аз Александров, Меншов, Лаврентев ва Колмогоров аз ҷумлаи онҳо мебошад. Николаи Николаевич Лузин барои хизматҳояш дар рушду инкишофи илмӣ бо Ордени Байрақи Сурхи меҳнат сарфароз гардонида шудааст.

Хотиррасон мекунем, ки Лузин доктори фахрии Университети Варшава ва узви хориҷии Академияи илмҳои Полша интихоб гардида буд. Н.Н. Лузин 28-уми феврали соли 1950 аз олам даргузашт.



## КАЗИМЕЖ ЖОРАВСКИ – ЭҲЁБАХШИ МАКТАБИ МАТЕМАТИКИИ КРАКОВӢ

**(1866 – 1953)**

Казимеж 23-юми июни соли 1866 дар Шучин дар наздикии Сеханова таваллуд шудааст. Ӯ соли 1884 пас аз хатми гимназия ба факултети математикаи Университети Варшава дохил шуда, соли 1888 барои коркарди тезисҳои астрономии дар асоси таҷрибаҳои худ анҷомдода бо дипломи магистри фанҳои математикӣ мушарраф гардид. Ӯ дониши математикиашро дар Олмон дар университетҳои Лейпсиг ва Геттинген такмил дод аст. Махсусан, зиндагӣ дар Лейпсиг дар фаъолияти минбаъдаи Жоравски нақши ҳалкунанда бозидааст. Дар он замон асосгузори назарияи гурӯҳҳои бефосила Ли, ки дар Университети Лейпсиг лексия мехонд, дар ҳаёти Жоравский таъсири бузург гузоштаст. Корҳои нахустини Жоравски дар мавзуи пешниҳодкардаи Ли эҷод шудаанд ва барои иҷрои онҳо ба ин олим дараҷаи илмиаш докторӣ дода шуд. Сипас, Жоравский фаъолияташро дар Институти политехникии Лвов ба сифати дотсент оғоз кардааст.

Соли 1895 дар Университети Ягеллонски Краков ба сифати профессори экстроординарӣ фаъолият намуд. Пас аз се сол ба вазифаи профессори ординарӣ гузаронида шуда, декани факултети философия ва баъдтар, ректори ҳамин университет (солҳои 1917-1918) кор кардааст. Жоравский соли 1919 ба Варшава бармегардад ва дар Институти политехникӣ ва университети он ҷо то ба нафақа баромаданаш (соли 1936) лексия мехонад. Жоравский 23-юми январи соли 1953 вафот карда аст.

Жоравский муаллифи 70 асари илмӣ мебошад, ки саҳми ӯро дар инкишофи математикаи ҷаҳонӣ нишон медиҳанд. Мутаассифона, корҳои ӯ он қадар маъмул нестанд, чунки бо шохаи хеле мураккаби математика - инвариантҳои гурӯҳҳои бефосилаи табдилдиҳиҳо алоқаманданд. Аммо, музаффарияти бузурги Жоравский на таҳқиқи тахаюлӣ бо гурӯҳҳои бефосилаи табдилдиҳӣ, балки татбиқи онҳо дар соҳаҳои гуногуни математика, асосан, ҳангоми ҳалли

муодилаҳои дифференсиалӣ, инчунин, дар геометрия ва физика бештар дида мешаванд. Жоравский яке аз нахустин олимоне буд, ки эҷодиёти намояндагони мактаби математикии краковиро эҳё гардонидааст. Журавский узви бисёре аз ҷамъиятҳои илмӣ, аз ҷумла, узви Академияи дониши Полша, узви Ҷамъияти илмӣ ва адабии ашрофони Чехия ва соли 1951 ба узвияти фахрии Академияи илмҳои Полша пазируфта шудааст.



## ВСЕВОЛОД ИВАНОВИЧ РОМАНОВСКИЙ – ПОЯГУЗОРИ МАТЕМАТИКАИ МУОСИР ДАР ҶШС УЗБЕКИСТОН

**(1879 – 1954)**

Математики машҳури Шуравӣ Всеволод Романовский солҳои 1911-1915 аввал дотсент, баъд профессори Донишгоҳи Варшава буд. Солҳои минбаъда (1915-1918) дар Донишгоҳи Ростов ва аз соли 1919 дар Донишгоҳи Тошкант ҳамчун омӯзгор кор кардааст. Соли 1943 Романовский ба узвияти Академияи илмҳои ҶШС Узбекистон қабул гардидааст. Корҳои муҳимми таҳқиқотии ӯ ба назарияи эҳтимолиятҳо ва статистикаи математикӣ тааллуқ доранд. Ӯ дар таҳқиқи занҷирҳои Марков ба дастовардҳои илмӣ ноил гашта, доир ба ин мавзуъ китоби дарсӣ навиштааст. Ӯ бо анализи математикӣ, аз ҷумла, бо интегронидани муодилаҳои дифференсиалӣ машғул шудааст. Романовский методҳои классикии назарияи эҳтимолиятҳо ва статистикаи математикиро таҳқиқ карда, мисолҳои зиёди татбиқи статистикаи математикиро дар соҳаҳои мухталифи илм ва фаъолияти амалӣ овардааст.

Пас аз вафоти Романовский корҳои зиёди ӯ оид ба статистика дастнавиштҳояш боқӣ монда буд. Шогирдону ҳамкоронаш – кормандони шуъбаи назарияи эҳтимолиятҳо ва статистикаи математикии Институти математикаи ба номи В.И.Романовскийи Академияи илмҳои ҶШС Узбекистон барои ба нашр омода сохтани ин дастхатҳо заҳматҳои зиёд кашиданд. Ҳамин тавр, соли 1961 ҷилди якуми монографияи асарҳои Романовский “Статистикаи математикӣ” ва ҷилди дуюмашро доир ба рушди илми математика тайёр намуданд.

## ҶАВОБҲОИ “ЧАЙНВОРДИ НАВРӮЗӢ”

1. Адрас. 2. Саодат. 3. Театр. 4. Рудоба. 5. Арча. 6. Ашан. 7. Наврӯзнома. 8. Андалеб. 9. Бечка. 10. Аврангзеб. 11. Баҳористон. 12. Найшакар. 13. Рӯбоҳ. 14. Ҳафтсин. 15. Нуҷум. 16. Мавзуна. 17. Алмос. 18. Суманак. 19. Карбос. 20. Саратон. 21. Нилуфар. 22. Рамазон. 23.Наврӯз. 24. Зардушт. 25. Товус. 26. Савр. 27. Расадхона. 28. Андароб. 29. Бурҷ. 30. Ҷавзо. 31. Озар. 32. Рӯймол. 33. Лучоб. 34. Бузкашӣ. 35. Исфаҳон. 36. Нок. 37. Камзӯл. 38. Лочин. 39. Намад. 40. Дутор. 41. Ревоҷ. 42. Ҷомадон. 43. Нахчир. 44. Русто.

# МУАММОИ «ҲАҚИҚАТ»




1. Ҳаммаънои вожаи мамлакат. 2. Хазанда. 3. Аъзои пайрави ҷумла. 4. Жанри адабӣ. 5. Дарёе, ки панҷсад шохоб дорад. 6. Шаҳр дар қитъаи Осиё. 7. Муродифи калимаи шоҳ. 8. Банд, ришта. 9. Ҳиссаи нутқ. 10. Истилоҳи илми мусиқӣ. 11. Мошини сабукрави хориҷӣ. 12. Ҷирми осмонӣ. 13. Маликушшуаро. ***, адиби шинохтаи эронӣ. 14. Қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 15. Шаршараи калонтарини олам. 16. Ченаки моеъ. 17. Миллат. 18. Генералиссимус. 19. Дарё дар Федератсияи Россия. 20. Мева. 21. Аз дунё рахт бастан. 22. Воситаи футбол. 23. Шаҳр дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ. 24. Кандании фоиданок. 25. Навъи хати арабӣ. 26. Ҳаммаънои корвон. 27. Андози давраи амирӣ. 28. Моеъи хушбӯй. 29. Лётчик – кайҳоннаварди Иттиҳоди Шуравӣ. 30. Калимаҳои нави забонро гӯянд. 31. Тарозу. 32. Навъи спирт. 33. Ба манзил мерасонад. 34. «Чун надиданд ***, раҳи афсона заданд» (Ҳофиз). 35. Шаҳр дар Шимоли Тоҷикистон. 36. Сафед, сиёҳ. 37. Нахустин кайҳоннаварди Иттиҳоди Шуравӣ. 38. Илми ситорашиносӣ. 39. Пойтахти собиқ ҷумҳурии Шуравӣ. 40. Шаҳр дар Ҷануби Тоҷикистон. 41. Маркази Давлати Сомониён. 42. Шахси сеюми шумораи ҷамъ. 43. «***, ҷонам ба қурбонат, вале ҳоло чаро?» (М. Шаҳриёр). 44. Ишораҷонишин.

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД***